**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ 351.7:355.58 (575.3)**
**ТКБ 67.99 (2) 116.31 (2 тоҷик)**
**Н – 92**

**НУРУЛЛОЗОДА МЕҲРУЛЛО**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳаёт Сайдамир**

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ ................4**

**МУҚАДДИМА ......................................................................................5**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ.........................................................18-58**

1.1. Тамоюлҳои асосӣ оид ба муайян намудани мафҳум ва намудҳои ҳолатҳои фавқулода ...........................................................................18

1.2. Асосҳои консептуалии ташкили идоракуниии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ................32

1.3. Тавсифи умумии хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи ҳуҷҷатҳои консептуалии самтӣ ....................................................................................48

**Боби 2. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНИДОШТА .....................59-104**

2.1. Танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ...............................................59

2.2. Асосҳои ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ...............................................72

2.3. Накши ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ..................................86

**БОБИ 3. МУКАММАЛСОЗИИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ВА ДИГАР МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА РАФЪИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ ........... 105-130**

3.1. Мукаммалсозии асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ .........................................................105

3.2. Мукаммалсозии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ........................................ 117
**ХУЛОСА ............................................................................................... 131**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ................................................................. 136**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО) ................................................... 139**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ........................................................................................ 161**
**ЗАМИМАҲО ......................................................................................... 164**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

КҲФМГ – Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании

КМГ – Кодекси мурофиаи граждании

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

МКД – Мақомоти корҳои дохилӣ

НЯДПРҲФ – Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода

РВКД – Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СО – Ситоди оперативӣ

СХДО – Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ

СҲШ – Созмони Ҳамкориҳои Шанхай

ФР – Федератсияи Россия

ҶТ –Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШВКД – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

б. – банд

ғ. – ғайра

қ. – қисм

м. – модда

С. – саҳифа

с. – саҳифа

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ҳамасола бо фалокатҳои ҷиддии табиӣ ва техногенӣ, аз қабили заминларза, обхезӣ, ярч, тармафароӣ, сангрезӣ, сӯхтор ва ғайра рӯ ба рӯ мешавад [93, с. 8-13]. Роҳбарияти олии кишвар ба хатарҳои эҳтимолии марбут ба омилҳои тавсифшуда таваҷҷуҳи калон зоҳир менамояд. Аз ҷумла, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон меафзояд: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳодисаҳои табиӣ ва геологиву гидрологӣ, аз қабили боронгариҳои тӯлониву обхезӣ, омадани селу ярч, боридани барфи зиёду фаромадани тарма, инчунин, заминларза ба амал омада, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд» [151]. Кӯҳҳои баланд ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ омили монеагии ҷиддии алоқаи мавҷҳои радиоӣ ва сари вақт муайян намудани ҷойҳои ҳолатҳои фавқулода, мутаносибан ташкил ва гузаронидани амалиёти наҷотдиҳии фаврӣ ва бартараф кардани чунин ҳолатҳо мегарданд [95, с. 4-10].

«Бинобар дар масири хатҳои шикастаи сейсмикӣ қарор доштани кишвар, тибқи маълумоти коршиносони соҳа, эҳтимолияти дар ҳудуди 50% ҷумҳурӣ рух додани заминларзаҳои 9-балла, дар ҳудуди 38% заминларзаҳои то 8-балла ва дар ҳудуди 12% он заминларзаҳои то 7-балла имконпазир мебошад» [64, с. 8]. Оқибатҳои солонаи заминларзаҳои амплитудаҳои гуногун ба хоҷагии халқ ва сокинони кишвар зарари назарраси моддӣ мерасонанд ва баъзан боиси талафоти ҷонӣ мегарданд [97, с. 5-8]. Аз ин рӯ, ин самти фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ таҷдиди назар кардани асосҳои ташкилӣ - ҳуқуқӣ дар самти огоҳсозии саривақтии аҳолӣ ва омодасозии он дар самти кам кардани оқибатҳои чунин ҳолатҳо, бо назардошти рушди технологияҳои муосир ва воситаҳои муҳофизатӣ аз ҳолатҳои ғайричашмдошт, равиши навро тақозо менамояд.

Мувофиқи маълумоти ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО, «заминҷунбӣ аз ҷиҳати хисороти иқтисодӣ ва талафоти ҷонӣ дар ҷаҳон дар ҷойи аввал истода» [121 с. 379], «сабаби рух додани садамаҳои бузурги техногенӣ мебошанд» [130, с. 70]. Тибқи маълумоти расмӣ, дар маҷмуъ, дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна дар ду рӯз як офати табиӣ ба вуқуъ мепайвандад [25]. Мувофиқи тадқиқоти Институти муҳити зист ва бехатарии инсони СММ, ки оид ба осебпазирии кишварҳо ба тағйирёбии иқлим ҳамасола гузаронида мешавад, «дар рӯйхати тартибдодаи он Тоҷикистон дар байни 173 давлат мақоми 97-умро ишғол мекунад» [110, с. 131].

Дар ин робита, мавқеи муаллифон дар бораи он, ки иншооти саноатӣ, анборҳо барои нигоҳдории моддаҳои сахттаъсири заҳролуд, маводи тарканда ва маводи оташгиранда бояд дар масофаи назаррас аз маконҳои зисти аҳолӣ ва иншооти таъминоти ҳаётии онҳо ҷойгир бошанд, сазовори эътироф аст  [64, с. 11].

Тибқи иттилооти расмӣ, шумораи умумии корхонаҳое, ки дар истеҳсолоташон моддаҳои сахтаъсири кимиёидор истифода мебаранд, зиёда аз 21 ададро ташкил дода, дар ҷумҳурӣ 10 партовгоҳи калони радиоактивӣ мавҷуд мебошад. Инчунин, шумораи умумии хоктӯдаҳо дар партовгоҳҳои истеҳсоли уран дар кишвар зиёда аз 55 миллион тоннаро ташкил медиҳанд» [7].

Садамаҳои нақлиётӣ дар минтақаҳои кӯҳии душворгузар ва роҳҳои автомобилгарди дохиливу байналмилалии кишвар ба яке мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст. Тибқи омори расмӣ, ҳамасола дар ҳудуди ҷумҳурӣ то 2500 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта мешавад, ки талафоти инсонҳо ба шумораи то 400 нафар мерасад» [156].

Низомҳои кӯҳнаи таъминоти об ва идоракунии номутаносиби захираҳои обӣ низ мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меоранд, зеро нигоҳдорӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи чунин захираҳо дар давраи хушксолӣ боиси афзоиши офатҳои табиӣ мегардад. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-

ҳуқуқии марбут ба истифодаи оқилонаи захираҳои об аз нигоҳи экологӣ ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои истифодабарандагони об ва мақомоти идоракунӣ зарур аст [93, p. 1-2]. Ҷалби сармоягузорӣ барои навсозии инфрасохтор, системаҳои огоҳкунии саривақтӣ ва омодагии қувва ва воситаҳои манфиатдор барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ва техногенӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масоили мушкилоти об чунин таъкид менамояд: «Дар Тоҷикистон, саҳми ҳолатҳои фавқулодаи марбут ба об дар шумораи умумии офатҳои табиӣ ва ҳаҷми хисороти онҳо дар тӯли 20 соли охир аз 80 то 90 фоиз афзоиш ёфта, ба иқтисоди кишвар садҳо миллион доллар хисороти молӣ ворид кардааст» [152].

Таҳдиду хатарҳои номбурда, номгӯи пурраи онҳо набуда, танҳо барои инъикос намудани вазъияти кунунӣ ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки вокуниш вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани чунин падидаҳо, ки ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногениро ба бор меоранд, дарҷ гардидаанд.

Мушкили ҷиддӣ дар ташкил ва идоракунии қувваҳо ва воситаҳое, ки ба Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ (минбаъд - НЯДПРҲФ) дохил шудаанд, аз сабаби сатҳи нокифояи ташкили унсурҳои сохтории чунин низом ва мутаносибан, такроршавии функсияҳо байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулоддда ва мудофиаи граждании ҶТ (минбаъд – КҲФ ва МГ) ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВКД ҶТ) дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, маҳсуб меёбанд [28]. Мушкилоти номдурда ва дигар норасогиҳои марбут ба таҳдидҳо ва чолишҳои нав дар соҳаи таъмини амнияти ҳудуд ва шаҳрвандон аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз

ҷумла, ҳуҷҷатҳои консептуалии ВКД ҶТ, ки ба самтҳои умедбахши фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд - МКД) нигаронида шудаанд, вобаста ба истифодабарии дастгоҳҳои парвозкунандаи бесарнишин (минбаъд - ДПБ) ва имконоти зеҳни сунъӣ дар пешгирӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ таваҷҷӯҳи кофӣ зоҳир нашудааст. Дар лоиҳаи Барномаи ислоҳоти милисия барои солҳои 2026-2030 низ рушди ин самти афзалиятноки фаъолияти милитсия ва дурнамои он мушаххас нест. Инчунин, дар Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028 низ ин самти фаъолият аз madди назар дур мондааст.

Миқёс, намудҳо ва дараҷаи таҳдидҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои МКД ва воҳидҳои сохтории онро дар дохили як гурӯҳи муттаҳиди мутамарказ ва бисёрфунксионалӣ талаб мекунанд. Аммо, ташкил ва идоракунии чунин низомҳои функсионалӣ таҳқиқоти амиқи илмӣ ва амалиро талаб мекунад, ки аҳаммияти ногузири мавзуи тадқиқотро собит месозад.

Мушкилоти зикргардида мавриди таҳқиқоти комплексӣ қарор додани асосҳои назариявӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии фаъолияти МКД-ро оид ба пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тақозо менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таҳқиқот корҳои Абдураҳимова М.М. [68], Адилов А.Н. [69], Шарифзода Ф.Р. [89], Юсуфзода А.Ҳ. [92], Норов Ҷ.К. [79], Тоҳирова Ш.М. [83], Атаманчук Г.А. [40], Афанасев В.Г., Баранников А.Ф. [41], Бачило И.А. [42], Бахрах Д.Н. [99], Белов В.А. [100], Вишнякова В.Г., Воскресенский Г.М. [62], Дзейтов С.А. [131], Гелбрейт Дж.К. [44], Глушенко Е.В. [45], Кондрашов Б.П. [46], Котарбинский Т. [49], Кузнетсов И.Н. [50], Лазарев В.В. [51], Ларин А.М. [111], Кононов А.М. [55], Занина Т.М. [56], Петров А.С. [58], Петрова О.В. [122], Потапова С.А. [127], Рассолов М.М. [59], Веселий В.З. [62], Кирсанов С.А. [66], Малков В.Д. [62], Тичинин С.В. [131], Яновский В.В. [66], Ясунов П.А. [67], Попов

Г.Х. [80], Улянов А.Д. [132], Снеговой А.В. [129], Жаглин А.В. [105], Жуков Б.М. [106], Ямполская Ц.А. [137], Чагалидзе Д.Н. [85], Шмидт Т.Н. [91], ки бевосита ба назарияи идоракунӣ ва мавзуи мазкур моҳияти умумӣ доранд, истифода шудаанд.

Дар байни корҳои маъмул, ки бевосита ба масъалаи фаъолияти МКД ҳангоми ҳолатҳои фавқулода бахшида шудаанд, таҳқиқоти Анисимов В.Л. [37], Архипов Н.И. [38; 39], Баншикова З.Е. [98], Поспеев К.Ю, Мулуюкова М.В. [126], Караханов В.Е. [62], Мелхин А.В. [52], Микеев А.К. [53], Громов М.А. [54], Майдиков А.Ф. [112], Зайтсев А.П. [47], Остудин Н.В. [120], Попов С.Е. [80], Поспеев К.Ю. [126], Пономарев В.М. [123], Рустамов Р.А. [134], Старостин С.А. [81], Степанов А.Г. [82], Черних В.В. [86], Чемакина Д.Ю. [121], Шеин В.В. [90] ва дигар муаллифонро зикр кардан зарур аст.

Мушкилоти таъмини бехатарии ҳаёт ва фаъолияти аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бештар дар корҳои Азизхонов И.М. ва Маҷидӣ М. [96], Андамов Р.Ш. ва Алидодов Б.А. [97], Баншикова З.Е. [98], Порошин А.А. ва Харин В.В. [125], Абдураҳимов И.Н. [95], Папченко Н.Г. [121], Маликмамадов Ф.А. [95], Субханкулов Д.З. ва Шаповалова Г.Н. [130] мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзуи илмии кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД ҶТ «Идоракунии муосири фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи ҳуқуқ барои солҳои 2021-2025», «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» ва мавзуи таҳқиқотии Академияи ВКД ҶТ «Мушкилоти назариявӣ ва амалии муосирсозии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, мувофиқат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои калидии таҳқиқоти диссертатсиониро дарбар гирифта, дар он асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҲФ табиӣ ва техногенӣ бо таври умумӣ инъикос ёфтаанд. Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ нишон дода шуда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, объект ва мавзуи он кушода шудаанд. Асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикии таҳқиқот тавсиф гардида, навгонии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои илмӣ, назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф бо андешаҳо ва далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд.

Инчунин, унсурҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқотиро аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати рисола бо ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ, интишороти он ва сохтору ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот омӯзиши асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили фаъолияти МКД оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, муайян кардани мушкилоти ташкилӣ - ҳуқуқӣ дар ин самт ва таҳияи консепсияи мушаххас барои такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти воҳидҳои сохтории МКД ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи зикршуда ҳалли вазифаҳои таҳқиқоти ба ҳам алоқаманди зеринро тақозо менамояд:

– таҳлил намудани равишҳои асосӣ оид ба муайян намудани мафҳум ва намудҳои «ҳолатҳои фавқулода» ва дигар таърифҳои ҳуқуқии ба он ҳамҷавор;

– муайян кардани асосҳои бунёдии ташкил ва идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– тасниф кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз рӯи дараҷаи хатарнокии онҳо;

– тавсиф намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи фаъолияти МКД дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– муайян кардани асосҳои ташкилии фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– мушаххас сохтани нақши МКД дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодддаи табиӣ ва техногенӣ;

– ошкор намудани тамоюлҳои асосии такмил додани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти МКД ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– муайян кардани самтҳои афзалиятноки навсозии сохти ташкилии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи МКД ва дигар мақомоти манфиатдор оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие маҳсуб меёбанд, ки ҳангоми ташкил ва идоракунии ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ маҳсуб меёбанд. \

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди ташаккул ва рушди асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Давраи таҳқиқоти рисолаи илмӣ аз соли 2022 оғоз гардида, то имрӯз идома дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосноки олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили Анисимов В.Л., Архипов Н.И., Атаманчук Г.А., Афанасев В.Г., Баншикова З.Е., Баранников А.Ф., Бахрах Д.Н., Бачило И.А., Белов В.А., Вишнякова В.Г., Галкин Р.Н., Гелбрейт Ҷ.К., Глушенко Е.В., Громов М.А., Елагин А.Г., Жданова А.К., Зайтсев А.П., Захарова Е.В., Кондрашов Б.П., Кононова А.М., Котарбинский Т., Кузнетсов И.Н., Кулба В.В., Лазарев В.В., Ларин А.М., Левченко И.П., Ложкин И.Е., Майдиков А.Ф., Малкова В.Д., Мелхин А.В., Микеев А.К., Ноговитсин А.И., Папченко Н.Г., Пономарев В.М., Попов С.Е., Поспеев К.Ю., Рачкаускас А.В., Рустамов Р.А., Старостин С.А., Степанов А.Г., Тихонравов Ю.В., Федотов С.Б., Чагалидзе Д.Н., Чемакина Д.Ю., Юсуфзода А.Ҳ., Шарифзода Ф.Р., Шеин В.В. ва дигарон вобаста ба таълимоти назарияи идоракунӣ, ташкили идоракунӣ, асосҳои идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сотсиологияи идоракунӣ, психологияи идоракунӣ, идоракунии ҳайати кормандон ва идоракунии МКД дар шароитҳои махсус, ки дар нашрияҳои илмӣ тавсиф ёфтаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**и диссертатсиониро усули диалектикӣ-материалистии омӯзиш ташкил медиҳад, ки дар доираи он усулҳои алоҳидаи илмӣ, системавӣ, мантиқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Ҳамзамон, бо мақсади омӯзиши мушаххаси масъалаҳои ҷойдошта дар самти ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ усулҳои анкетагузаронӣ ва пурсиши роҳбарони ҷузъу томи МКД дар ин самт истифода бурда шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**. Маълумоти омории фарогири фаъолияти ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ

дар панҷ соли охир аст. Инчунин, бо 200 нафар кормандону роҳбарони шуъбаҳои вазорати корҳои дохилӣ (минбаъд – ШВКД) ва Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД (минбаъд – СХДО) оид ба вазифа ва функсияҳои МКД дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нововарии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба фаъолияти ҷузъу томи МКД дар ҲФ табиӣ ва техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар доираи он ба баррасӣ ва коркарди истилоҳоти бунёдгузори фаъолияти МКД ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, аз қабили «ҳолатҳои фавқулода», «вазъияти фавқулода», «шароити махсус», «сохтори ташкилӣ» ва дигар истилоҳоти ҳамҷавор диққати махсус матраҳ гардидааст. Асосҳои назариявии ташкили идоракунии ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ (принсипҳо, мақсад, вазифа, функсияҳо ва ғ.) дар ҲФ фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ равшан сохта шудааст. Холигии қонунгузорӣ ва мушкилоти сохтори ташкилии низоми идоракунии мақомоти давлатӣ дар ин самт муайян карда шуда, роҳҳои мукаммалгардонии онҳо мушаххас гардидаанд. Консепсияи мукаммал оид ба такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ дар ҲФ фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асоснок карда шудааст, ки мафҳуми «шароитҳои махсус» таҷассумкунандаи фаъолияти пурзури хизмати ҷузъу томи МКД ва дигар сохторҳои қудратӣ дар ҳолати рух додани ҲФ табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, дар ҳолати эълон гардидани вазъияти фавқулода ва вазъияти ҷангӣ буда, мазмуни муттаҳидкунандаи шароитҳои махсуси пешбурди хизмати мақомоти қудратии давлатро дорад ва мустақар сохтани он дар сатҳи қонунгузорӣ барои мукаммал сохтан ва самаранокии фаъолияти

мақомоти давлатӣ дар ин самт мусоидат менамояд.

2. Муайян гардидааст, ки мафҳуми «сохтори ташкилӣ» маҷмуи унсурҳои дохили система ва мансабу уҳдадориҳои функсионалии кормандонро дар бар мегирад, ки бо пайвандҳои мутақобилаи амудӣ ва уфуқӣ пайвастанд ва ҳамчун шакли дохилии ташкилот нақшаи амалисозии мақсаду вазифаҳои фаъолияти ҷузъу томи алоҳидаи сохторро дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум менамояд. Мафҳуми пешниҳодгардида ҳамчун заминаи бунёдӣ барои тамоми системаҳои иҷтимоӣ баромад намуда, ба инобат гирифтани унсурҳои дохилии он барои ташкил намудани сохтори идоракунии МКД ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҲФ табиӣ ва техногенӣ манфиатпазир мебошад.

3. Бо мақсади баланд бардоштани саманокии фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мафҳуми «омодагии МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» таҳия гардидааст, ки ташкил намудани низоми идоракунӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои МКД-ро барои иҷро намудани вазифаҳои дарпешгузошташуда, дар муҳлати муайяни вақт, дарбар мегирад.

4. Ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият, вобаста ба ташкил ва идоракунии ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҲФ табиӣ ва техногенӣ консепсияи зерини дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст:

– таҳлил ва арзёбии воқеии ҳолатҳои фавқулода, вазъи ташкил ва фаъолияти муштараки қувваҳо ва воситаҳои МКД, аз ҷумла, самтҳои баланд бардоштани самаранокии чунин фаъолият;

– муайян намудани вазифаҳоии асосии МКД дар НЯДПРҲФ;

– тартиби созмон додан ва истифодабарии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи МКД дар минтақаи ҳолати фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– таъмини ҳуқуқии фаъолияти гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи МКД дар ҲФ табиӣ ва техногенӣ;

– навсозии фаъолият ва тақвияти имкониятҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии МКД;

– муайян кардани принсипҳои асосӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо, уҳдадориҳо ва сохтори чунин гурӯҳи муттаҳидкардашуда;

– таҳияи усулҳои муосир ва муайян кардани хусусиятҳои ташкили муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ байни субъектҳои иштирокчии НЯДПРҲФ;

– таъмини омодагии қувва ва воситаҳои МКД ва азнавсозии ҷузъу томи МКД барои фаъолият дар ҲФ табиӣ ва техногенӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо асоснок кардани хусусиятҳои ташкили фаъолияти қувваҳо ва воситаҳои ҷузъу томи МКД дар шароити рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, муайян кардани моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда аз нуқтаи назари муаллиф, таҳия ва пешниҳоди асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати такмили фаъолияти минбаъдаи мақомоти салоҳиятдор дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муқаррар гардидааст.

Муқаррарот, хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ мебошанд, балки метавонанд дар фаъолияти амалии МКД истифода шаванд. Аз ҷумла, дар фаъолияти амалии ШВКД, ҚМҲ СХДО, РВКД ва дигар ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; дар раванди таълим дар Академияи ВКД ҶТ ва дигар муассисаҳои таълимии ВКД, ки ба таълими фанни «Идоракунии МКД дар ҳолатҳои махсус» машғул мебошанд; дар таҳия ва такмили қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти МКД-ро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба танзим медароранд; дар корҳои таҳқиқотии олимон, ки ба омӯзиши фаъолияти МКД дар вазъияти фавқулода машғул мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот татбиқи амалии худро дар соҳаҳои зерин пайдо хоҳанд кард:

– дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати ҶТ, МКД, КҲФ ва МГ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми таҳлили масъалаҳои соҳавии илми сотсологияи идоакунӣ ва дигар таълимоти ҳамҷавор оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– дар ҷараёни омӯзиши фанҳои «Назарияи идоракунӣ», «Асосҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ», «Таъмини бехатарӣ аз сӯхтор».

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Истифодаи васеи усулҳои муосири таҳқиқотӣ дар ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ эътимоднокии натиҷаҳои рисоларо таъмин мекунанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, ба манбаъҳои қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, бар асоси пурсишҳои сотсиологӣ, маълумоти гуногуни оморӣ ва тавзеҳоти таҷрибаи амалии МКД асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои он, мутаносибан мазмуни он бо пуррагӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф бо нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, баромадҳояш дар доираҳои илмӣ (семинарҳо, конференсияҳо ва ғ.) дар ҷумҳурӣ ва хориҷа таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД ҶТ омода шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Тасвиб ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои таълимии «Назарияи идоракунӣ», «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароитҳои махсус», «Асосҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилии ҶТ» дар Академияи ВКД ҶТ гузаронида шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба ҳалли масъалаҳои алоҳидаи диссертатсия аз ҷониби муаллиф давра ба давра дар шакли маърӯзаи илмӣ дар конференсияҳои зерин пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– «Таъмини амнияти фаъолияти ҳаётӣ: мушкилот ва дурнамо» бо маърӯза дар мавзуи «Амнияти зиддисӯхторӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ: таҷрибаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Минск, Донишгоҳи ҳифзи граждании Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Белорус, 4 – 5-уми апрели соли 2018);

– «Илм ҳамчун муаррифгар: назария ва амалия» бо маърӯза дар мавзуи «Нақши илм дар дар замони муосир: мушкилот ва дастовардҳо» (ш. Москва, Академияи Вазорати мудофиаи гражданӣ, ҳолатҳои фавқулода ва рафъи окибатҳои офатҳои табии Федератсияи Россия, 21-уми феврали соли 2023);

– «Мудофиаи гражданӣ дар ҳимояи сулҳу амният», бо маърӯза дар мавзуи «Вазъи мудофиаи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Москва, Академияи Вазорати мудофиаи гражданӣ, ҳолатҳои фавқулода ва рафъи окибатҳои офатҳои табии Федератсияи Россия, 1-уми марти соли 2023).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– «Тоҷикистон кишвари пешсаф дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ вобаста ба об» бо маърӯза дар мавзуи «Энергияи обӣ: энергияи бехатар» (ш. Душанбе, МД «ТоҷикНИИГиМ», 30-юми марти соли 2018);

– «Тағйирёбии иқлим, ақибгардии пиряххо ва таъсири он ба захираҳои обии Осиёи Марказӣ», бо маърӯза дар мавзуи «Гидроэнергетика – сарчашмаи иқтисоди бехатар» (ш. Хуҷанд, ДДХ ба номи Б.Ғафуров, 31-уми марти соли 2018).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ нашр шудаанд, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсияшуда ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, замима ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

## 1.1. Тамоюлҳои асосӣ оид ба муайян намудани мафҳум ва намудҳои ҳолатҳои фавқулода

«Таъмини бехатарии аҳолӣ дар шароити ҳолатҳои фавқулода ба функсияҳои асосии давлат табдил меёбад, зеро таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти сиёсии он маҳсуб меёбад» [98, с. 250]. Дар амал татбиқ сохтани функсияи мазкур ба воситаи мақомоти махсус ваколатдоршуда пиёда карда мешавад.

Пеш аз моҳиятан баррасӣ намудани самтҳои асосии фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, мавриди омӯзиш қарор додани истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар фаъолияти МКД вобаста ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода истифода мешавад, муҳим мебошад. Зеро гуногунандешӣ вобаста ба фаҳмиши мазмуну моҳияти таърифҳои истилоҳоти ҳуқуқӣ аз қабили «ҳолатҳои фавқулода» ва «вазъияти фавқулода» боиси мухолифати назарияҳои илмӣ, мутаносибан каҷфаҳмии меъёрҳои ҳуқуқ дар ин самт гардидааст.

Аз ин лиҳоз, мавриди омӯзиш қарор додани этимологияи мафҳумҳои болозикр ногузир аст.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ», истилоҳи «вазъият» моҳиятан ҳамчун «ҳолат, шароит, авҳол, намуди зоҳирӣ, авзоъ ва қиёфаро дар бар мегирад» [147, с. 258]. Дар луғати забони русии Ожегов С.И. «ҳолат» гуфта, «омезиши шароит ва ҳолатҳоеро, ки вазъияти муайянеро ба вуҷуд меоранд, дарк карда мешавад» [141, с. 587]. Дар дигар луғатҳо низ қариб чунин фаҳмиш танинандоз аст.

Бояд зикр кард, ки дар идоракунии иҷтимоӣ мафҳуми «вазъ» бештар бо чунин мазмун дарк карда мешавад: «Ҳамчун маҷмуи шароит ва ё омилҳое, ки дар як минтақа ё дар фаъолияти ташкилот дар ягон давраи муайян ба вуҷуд омада, ба идоракунии фаъолияти чунин сохтор таъсиргузор мебошад» [140, с. 122].

Дар луғати Евгенева Л.П. бошад, истилоҳи «вазъият» чунин маънидод шудааст: «Шароит ё ҳодисае, ки бо дигар падидаҳо алоқаманд буда, мавҷудияти касе ё чизеро муайян мекунад» [142, с. 569]. Ин таъриф аз ҷониби муаллифони дигар низ дастгирӣ мешавад.

Мафҳуми вожаи «фавқулода», ки дар фаъолияти муқаррарии низомҳои иҷтимоӣ истифода намешавад, маънои ҳолати ногаҳон бавуҷудомадаро дорад. Дар баъзе адабиёт вазъияти фавқулода ҳамчун «вазъияти ғайричашмдошт, пешгӯинашаванда, ки фаъолияти пурзӯр ва чораҳои махсусро талаб мекунад» [131, с. 71], фаҳмида мешавад.

Вожаи «фавқулода» аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ворид шуда, маънои «аз одат берун» ё «ғайриоддӣ»-ро дорад. Яъне, «вазъияти ғайриоддие мебошад, ки амалигардонии чорабиниҳои махсусро талаб менамояд» [148, с. 379].

Аз нуқтаи назари Ожегов С.И., ибораи «ҳолати фавқулода (вазъият) ду маъно дорад:

– ҳамчун ҳолати истисноӣ, ғайриоддӣ;

– ҳамчун вазъият (ҳолат) ё шароите, ки дар реҷаи муқаррарии фаъолият пешбинӣ нашудааст» [141, с. 724].

Дар баробари ин, дар луғатҳои номбаршуда хусусиятҳои мушаххас мавҷуд нест, ки фаркияти мафҳумҳои «ҳолати фавқулода» ва «вазъияти фавқулода»-ро муайян кунанд.

Дар сарчашмаҳои дар боло зикршуда мундариҷаи мафҳумҳои «вазъият», «ҳолат», «шароит», новобаста аз дараҷаи омӯзишии онҳо, тавассути шароит ва вазъияти муайяне, ки ҳолати онҳоро ба вуҷуд меоранд, исбот карда нашудааст. Мафҳуми «вазъият» тавассути маҷмуи

шароитҳое, ки ҳолати муайянро ба вуҷуд меоранд, фаҳмида мешавад. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки маҷмуи шароитҳо як ҳолати муайянро ташкил медиҳанд ва маҷмуи ҳолатҳо, шароитҳо вазъияти муайянро дар бар мегиранд.

Аз афкори иброзшуда чунин бармеояд, ки мафҳумҳои «вазъият», «ҳолат» ва «шароит» ҷойгузини ҳамдигаранд, аммо новобаста ба алоқамандии семантикии онҳо, воқеияти ҳол чунин нест.

Аз ҷумла, профессор Мелехин А.В. вобаста ба таносуби истилоҳи «ҳолат» ва «вазъият» чунин иброз медорад: «Мафҳуми «ҳолат» назар ба «вазъият» фаррохтар аст. Зеро дар забони гуфтугӯӣ ибораи «дар ҳолати мушаххас аз рӯйи вазъият амал кардан» хеле зиёд истифода мешавад. Аз ҷумла, ӯ мегӯяд, ки Президент вобаста ба ҳолатҳои фавқулода дар саросари кишвар ва ё ҳудуди муайяни он вазъияти фавқулода эълон менамояд» [52, с. 96].

Новобаста ба чунин мавқеъгирии муаллифи мазкур, мо бар он назарем, ки дар бисёр мавридҳо истилоҳоти номбурда ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мешавад, аммо чунин равиш мазмуну моҳияти онҳоро беарзиш намегардонад. Зеро профессор Порфирев Б.Н. ҳангоми кушодани мафҳуми «ҳолати фавқулода», беихтиёр истилоҳи «вазъият» ва «ҳолат»-ро дар як радиф қарор медиҳад. Аз ҷумла, олим мегӯяд, ки «Ҳолати фавқулода ҳамчун вазъияти ғайричашмдошт, ҳолати асабонияти аҳолӣ, пеш аз ҳама, бо талафоти инсонҳо, зарурати вокуниши фаврӣ ва бартараф кардани оқибатҳои гуногуни манфӣ (харобкорӣ, сӯхтор ва ғайра) вобастагӣ дорад» [54, с. 8].

Гушин В.В. ва Анисимов В.Л. низ ҳолати фавқулодаро аз рӯйи мазмун наздик бо таърифи Порфирев Б.Н. шарҳу тавзеҳ медиҳанд [37, с. 9].

Профессор Майдиков А.Ф. мафҳуми ҳолати фавқулодаро дар иртибот ба зуҳурёбии падидаҳои табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ тавсиф намудааст. Аз ҷумла, вобаста ба заминҷунбиву обхезӣ, сӯхтору садамаҳо,

бетартибиҳои оммавӣ, терроризму гаравгонгирӣ ва танишҳо дар муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ [112, с. 51].

Муҳаққиқ Зайтсев А.П. вобаста ба мафҳуми зикршуда чунин назар дорад: «Ҳолатҳои фавқулода ҳолатҳое мебошанд, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ, садамаҳо ва фалокатҳо дар корхонаҳои саноатӣ ва нақлиёт, фалокатҳои экологӣ, диверсияҳо ё омилҳои хусусияти ҳарбӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, ва ин равандҳо вобаста ба мазмун ва хусусиятҳои худ аз ҳамдигар ба таври назаррас фарқ мекунанд ва ба фаъолияти ҳаётии одамон, иқтисод, соҳаи иҷтимоӣ ё муҳити табиии атроф таъсири назаррас мерасонанд» [47, с. 18].

Кондрашов Б.П. бошад, андешаи умумикунонии мафҳуми «ҳолати фавқулода»-ро ҳимоя карда, «вазъият»-ро ҷузъи таркибии он медонад [48, с. 248].

Чи тавре ки аз мазмуни таърифҳои баррасишуда бармеояд, «ҳолати фавқулода» фарогири ҳаводиси хавфноки дорои хусусияти табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Қариб чунин равиш дар дарки маънии «шароити фавқулода» низ пойдор мебошад.

Масалан, Степанов А.Г. зери мафҳуми «шароити фавқулода» чунин равандро мефаҳмад: «Фаъолияти ташкилоту, муассисаҳо, мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳаводиси табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, ки бо ворид намудани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, моликияти онҳо ва вокуниши саривақтӣ алоқаманд мебошад» [82, с. 53].

Шеин В.В. бошад, вобаста ба мафҳуми мазкур чунин иброз медорад: «Мафҳуми шароити фавқулода маҷмуи вазъият ва шароитҳоеро дар назар дорад, ки барои ҳаёт ва саломатии одамон хатарнок буда, дар қаламрави муайян дар натиҷаи таъсири қувваҳои табиӣ, падидаҳои биологӣ, сунъӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, татбиқи чораҳои махсусро аз ҷониби мақомоти иҷроия ва маъмурӣ талаб мекунанд» [90, с. 7].

Профессор Майдиков А.Ф. чунин фармудааст: «Ҳолатҳои фавқулода ба баландшавии зуҳуроти хатарноки табиӣ (тӯфонҳо, обхезиҳо, заминларзаҳо ва ғайра), биологӣ (эпидемияҳо, эпизоотияҳо) ва хусусияти иҷтимоӣ, ки дар байни онҳо равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, этникӣ, динӣ ва ҷиноятӣ ҷудо карда мешаванд, алоқаманд мебошанд» [113, с. 5-7].

Профессор Старостин С.А. мафҳуми «ҳолати фавқулода»-ро дар фаъолияти МКД дар таносуб ба мафҳуми «ҳолати фавқулодаи хусусияти иҷтимоидошта» ҳамчун категорияи умумӣ эътироф карда, чунин зикр менамояд: «Мафҳуми «ҳолати фавқулода» бояд ҳамчун асосӣ, умумӣ ва мафҳуми «ҳолати фавқулодаи хусусияти иҷтимоидошта» ҳамчун хусусӣ, ки амалҳои мушаххаси ҷиноятиро муайян мекунад, истифода гардад» [81, с. 23], ки комилан назари ҷолиб ва сазовори эътироф мебошад.

Афкори иброзшуда моро бар он мувоҷҷеҳ месозад, ки истилоҳоти «ҳолати фавқулода» ва «вазъияти фавқулода» дар баъзан мавридҳо ҳамчун муродиф истифода гардида, аз ҷониби бархе муаллифон, мафҳуми «ҳолати фавқулода» танҳо барои таҷассум намудани падидаҳои табиӣ ва техногенӣ истифода бурда мешавад [86, с. 44-49].

Громов М.А. вобаста ба таносуби мафҳумҳои болозикр чунин андеша дорад: «Бояд мафҳумҳои «шароити фавқулода» ва «ҳолатҳои фавқулода» баробарвазн ҳисобида шаванд. Зеро ҳолатҳои фавқулода барои шахс, ҷомеа ва давлат, ҳамчун падидаҳои табиӣ, биологӣ-иҷтимоӣ ва техногении хатарнок мебошанд. Аммо «вазъияти фавқулода» бошад, бештар фарогири ҳодисаҳо, ҷиноятҳо ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, аз ҷумла, хусусияти ҳарбӣ ва ҷиноятидоштаи хатарнок мебошад» [101, с. 166].

Ваҷҳҳои Громов М.А. оид ба масъалаҳои фаҳмиши ҳолатҳои фавқулода ва шароити фавқулода дар фаъолияти амалии МКД инҳоянд: «Мавҷудияти фанни «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити махсус» шаҳодати он аст, ки мафҳуми «шароитҳои махсус» дар қиёс ба истилоҳоти «ҳолатҳои фавқулода» ва «вазъияти фавқулода» васеътар аст,

зеро ҳолатҳои номбурда шароити махсуси пешбурди хизматро дар мақомоти корҳои дохилӣ ба вуҷуд оварда, вобаста ба дараҷаи хавфнокии онҳо идоракунии гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии МКД дар бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти ҷиноятидошта ширкат меварзанд» [72, с. 28].

Профессор Мелехин А.В. бошад, чунин пешниҳод менамояд: «Мафҳуми «ҳолатҳои фавқулода» нисбат ба истилоҳи «вазъияти фавқулода» фаррохтар мебошад, зеро вазъияти ҳарбӣ ва вазъи фавқулода барои ҷамъият ҳолатҳои фавқулодаи хатарноктар мебошанд» [117, с. 77]. Илова бар ин, муаллифи мазкур мухолифи муттаҳидсозии мафҳумҳои «ҳолатҳои фавқулода» ва «вазъияти фавқулода» мебошад».

Дар ҳамин масир, вобаста ба таносуби мафҳумҳои зикршуда, мавқеи Попов С.Е., ки дар таҳқиқоти диссертатсиониаш чунин инъикос ефтааст, ҷолиби диққат мебошад:

1) «Шароит ва сабабҳои пайдоиши ҳолатҳои фавқулода ва вазъияти фавқулода мухталифанд».

2) «Низоми давлатии вокуниш ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода аз низоми пешгирӣ, ошкоркунӣ ва тафтиши ҳолатҳои фавқулодаи иҷтимоӣ (бетарибиҳои оммавӣ, терроризм, ғасби гаравгон ва ғ.) ба куллӣ фарқ мекунад».

3) «Вазифаҳо ва уҳдадориҳои ВКД ва дараҷаи иштироки дигар мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва вазъияти фавқулодаи гуногун бо меъерҳои ҳуқуқӣ пурра ба танзим дароварда шудааст».

4) «Низоми танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомот ва ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои гуногуни фавқулода ва вазъияти фавқулода аз ҳамдигар фарқ мекунанд».

5) «Ҳайат, қувваю воситаҳои МКД ва мақомоти дигари давлатӣ дар ҳолатҳои гуногуни фавқулода ва вазъияти фавқулода аз ҳамдигар аз рӯйи

хусусиятҳои худ, аз ҷумла, намудҳои хизматрасонӣ, кувва ва воситаҳо, тартиби ташаккул ва истифодаи онҳоро фарқ мекунанд».

6) «Хусусиятҳои ташкилию тактикии истифодабарии қуввaю воситаҳои ВКД низ аз дигар мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва вазъияти фавқулода фарққунанда аст».

7) «Ҳадафҳои МКД ва дигар мақомоти давлатӣ низ дар ҳолатҳои фавқулода ва вазъияти фавқулода гуногунанд».

Бисёре аз олимон ба истилоҳоти фавқулода муроҷиат карда, луғатҳои гуногунро ҳамчун асос қабул карданд, ки дар онҳо мафҳумҳои асосӣ ба монанди «ҳолат», «шароит», «ҳодиса», «зуҳурот», «вазъият», «вазъияти фавқулода», «ҳолати фавқулода» ва ғайра муайян карда шудаанд [80, с. 61].

Бояд қайд кард, ки дар сатҳи қонунгузорӣ таносуби мафҳумҳои «вазъияти фавқулода» ва «ҳолатҳои фавқулода» мушаххас гардида [118, с. 25-29], дорои аҳаммияти ҳуқуқии устувортар мебошанд.

Масалан, тибқи м. 80 Коекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) (Озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода), «ҳамчун яке аз шартҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна метавонад натиҷаи сӯхтор ё офати табиӣ ё ҳолатҳои дигари фавқулода бошад, ки барои маҳкумшуда боиси оқибатҳои вазнини оилавӣ гардидааст». Дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» низ истилоҳи «ҳолати фавқулода» барои додани бори маънӣ ба чунин вазифаҳои низоми амнияти миллӣ истифода гардидааст: «Идоракунии қувваҳо ва воситаҳои таъмини амният дар шароити ҳаррӯза ва ҳолатҳои фавқулода; татбиқи низоми тадбирҳо оид ба барқарор намудани фаъолияти муътадили объектҳои амниятӣ дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи ҳолати фавқулода зарар дидаанд» ва ғ. [14].

Муҳаққиқ А.В. Мелехин вобаста ба мафҳуми «ҳолатҳои фавқулода» ба чунин хулоса меояд: «Мафҳуми «ҳолатҳои фавқулода» ҳамчун

мафҳуми комплексӣ бояд фарогири падидаҳои ғайричашмдошт ва ё ногаҳонии иҷтимоӣ, табиӣ ва техногенӣ бошад» [52, с. 93].

Аммо дар қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода» вожаи «вазъият» барои ишора ба асосҳои ҷорӣ кардани низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода, ҳамчун синоними «ҳолат» истифода шудааст [5].

Муҳаққиқ Ларин А.М. вобаста ба маънии истилоҳоти номбурда комилан дуруст дарҷ менамояд, ки «вазъияти фавқулода аз ҷониби мақомоти қонунгузор бо ду маънӣ истифода гардидааст: 1) ҳамчун ҳолате, ки ба вуҷуд меояд, ташаккул меёбад, тағйир меёбад; 2) вазъияте, ки метавонад ҷорӣ, дароз ё бекор карда шавад» [111, с. 109].

Ба андешаи мо, мафҳуми «ҳолатҳои фавқулода», ки дар қонунгузории фавқулодаи амалкунанда мустақар гардидааст, нисбат ба таърифҳои дар асарҳои илмӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ инъикосёфта, афзалиятноктар мебошад, ки чунин баён ёфтааст: «Ҳолати фавқулода вазъиятест, ки дар қаламрави муайян дар натиҷаи садама, зуҳуроти хатарноки табиӣ, фалокат, офати табиӣ ё офати дигар ба вуҷуд омадааст, ки метавонад боиси талафоти инсонӣ, зарар ба саломатии одамон ё муҳити табиии атроф, талафоти назарраси моддӣ ва вайрон шудани шароити зиндагии одамон гардад» [10].

Аз ҷумла, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таснифи ҳолатҳои фавқулода» аз 1-уми августи с. 2006, таҳти № 367, дар Тоҷикистон ҳолатҳои фавқулода, ки боиси талафоти ҷонӣ ва молии инсон мегарданд, вобаста ба вусъату хавфнокии худ ба маҳдуд, маҳаллӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ тасниф карда мешаванд [ниг.: ҷадвали 1].

**Ҷадвали 1**

| № | Ҳудуд | Ченакҳои муқарраркунанда | Бо кадом қувва ва буҷет бартараф карда мешавад |
|---|---|---|---|
| 1. | Маҳдуд | Бар асари онҳо то 10 нафар зарар дида, ё шароити фаъолияти ҳаётии на зиёда аз 100 нафар вайрон шудаанд. Зарари моддии маҳдуд то андозаи 1 ҳазор музди меҳнати ҳадди ақалро ташкил дода, минтақаи ҳолатҳои фавқулода аз ҳудуди иншооти таъиноти истеҳсолӣ ё иҷтимоидошта намебарояд. | Қувва ва маблағҳои ташкилотҳо |
| 2. | Маҳаллӣ | Бар асари ҳолати фавқулодаи маҳаллӣ беш аз 10 нафар, вале на зиёда аз 50 нафар зарар мебинад ва ё шароити фаъолияти ҳаётии зиёда аз 100 нафар, вале на зиёда аз 300 нафар вайрон мешавад. Зарари моддӣ бошад беш аз 1 ҳазор, вале на зиёда аз 5 ҳазор музди ҳадди ақалро ташкил мекунад. Минтақаи ҳолатҳои фавқулода бошад, аз ҳудуди шаҳрак ё деҳот фаротар нест | Қувва ва маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. | Ҳудудӣ | Бар асари ҳолати фавқулодаи ҳудудӣ зиёда аз 50 нафар, вале на беш аз 500 нафар зарар мебинад ё шароити фаъолияти ҳаётии беш аз 300 нафар, вале на зиёда аз 500 нафар вайрон мегардад. Зарари моддӣ беш аз 5 ҳазор, вале на зиёда аз 0,5 миллион музди меҳнати ҳадди ақалро ташкил медиҳад. Минтақаи чунин ҳолатҳои фавқулода аз ҳудуди шаҳр, ноҳия берун намебарояд | Қувва ва маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ |
| 4. | Минтақавӣ | Бар асари онҳо 50 нафар, аммо на зиёда аз 500 нафар зарар дида, ё шароити фаъолияти ҳаётии беш аз 500, аммо на зиёда аз 1000 нафар вайрон мегардад. Зарари моддӣ бар асраи чунин ҳолати фавқулода зиёда аз 0,5 миллион, аммо на зиёда аз 1 миллион музди меҳнати ҳадди ақалро ташкил мекунад. Минтақаи ҳолатҳои фавқулода аз ҳудуди вилоят берун намебарояд | Қувва ва маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Ҷумҳуриявӣ | Бар асари онҳо беш аз 500 нафар зарар дида, ё фаъолияти ҳаётии зиёда аз 1000 нафар вайрон мегардад. Зарари моддӣ зиёда 1 миллион музди меҳнати ҳадди ақалро ташкил дода, минтақаи аз ҳудуди як ва ё якчанд вилоят ё беш аз се ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ фаротар мебошад. | Қувва ва маблағҳои фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6. | Байнисарҳадӣ | Бар асари онҳо оқибати зарар аз ҳудуди кишвар берун мебарояд, ё оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода аз хориҷи кишвар ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасад | Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда мешаванд |

Вазъияти фавқулода ҳамчун тадбири муваққатии дорои реҷаи ҳуқуқии махсус танҳо аз ҷониби Президенти кишвар эълон гардида, бо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дар давраи муайян дар қаламрави кишвар ва ё ҳудуди муайяни он алоқаманд мебошад [5].

Метавон иброз дошт, ки дар замони муосир ҳолатҳои буҳронии хусусияти иҷтимоидошта рӯз аз рӯз хусусияти фаромиллӣ касб карда, барои пешгирӣ намудани онҳо мукаммал гардонидани меъёрҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» [14] ва дигар санадҳои меъёрии минтақавӣ зарур мебошад.

Бояд зикр кард, ки набудани истилоҳи ягонаи умумиэътирофшуда, кӯшишҳои ҳалли ин мушкилотро дар сатҳи сохторӣ ба вуҷуд меорад. Ба андешаи аксарияти олимони соҳа, «мафҳуми шароити махсус хусусияти комплексӣ дошта, барои ифодаи ҳама гуна ҳолату вазъияти фавқулода мақбул мебошад» [114, с. 12].

Аз ҷумла, Мелехин А.В. вобаста ба мазмуну моҳияти мафҳуми «шароити махсус» чунин пешниҳод мекунад: «Шароитҳои махсус дар низоми ВКД бояд фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва қӯшунҳои дохилиро оид ба иҷрои вазифаҳои дар назди онҳо истода, вобаста ба бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаи намудҳои гуногун, аз ҷумла, амалӣ сохтани реҷаҳои махсуси ҳуқуқӣ (вазъияти фавқулода, ҳарбӣ ва реҷаи ҳуқуқии амалиёти зиддитеррористӣ) фарогир бошад» [115, с. 12].

Дар ҳамин масир зикр кардан зарур аст, ки дар доираи истилоҳи «ҳолати фавқулода» танҳо вазифаҳои дар ҳолатҳои фавқулода номбаршуда дарҷ карда шудаанд. Дар доираи мафҳуми «шароити махсус» бошад, рӯйхати вазифаҳо ҷиҳати иштирок дар бартараф кардани падидаҳои манфӣ ҳам дар соҳаи табиӣ ва техногенӣ (ҳолатҳои фавқулода) ва ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ (кӯшиши вайрон кардани тартиботи конститутсионӣ, амалҳои террористӣ, низоъҳои мусаллаҳона ва ғайра) ҷойгузин мебошанд [6].

Андешаҳо дар бораи ба ҳолатҳои фавқулода марбут донистани сӯхтор дар кори мушатараки Бобринев Е.В., Кондашов А.А., Порошин А.А., Харин В.В., Удавсова Е.Ю. зикр мегардад, ки «аз шумораи умумии ҳолатҳои фавқулодаи рухдода, хисороти иқтисодии зиёд ба сӯхторҳои табиӣ рабт дода мешавад» [125, с. 745]. Яъне, коршиносони мазкур сӯхторро ҳолати фавқулода шуморида, хусусиятҳои зараровари онро ҳамчун ҳолати фавқулода баҳогузорӣ менамоянд. Ба ақидаи мо низ, сӯхтор ҳолати фавқулода аст, зеро ба монанди дилхоҳ ҳолатҳои фавқулода дар ҳудуди муайян ё объекти муайян, дар натиҷаи садама ё расиши кӯтоҳ ва ё риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ метавонад боиси марги одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ба саломатии онҳо, вайрон шудани муҳити зист ва шароити зиндагии одамон гардад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» мафҳуми «сӯхтор»-ро чунин овадааст: «Оташи назоратнашаванда, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар ва ба ҷамъияту давлат зиёни моддӣ мерасонад» [12].

Ҳамин тариқ, барои дарки мафҳум ва моҳияти падидаҳои буҳронии табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин хулосаҳоро судманд мешуморем:

1. Бо вуҷуди фарқияти назарраси мафҳумҳои «ҳолат», «вазъият» ва «шароит» дар сатҳи этимологӣ, онҳо бори якхелаи маъноро ташкил медиҳанд ва дар ҳолати зарурӣ ҳамчун категорияҳои мутақобила истифода мешаванд. Чунин муносибат аз рӯйи таносуби мафҳумҳои «ҳолат», «вазъият» ва «шароит» низ ба назар мерасад.

2. Истилоҳи «вазъият» дар сарчашмаҳои луғавӣ ҳамчун шароите, ки мавқеи мавҷудияти касе ё чизеро муайян мекунад ё падидае, ки бо падидаи дигар (ҳодиса) ҳамроҳ аст ва бо он алоқаманд аст, фаҳмида мешавад, яъне, ҳолатҳо ё шартҳои муайян, мавқеъ, вазъият ё ҳолатро муайян мекунанд.

3. Дар адабиёти илмии тахассусӣ мазмуну моҳияти мафҳумҳои «ҳолатҳои фавқулода» ва «вазъияти фавқулода» фарогири мундариҷаи

рӯйдодҳои ғайричашмдошт ва ё ногаҳонии табииву техногенӣ ва иҷтимоӣ буда, дар бисёр мавридҳо дар алоқамандӣ бо якдигар баромад менамоянд, ҳатто дар баъзан маридҳои ба ҷойи ҳамдигар истифода бурда мешаванд.

2. Айни замон истилоҳи «ҳолатҳои фавқулода» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ, ки фаъолияти милитсияро ба танзим медароранд, фарогири ҳолатҳои гайришамдошти табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, ки шароити махсуси пешбурди хизматро ба бор меоранд, мебошад. Чунин ҳолатҳо дар бисёр мавридҳо ба обхезиву заминҷунбӣ, селу тармафарой, сӯхтору садамаҳои техногенӣ, бетартибиҳои оммавӣ, амалҳои террористӣ ва ғайра алоқамандананд.

3. Вазъияти фавқулода бошад, ҳамчун яке аз намудҳои ҳолатҳои фавқулода дорои хавфи калонтар ва ҳудуди паҳновартар буда, бо мақсади ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар эълон карда мешавад ва дорои реҷаи махсуси ҳуқуқӣ ва тадбири муваққатӣ мебошад.

4. Мафҳуми «шароити махсус» таҷассумкунандаи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоии дараҷаҳои гуногуни хавфнокӣ ва паҳноварӣ мебошад, ки фаъолияти пурзури хизмати мақомоти қудратии кишварро ба бор меоранд. Аз ҷумла, ҳангоми эълон намудани вазъияти фавқулода ва ё вазъияти ҷангӣ.

5. Аз рӯйи мазмун холатҳои фавқулода ба намудҳои табиӣ, техногенӣ, иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд, ки аз рӯйи дараҷаи хавфнокӣ, ҳудуди ба амал омадан, истифодаи қувва, маблағҳои зарурӣ ва субъектони идоракунандаи ин раванд ҳолатҳои фавқулода ба маҳдуд, маҳаллӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ тасниф карда шудаанд.

## 1.2. Асосҳои консептуалии ташкили идоракуниии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ

Мафҳум ва моҳияти «асосҳои ташкилии идоракунӣ» дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври комил баррасӣ нагардида, ин истилоҳот бо таври умумӣ мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, барои дарк намудани мазмуну муҳтавои ин мафҳум назар андӯхтан ба ҳар як вожаи он дар алоҳидагӣ ва сипас, муттаҳид сохтани онҳо дар зери як чатри семантикӣ зарур аст.

Дар луғати калони тафсирии Ушаков Д.Н. зери мафҳуми «асос» чунин хусусият фаҳмида мешавад: «Қисми такягоҳии ягон предмет, чизе, ки бар он чизе сохта шудааст, офарида шудааст, асос ёфтааст, нуқтаҳои ибтидоии чизе; бунёдгузор, арзишҳо фаҳмида мешавад» [146, с. 338].

Истилоҳи «ташкилӣ» бошад, аз вожаи юнонии «organon» - тартибдиҳӣ маншаъ гирифта, чунин маъно дорад: «Узви ягон ташкилот; амалҳо дар феъли ташкил кардан; сохтор, дастгоҳ, сохтори чизе; сохтори психофизикии шахс; иттиҳодияи ҷамъиятӣ, муассиса» [146, с. 609].

Аммо маънои луғавии «ташкил кардан» чунин аст: «Раванди ташаккули сохтори низом, такмили сифатии он» [58, с. 30-31]. Яъне, ташкил кардан ҳамчун функсия раванди мукаммалсозии сохторро дар бар мегирад.

Ба ақидаи Можаева И.П., «истилоҳи «ташкил кардан» чунин равандро дар бар мегирад: «Эҷоди сохтори низом, такмили сифатии он ва таъмини таъсири мутақобилаи унсурҳои дохили низомро» [77, с. 72].

Дигар муаллифон вобаста ба мафҳуми истилоҳи болозикр чунин андеша доранд: «Ташкил кардан - маҷмуи муайяни ҳама унсурҳоест, ки барои ноил шудан ба ҳадаф мусоидат мекунанд» [49, с. 73].

Аксари муҳаққиқон истилоҳи «ташкилот» (ташкилӣ) ва «идоракунӣ»-ро ҳамчун равандҳои бо ҳам алоқаманд ва ҳатто ҳаммаъно мепиндоранд. Аммо назарҳои мухолифи чунин дарки онҳо мавҷуд аст. Аз ҷумла, муҳаққиони алоҳида мафхуми «ташкил кардан»-ро аз «идоракунӣ» фароохтар дониста, онро зинаи аввали идоракунӣ эътироф менамоянд. Муҳаққиқони соҳа мафҳуми «идоракунӣ»-ро чунин шарҳ медиҳанд:

«Фаъолияти бошуурона, ки барои ба тартиб даровардан нигаронида шудааст» [62, с. 133]; «Навъи мушаххаси фаъолият барои ба тартиб даровардани таъсири мутақобилаи унсурҳои дохили низом» [133, с. 91-94] ва ғ.

Мо ҷонибдори мавқеи он муаллифоне мебошем, ки вобаста ба таносуби мафҳумҳои «ташкил кардан» ва «идоракунӣ» иброз медоранд: «Ташкил кардан ҳамеша раванди пеш аз ба фаъолият даромадани ташкилот аст. Дар ҷараёни ташкил кардан мақсадҳо, вазифаҳо, функсияҳо, сохтор, шакл ва усулҳои (роҳҳои) расидан ба мақсадҳо муайян карда мешаванд. Ин унсурҳо асоси ташкилии ҳама гуна фаъолияти бонизом маҳсуб меёбанд, ки бе дуруст муайян намудани онҳо фаъолияти мақсаднок имконнопазир аст. Идоракунӣ бошад, як унсури худи фаъолият, яъне амал дар раванди расидан ба ҳадаф мебошад; он равандест, ки аз мазмуни корҳои ташкилӣ бармеояд. Идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ танҳо дар объекте имконпазир аст, ки аллакай ташкил карда шудааст» [41, с. 103].

Яъне, метавон хулоса кард, ки «ташкил кардан зинаи аввал ва раванди батартибдароии сохтори идоракунӣ мебошад, ки ҳамчун функсияҳои идоракунӣ баромад менамояд. Зеро дар ҷараёни амалисозии функсияи идоракунӣ вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

– таъсиси низомҳои иҷтимоӣ, ташаккули сохтори функсионалӣ ва ташкилии онҳо;

– дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ мустақар сохтани мақсадҳои низом, сохтори воҳидҳо, ваколатҳои ба онҳо додашуда, инчунин, як қатор вазифаҳои дигар» [55, с. 9].

Дар идоракунӣ низом ба сифати мутамарказонандаи қувва ва воситаҳо баромад намуда, ба мақсади татбиқи ҳадафи ягона ташкил карда мешавад. Яновский В.В. мафҳуми умумифалсафии низомро чунин таъриф медиҳад: «Муттаҳидшавии муайяниҳои гуногун ба як бутуни мутаносиб ва бо ҳам пайвастани қисмҳои онҳо» [66, с. 100]. Ҳамчунин,

қайд кардан зарур аст, ки «низоми идоракунӣ сохтори иерархӣ мебошад, ки дар он сохторҳои поёнии идоракунӣ функсия ва вазифаҳои дар сохторҳои болоӣ коркардшударо ба раванди идоракунӣ ворид менамоянд» [40, с. 415]. Яъне, низоми идоракунӣ ин пайвастсозандаи қисмҳои гуногуни сохтори муайян мебошад, ки ҳар як унсури он дорои вазифаҳои аз ҳамдигар нисбатан фарққунанда, аммо бо ҳам ҳалоқаманд мебошанд ва барои ноил гардидан мақсади ягона равонаанд.

Як гурӯҳи олимон (масалан, Власов В.А., Козлов Ю.М., Пронина В.С. ва ғ.) мафҳуми сохторро ҳамчун «Маҷмуи воҳидҳои дохилии сохтории мақомоти идоракунанда, ки ба онҳо салоҳияти дахлдор дода шудаанд». Гурӯҳи дуюми муҳаққиқон (масалан, Вишняков В.П., Аверянов В.В. ва ғ.) истилоҳи зикркардаро чунин мефаҳманд: «Маҷмуи ҷузъу томи мақомоти идоракунанда, ки ҳамчун унсури ҳатмӣ робита ва муносибатҳои байни ин бахшҳоро таъмин менамоянд» [100, с. 15-20].

Аз ин лиҳоз, мо таърифҳои зерини «сохтори ташкилӣ»-ро эътимоднoктар мепиндорем: «Маҷмуи мансабҳо, ки тавассути робитаҳои ташкилӣ муттаҳид карда шудаанд (мазмунӣ, функсионалӣ, амудӣ ва уфуқӣ (пайвандҳои мутақобила))» [145, с. 145], «Маҷмуи ҷузъҳо ва унсурҳои низом, ки ҳамчун шакли дохилии сохтор (ташкилот) оғози функсионалии амалисозии мақсаду вазифаҳои фаъолият маҳсуб меёбанд, ба танзими ҳуқуқии равандҳои ташкил ва фаъолияти бандҳои алоҳидаи ин сохтор асос ёфтаанд» [127, с. 20-23].

Муҳаққиқони алоҳида вобаста ба талаботи асосии сохтори ташкилӣ чунин иброз медоранд: «Риоя накардани унсурҳои асосии сохтори ташкилӣ (схемаи «вазифаҳо→функсияҳо→сохтор») оқибат ба дағалона вайрон кардани принсипҳои асосии назарияи идоракунӣ оварда мерасонад» [132, с. 67]. Ҳақ бар ҷониби профессор Бахрах Д. аст, ки зикр менамояд: «Сохтор хамчун шакли ташкилии ифодаи функсияҳо дар низом хизмат мекунад, аммо манбаи асосии функсияҳо берун аз сохтор вокеъ аст, охирин воситаест, ки иҷрои онҳоро таъмин менамояд» [99, с. 34].

Мафҳуми ҳуқуқии сохтори ташкилӣ чунин ифода ёфтааст: «Сохтори ташкилии мақомот (муассиса), робитаҳои функсионалӣ ва тобеияти воҳидҳои сохторӣ ё вазифаҳоро инъикос менамояд» [35].

Бояд зикр кард, ки аз лиҳози этимологӣ истилоҳи функсия аз «вожаи лотинии «functio» гирифта шуда, маънояш иҷроиш, уҳдадорӣ ва доираи фаъолият аст» [138, с. 628]. Ба андешаи Гёте И.В., «функсия ин мавҷудияти фикрии мо вобаста ба иҷро намудани амалҳои муайян мебошад» [40, с. 51]. Ба андешаи Атаманчук Г.В., «функсия ин муносибат ва таъсиррасониест, ки тавассути он давлат таъсири худро ба воситаи қудрат, нерӯяш ба тарафи дигар – ҷамъият мерасонад» [40, с. 125]. Вобаста ба функсияҳои давлат, Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) чунин қайд менамояд: «Функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти он мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳо равона гаштаанд. Вазифаҳо мазмуну моҳияти ҷамъиятӣ доранд ва аз талаботи айнии ҷомеа бармеоянд. Ҳалли онҳо ҳастии ҷамъияти инсониро таъмин мекунанд» [60, с. 41].

Дар кори якҷояи худ Черних В.В. ва Рустамов Р.А., функсияро ҳамчун «фаъолияти мақсаднок, амал, иҷрои кор, зуҳури берунии хосияти объект дар системаи амалкунанда дарк мекунанд» [86, с. 87]. Бо дарки баъзе аз хусусиятҳои хосси ин вожа, зери мафҳуми «функсияҳо» мо фаъолияти муайянеро мефаҳмем, ки барои ҳалли мақсад, вазифаҳо дар доираи салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидаанд. Функсияҳо хосси давлат ва сохторҳои таркибии он вобаста ба соҳаҳои фаъолият дар шакли васеъ ва умумӣ амалӣ карда мешаванд.

Вазифаҳо бошад, ҷиҳати амалӣ сохтани функсияҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ мусоидат намуда, аз ҷониби шахсони мансабдори сохторҳои алоҳидаи давлатӣ амалӣ сохта мешаванд. Функсияҳои идоракунӣ танзимкунандаи мақсад ва вазифаҳое мебошанд, ки бевосита ба идоракунии низомҳо дахл доранд. Фаҳмиши моҳияти функсияҳои идоракунӣ аз моҳияти мавҷудияти идоракунӣ бармеояд. Азбаски идоракунӣ аксаран тавассути фаъолият ба сомон расонида мешавад,

«вазифаҳои идоракунӣ бо воситаи фаъолияти меҳнатии кормандон, ҳамчун унсурҳои раванди идоракунӣ дар марҳилаҳои муайяни вакт амалӣ карда мешаванд» [40, с. 154]. Аммо, ташкили низом дар раванди амалисозии функсияҳои идоракунӣ аҳаммияти махсус дорад. Истилоҳи «низом» хосси тамоми илмҳо буда, он дар шакли умум ҳамчун тартиб ва сохтор баҳогузорӣ карда мешавад.

Омӯзиши мафҳуми истилоҳоти «пешгирӣ» ва «рафъи ҳолатҳои фавқулода» низ барои илман исбот кардани принсипҳои фаъолият дар ин самт предмети омӯзиши таҳқиқот маҳсуб меёбанд. Зеро омӯзиши масъалаи пешгирӣ ва рафъи таҳдидҳо яке аз мақсадҳои муҳимми илми идоракунӣ эътироф гардидааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истилоҳи «пешгирӣ» ба маънои «пеши чизеро гирифтан, чизеро бардоштан, садди роҳи чизе шудан» омадааст. Истилоҳи «рафъ» бошад, «аз байн бурдан ё бартараф кардани монеа маънидод мегардад» [147, с. 592].

Аз мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» бармеояд, ки мафҳуми «пешгирии ҳолатҳои фавқулода» дорои чунин мазмун мебошад: «Пешгирӣ низоми чорабиниҳои саривақтӣ ва таъхирнопазири мақомоти ваколатдоркардашудаи давлатӣ мебошанд, ки бо мақсади огоҳонидани аҳолӣ, рафъ кардани хавфу хатари ҳолатҳои фавқулода, ҳифз кардани сиҳатии аҳолӣ ва кам кардани миқдори зарар ба муҳити зист ва талафоти моддиву ҷонӣ равона мебошанд» [10].

Мафҳуми «рафъи ҳолатҳои фавқулода» бошад, фарогири корҳои таъхирнопазири садамавӣ-наҷотдиҳӣ; пешгирӣ намудани талафоти ҷонӣ, моддӣ ва маънавӣ ба инсонҳо; маҳдуд сохтани рафту омади мардум ба мавзеъҳои хатарнок; қатъ намудани фаъолияти баъзе ташкилоту муассисаҳо дар мавзеъҳои хатарнок ва кам кардани зарари муҳити табиии атроф ва дигар оқибатҳои ногувор мебошад [10].

Чи тавре ки аз мазмуни истилоҳоти зикршуда бармеояд, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода маҷмуи чорабиниҳои таъхирнопазири бо ҳам

алоқамандро вобаста ба амалӣ сохтани функсияҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва аз байн бурдани таҳдидҳои табиию техногении ба ҳаёт ва саломатии одамон хатарнок дар бар мегирад.

Зикр кардан зарур аст, ки барои бо таври амиқ дарк кардани асосҳои назариявии идоракунии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулода, назар андухтан ба мазмуну моҳияти принсипҳо, стратегияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта ба мақсад мувофиқ мебошад.

Принсип аз вожаи лотинии «principium» гирифта шуда, маънояш «асоси бунёдӣ мебошад» [138, с. 1456]. Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» принсип чунин маънидод шудааст: «Принсип - асос, қонун, усул, бунёд ва шарт» [148, с. 188].

Ямполская С.А. вобаста ба мафҳуми принсипҳои идоракунӣ иброз медорад: «Принсип заминаи асосии шароити объективии идоракунӣ мебошад, ки мувофиқи талаботи он идоракунӣ амалӣ карда мешавад» [137, с. 5]. Кузнетсов И.Н. чунин андеша дорад: «Принсипҳо ин қоидаҳо ва меъёрҳои рафторе мебошанд, ки мақомоти роҳбарикунандаро роҳбаладӣ менамоянд» [50, с. 33]. Мо бар он ақида мебошем, ки принсипҳо қонуниятҳои бунёдии қатъии умумиқабулшудае ҳастанд, ки иҷроиши ҳатмӣ доранд ва тағйирнопазир мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулода принсипҳое мавҷуданд, ки бояд ҳамчун чаҳорчубаи роҳнамо хизмат кунанд ва муносибати ҳамаҷонибаро барои риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини тартибот ва бехатрии ҷамъиятӣ, ҳимояи моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусиро таъмин намояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки принсипҳои фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулода мақсад, вазифа ва функсияи онро равшан менамоянд. Дар адабиёти гуногуни илмӣ вобаста ба гурӯҳбандӣ намудани принсипҳои идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва

техногенӣ ба умумӣ ва махсус ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Масалан, Попов А.Ю. назарияи гурӯҳбандӣ намудани принispҳоро ба «умумӣ ва махсус дастгирӣ менамояд» [80, с. 85].

Гурӯҳбандӣ намудани принсипҳо ба муайянсозии воқеии функсия ва вазифаҳои МКД ва самаранокии фаъолияти он замина мегузорад. Бо такя ба мавқеи мутахассисони соҳа мо ба принispҳои умумӣ ва махсус ҷудо намудани идоракуниро дар шакли зерин ҷонибдорӣ менамоем:

1) Принсипҳои умумӣ, ки дар асоси онҳо фаъолияти умумии МКД амалӣ карда мешавад.

2) Принсипҳои махсус, ки бевосита ба идоракунӣ дар ҳолатҳои фавқулода вобастагӣ доранд.

Гурӯҳи якум принispҳои зеринро дар бар мегирад: қонуният; ягонагии низоми МКД; мутамарказонидани идоракунӣ ва яккасардорӣ; ошкорбаёнӣ.

Дар навбати худ, ҳар як принсип моҳият ва мазмуни худро доро буда, натиҷаи фаъолияти МКД аз рӯйи онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

Масалан, принсипи қонуният «ҳамчун принсипи универсалӣ ва умумиҳатмӣ баромад намуда, танзимкунандаи асосии ҳама меъёрҳои муносибатҳои ҳуқуқии хизматии МКД ҳам дар ҳолатҳои фавқулода ва ҳам дар шароити осоишта» ба ҳисоб меравад [128, с. 187]. Принсипи қонуният воқеияти фаъолияти ҳуқуқиии МКД-ро дар татбиқи амалии қонунгузорӣ дар худ таҷассум менамояд. Яъне, МКД ҳангоми фаъолият дар пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода пурра дар асоси қонун фаъолият менамояд ва оғозӣ ҳама намуди фаъолиятҳои зернизомҳои он қонун аст. Ҳайати шахсии МКД ҳангоми иштирок дар пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода ҳуқуқ надоранд, ки аз доираи қонун ва дигар санадҳои меъёрии муқарраршуда берун бароянд.

Принispҳои ягонагии низоми МКД, мутамарказонидани идоракунӣ ва яккасардорӣ принсипҳое мебошанд, ки бевосита ба идоракунии мақомот ва ҷузъу томи он ҳам дар шароити осоишта ва ҳам дар ҳолатҳои

фавқулода вобастагӣ доранд. Мазмуни принисპҳои мазкур моҳият, мақсад, вазифа ва функсияи идоракуниро муайян менамояд. Моҳияти асосии мутамарказонидани идоракунӣ, ташкили низом ва ҳамоҳангсозии ҷузъу томро дар бар мегирад [122, с. 201].

Принсипи яккасардорӣ бошад, итоат кардан ба сардорони болоӣ, риояи мартабот ва идоракунии яккутбаи ҷузъу томҳоро дар шароити рух додани ҳолатҳои фавқулода таъмин мекунад. Ба ақидаи Евстафиади Я.К., ин принсип «яке аз принсипҳои асосии идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба ҳамаи мақомоти давлатӣ хос буда, дар идоракунии ҷузъу томи МКД мавқеи махсусро ишғол менамояд» [104, с. 470]. Моҳияти принсипи мазкур дар омӯзишҳои илмии дигар олимони соҳавӣ низ қайд карда шудааст.

Масалан, Коренев А.Р. моҳияти идоракунӣ дар МКД-ро «аз ҳамкории дурусти ҷузъу том ва сохторҳои таркибии он ҳамчун низоми ягонаи том баҳогузорӣ менамояд» [57, с. 8].

Ба андешаи Хантуев А.А., «принсипи якасардорӣ як идеяи бунёдӣ оид ба ташкил ва амалисозии идоракунии гурӯҳи одамон аз ҷониби як одам бо ин максад ваколатдор шуда, бо мақсади танзими фаъолияти байниҳамдигарии онҳо барои расидан ба мақсади ягона фаҳмида мешавад» [84, с. 9]. Дарҷ кардан зарур аст, ки принисპҳои мазкур дар ҳама шароит масъулияти пурраи роҳбарии ҷузъу томро ба уҳдаи роҳбарони аввал вогузор менамояд.

Принсипи ошкорбаёнӣ яке аз принисპҳои зарурӣ дар фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулода ба ҳисоб рафта, он мақомотро уҳдадор менамояд, ки ҷиҳати сари вақт огоҳ намудани аҳолӣ аз таҳдиду хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба воситаи ВАО ва дигар шабакаҳои интернетӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад. Инчунин, гурӯҳҳои махсуси ваколатдоркардашуда ҷиҳати фаҳмондани аҳолӣ ва сафарбар кардани онҳо ба ҷойҳои бехавф бояд ташкил карда шаванд, зеро принсипи мазкур аз талаботи м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» маншаъ мегирад.

Принсипи мазкур иртиботи ошкорой байни объект ва субъекти идоракунӣ, байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳолиро таҷассум мекунад. Зеро «дар шароити муосир ВАО ғайрирасмӣ дар паҳнсозии иттилооти яктарафа ва ҳатто бардурӯғ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва дигар ҳодисаҳои нохуш хеле фаъол буда, метавонанд боиси мушавваш кардани афкори ҷамъиятӣ гарданд. Аз ин лиҳоз, олимони соҳа муоширати возеҳ ва саривақтиро барои расонидани иттилооти дақиқ ба ҷомеа ва идоракунии афкори ҷамъиятӣ дар ҳолати фавқулода хеле муҳим арзёбӣ менамоянд» [94, с. 47-48].

Гурӯҳи дуюми принсипҳо, принсипҳои махсус мебошанд, ки дорои чунин мазмуну моҳият мебошанд:

Принсипи идоракунии фаврӣ дар ҳолатҳои фавқулода «бинобар маҳдудияти вақт, вазъияти зудтағйирёбанда ва ҳатто пешгӯинашаванда, реҷаи номуайяни фаъолият, набудани иттилооти дақиқ ва саривақтӣ ва ғ барои бо таври самаранок ташкил намудани фаъолияти МКД ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода таъмин кардан мусоидат менамояд. Барои риояи талаботи принсипи мазкур роҳбари гузаронидани корҳои фаврӣ оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода (сардори ситод) шахсан масъул мебошад» [123, с. 27].

Принсипи эҳтимолият ё вазъияти эҳтимолӣ, тамоми чорабиниҳоро мутобиқи вазъияти эҳтимолӣ баҳогузорӣ мекунад. Бояд гуфт, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «эҳтимол» воқеаеро мефаҳмонад, ки пешомади он номаълум мебошад» [148, с. 673]. Бинобар ин, дар раванди банақшагирии фаъолияти идоракунӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода, эҳтимолияти дигаргуншавии вазъият бояд ҳатман ба инобат гирифта шуда, чорабиниҳои иловагӣ андешида шаванд ва роҳбарони ҷузъу томҳои ҷалбгардида ба ин нуқта диққати махсус матраҳ намоянд.

Аз ҳамин лиҳоз, мавқеи Жуков Б.М. оид ба талаботи принсипи чандирии (мулоимии) идоракунӣ вобаста ба «мутобиқсозии саривақтии нақшаи амалҳо оид ба тағйирёбии ҳолатҳои фавқулода, ки вокуниши фаврӣ ва самараноки низоми идоракуниро таъмин менамояд» [106, с. 304] боиси пазироист. Риояи талаботи приниспи мазкур роҳбарони ҷузъу томи МКД-ро муваззаф месозад, ки ба вазъияти фавқулода баҳои воқеӣ дода, низоми алоқа ва табодули саривақтии иттилоотро дуруст ба роҳ монда, вазифаҳои фаврӣ ва таъхирнопазирро сармаранок иҷро намоянд.

Принсипи даврии идоракунӣ, зинаҳои мутаассил ва пайдарҳами бозгашти пурраи раванди идоракуниро вобаста ба муайян кардани мақсаду вазифаҳо; ҷамъоварии итилоот; омодасозии якчанд қарор; интихоби қарори самаранок; қабули қарор; ба зертобеон (иҷрокунандагон) расонидани онҳо; таъмини фаъолияти иҷрокунандагон ҷиҳати иҷрои қарори қабулшуда; назорати иҷрои қарори қабулшуда; ҳангоми тағйирёбии вазъият такмил ё ислоҳи қарори қабулшуда; баҳодиҳии раванди расидан ба мақсадҳои гузошташударо дарбар мегирад. Аммо, барои бо таври самаранок амалӣ сохтани талаботи принсипи болозикр дар ҳолатҳои фавқулода, принсипи банақшагирӣ мақоми калидӣ дорад [56, с. 9]. Зеро принсипи мазкур чорабиниҳои гуногунранг ва мураккаб, ки мазмуни фаъолияти идоракуниро ташкил дода, ҳаҷм ва микдори қувваю воситаҳоро муқаррар мекунанд, маҳз дар асоси принсипи мазкур амалӣ карда мешаванд. Танҳо дар доираи нақшаи мукаммалу саривақтӣ мақсад ва вазифаҳои оперативӣ, муҳлати иҷроиши чорабиниҳо ва роҳҳу услҳои иҷроиши онҳоро мушаххас карда мешаванд.

Принсипи самаранокии фаъолият ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда аз риояи тамоми принсипҳои идоракунӣ вобастагӣ дорад. Ҳангоми риоя накардани яке аз принсипҳо, имконияти аз байн рафтани самаранокии фаъолият ва расидан ба мақсадҳои гузошташуда ба миён меояд. Расидан ба мақсадҳои гузошташуда ҳангоми идоракунӣ самаранокии фаъолиятро тасдиқ менамояд. Мавҷудияти нақшаҳои

мукаммали фаъолият, ки дар худ мақсад, вазифаҳо, таъминоти моддӣ-техникӣ ва дигар чорабиниҳои амалишавандаро таҷассум менамояд, самаранокии фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаро афзоиш медиҳад. Принисchallenge мазкур бештар ба принсипи банақшагирии идоракунӣ такя намуда, ҳамчунин, идоракунии қувваҳо ва воситаҳоро дар ҳолатҳои фавқулода дар худ инъикос менамояд.

Принсипҳои идоракунии марказонидашуда ва мураккабии ҳалли вазифаҳо аз хусусиятҳои хосси тактикии идоракунӣ ва маҳорату малакаи касбии роҳбарони ҷузъу томи МКД вобастагӣ доранд. Зеро «назорати иҷроиши босифат ва саривақтии қарорҳои қабулшуда ва чорабиниҳои банақшагирифташуда ба уҳдаи роҳбарони аввали ҷузъу том вогузор гардидааст. Моҳияти аслии принсипи мазкур ҳамоҳангсозии ҷузъу томи МКД ҳангоми ҳолатҳои фавқулода мебошад» [56, с. 13]. Масъалаи мураккабии ҳалли вазифаҳо аз омилҳои гуногун ба монанди шароити маҳал, таъминоти моддӣ-техникӣ, ҳамоҳангсозӣ, коркарди пайвастаи нақшаҳои амалиётӣ, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, вазъи равонии ҳайати шахсӣ ва аҳолии минтақаи ҳолатҳои фавқулода вобастагӣ дорад.

Принсипи иқтисодии раванди идоракунӣ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки таъминоти моддӣ-техникии чорабиниҳои амалишавандаро дар бар мегирад. Ба ақидаи олимони соҳаи идоракунӣ, «бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ аз таъмини иқтисодӣ вобастагӣ дорад» [63, с. 177]. Дар ин раванд ба роҳ мондани фаъолияти натиҷабахшу сарфакорона ва самараноки истифодаи захираҳои молиявӣ низ зарур аст. Такмил додани идоракунии фаврӣ дар ҳолатҳои фавқулода дар шароитҳои маҳдуд будани захираҳои молиявӣ самти ниҳоят афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Зеро он бо роҳи хароҷоти ками молиявӣ амалисозии мақсади гузошташударо имконпазир мегардонад.

Принсипи гурӯҳбандии қувва ва воситаҳо низ дар раванди идоракунӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ин ба он боис мегардад, ки қувва ва воситаҳои ҷузъу том мутобиқ ба вазифа ва уҳдадориҳояшон истифода бурда шаванд.

Дар низоми идоракунӣ риояи принсипи мавҷудияти алоқаи баргашт, пайвастагии фаъолият ва алоқаи мустақими байниҳамдигарии ҷузъу томро таъмин мекунад. Принсипи мазкур таъкид менамояд, ки иттилооти идоракунӣ бояд ба объектҳои идоракунӣ озодона ва бе таъсири омилҳои халалрасони беруна дастрас бошад. Ҳамзамон, принсипи мазкур вазъияти воқеии оперативиро дар худ инъикос менамояд. Истифодаи шабакаҳои муосири такмилёфтаи алоқа ба самаранокии принсипи мазкур мусоидат менамояд.

Арзёбии хатари ҳолатҳои фавқулода яке аз принсипҳои асосии фаъолияти МКД дар ташкили ҳама намуд фаъолият оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошад. Ин принсип муайянкунии низомӣ, таҳлил ва арзёбии хатарҳо ва осебпазириҳои эҳтимолиро пешниҳод менамояд. Бо амалисозии принсипи мазкур мақомоти роҳбарикунандаи корҳои дохилӣ кушиш менамоянд, нақшаҳои амалиётии ҷузъу томро бозбинӣ намуда, фазои афзалиятноки фаъолияти худро зиёд карда, истифодаи дурусти захираҳои моддӣ-техникиро ба роҳ монад ва чорабиниҳои ҷавобиро ба ҳолатҳои фавқулода мукаммал гардонад. Принсипи баҳодиҳӣ ва идоракунии хатарҳо якчанд ҷанбаҳоро дар бар мегирад.

Муайянкунии хатарҳо, ки ин таҳлили ҳамаҷонибаи хатарҳои табиӣ, техногенӣ ва сунъии хосси минтақаро таъмин мекунад. Дар ин раванд маълумоти таърихӣ, тадқиқоти илмӣ, ҳисоботи коршиносон аз соҳаҳои гуногун ва мавзуъҳои гуногун барои муайян кардани сенарияи эҳтимолии рух додани ҳодисаҳо ба инобат гирифта мешаванд.

Яъне, ҳангоми банақшагирии чорабиниҳо ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода диққати махсус додан лозим аст. Баҳодиҳии оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии ҳолатҳои фавқулода низ муҳиммият

дорад. Бинобар ин, дар заминаи ситодҳои оперативии ҳамаи сатҳҳои ВКД таъсис додани низоми ягонаи автоматии назорат ва пешгӯии ҳолатҳои фавқулода ба мақсад мувофиқ аст. Низоми таъсисдодашудаи автоматии назорат ва пешгӯии ҳолатҳои фавқулода бояд дар итоати пурраи ситодҳои оперативии ҷузъу том бошанд.

Дар раванди идоракунӣ риоя нагардидани приниспҳои болозикр метавонад оқибатҳои вазнин ва дуюмдараҷаро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба миён орад, ки дар натиҷа нобоварии аҳолӣ ба МКД зиёд шуда, имконияти сар задани бетартибиҳои оммавӣ афзоиш меёбад. Ҳамзамон, татбиқи принсипҳои болозикр ба муттаҳидсозии ҷузъу томи МКД ҷиҳати расидан ба мақсадҳои пешбинишуда, фаъолияти самаранок оид ба ҳалли вазифаҳои дар назди МКД гузошташуда ва омодагии тамоми низоми идоракунӣ замина мегузоранд.

Гурӯҳбандии принсипҳои фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулода ба умумӣ ва махсус назарияи ягона буда наметавонад. Дар адабиёти илмӣ тарзҳои гуногуни гурӯҳбандии приниспҳои идоракуниро вохӯрдан мумкин аст. Тарзи гурӯҳбандии интихобкардаи мо имкон медиҳад, асосҳои қонуният, муносибат ва алоқа, ки дар раванди идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулода ба миён меоянд, муайян карда шаванд. Ҳамзамон, мавқеи равандҳои мазкур дар низоми идоракунии давалатӣ ва то кадом андоза ба такмилдиҳӣ ниёз доштани ин идоракунӣ, ошкор мегардад.

Чи тавре ки дар боло зикр карда шуда буд, «қисми таркибии сохтори ташкилиро мансабҳо ва муносибатҳои тобеияти байни онҳоро (уфуқӣ, амудӣ ва функсионалӣ) дар бар мегирад, ки дар он муносибатҳои мартаботӣ ва тобеият таҷуссум меёбанд» [145, с. 146].

Вобаста ба алоқамандии сохтори ташкилии идоракунӣ ва сохтори ташкилӣ Жаглин А.В чунин иброз медорад, ки «низоми мураккаби иерархиявии идоракунии МКД ба сохтори ташкилию функсионалии низоми МКД мувофиқат мекунад» [105, с. 56-57].

Низоми идоракуниро аз рӯйи шакл метавон ба чаҳор қисм ҷудо намуд: соҳавӣ, функсионалӣ, омехта ва барномавӣ-мақсаднок. Дар фаъолияти амалии МКД бештар шакли омехтаи низоми мазкур истифода бурда мешавад. Зеро он тамоми шаклҳои чорабиниҳоро аз рӯйи вазъияти баамаломада дар худ инъикос менамояд. Хусусиятҳои хаттӣ ва функсионалии низоми идоракунӣ, дар фаъолияти ҷузъу томи мақомот, иҷрои вазифаҳо дар шароити рӯзмарраро тақозо менамояд.

Яке аз роҳҳои озмоишшуда, вобаста ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла, ҷиҳати таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ, ин созмон додани ситоди оперативӣ мебошад. Чунин сохтори «ташкилии муваққатии оперативӣ ҳангоми ба эътидол омадани вазъияти фавқулода фаъолияти худро қатъ менамояд. Аммо, дар шароити махсус Ситоди оперативӣ мақомоти асосии идоракунӣ маҳсуб меёбад» [39, с. 111].

Бинобар рушд ёфтани технологияҳои муосири коммуникатсоинӣ, аз ҷумла, истифодаи васеи зеҳни маснуӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, МКД-ро водор месозад, ки дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ фаъолияти худро дар ин самт бозбинӣ намуда, стартегия ва консепсияҳои муосири фаъолият дар ҳолатҳои фавқулодаро таҳия ва қабул намояд.

Норов Ҷ.К. комилан дуруст дарҷ менамояд, ки «Маҳз ягонагии низоми таъминоти ҳуқуқӣ метавонад фаъолияти самарабахши оперативӣ-хизматӣ, идоракунӣ, ҳамкории сатҳи марказӣ, вилоятӣ ва ҳудудии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳолатҳои фавқулода таъмин намояд» [79, с. 119]. Коренев А.П. бошад, «самаранокии фаъолияти МКД-ро аз таъминоти моддӣ-техникӣ ва чорабиниҳои ташкилӣ вобаста медонад» [134, с. 103], ки бешак, афкори қаблиро тақвият мебахшад.

Бо дарназардошти афкори иброзгардида, чунин хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ-назариявиро манфиатпазир мешуморем:

1. Дар фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ принсипҳо ҳамчун талаботи асосӣ ва чаҳорчубаи роҳнамо

муносибати ҳамаҷонибаи субъектон ва объектҳои идоракуниро барои риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини тартибот ва бехатрии ҷамъиятӣ, ҳимояи моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусиро таъмин намуда, мақсад, вазифа ва функсияҳои ҷузъу томи онро равшан менамоянд. Гурӯҳбандӣ намудани принипсҳои фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба умумӣ ва махсус барои муайянсозии воқеии функсия ва вазифаҳои МКД ва самаранокии фаъолияти он замина мегузорад.

2. Дар асоси принипсҳои умумӣ (қонуният; ягонагии низоми МКД, мутамарказонидани идоракунии он ва яккасардорӣ; ошкорбаёнӣ) фаъолияти доимӣ ва рӯзмарраи тамоми ҷузъу томи МКД ба роҳ монда шуда, принсипҳои махсус (банақшагирии оперативӣ, идоракунии фаврӣ; эҳтимолият; чандирӣ ва ғ.) бевосита ба идоракунии самаранок ва фаврии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулода нигаронида шудаанд. Дар навбати худ, ҳар як принсип моҳият ва мазмуни худро доро буда, натиҷаи фаъолияти МКД аз рӯйи онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

3. Ташкили идоракуниии фаврии фаъолияти МКД ва зерсохторҳои махсусваколатдоркардашудаи он созмон додани сохтори муйяни иҷтимоӣ, аз қабили ситоди оперативӣ, дастгоҳи идоракунии оперативӣ, гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ, мушаххас сохтани вазифа ва функсияҳои онҳо, банақшагирии оперативӣ ва таъминоти моддӣ-техникии комилро тақозо менамояд.

4. Пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулода маҷмуи чорабиниҳои таъхирнопазири бо ҳам алоқамандро вобаста ба амалӣ сохтани функсияҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва аз байн бурдани таҳдидҳои табиию техногении ба ҳаёт ва саломатии одамон хатарнок дар бар мегирад.

5. Фаъолияти самараноки МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз ҳамоҳангсозии амалҳои зернизомҳо, мувофиқати онҳо бо

сохторҳои комили функсионалии мутамарказкардашуда ва касбияти баланди масъулин вобаста мебошад.

6. Идоракунии самараноки МКД дар шароити муосир аз мукаммалии қонунгузорӣ, нақшаҳои комили мақсадноку иҷрошаванда, таъминоти моддӣ-техникии муосири гурӯҳҳои мутамарказгардонидаи функисоналӣ ва маҳорату касбияти роҳбарии оперативӣ вобастагӣ дорад. Инчунин, воридсозии технологияи муосири иттилоотӣ ва истифодаи зеҳни маснуӣ дар низоми идоракунии МКД дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз манфиат холӣ нест.

## 1.3. Тавсифи умумии хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи ҳуҷҷатҳои консептуалии самтӣ

Бинобар сабаби 93% ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил додани манотиқи кӯҳӣ ҳудудҳои алоҳидаи он ба таҳдиҳои пайвастаи табиӣ ва техногенӣ мувоҷеҳ гардида, [96, с. 8], «кӯҳҳои баланд ва минтақаҳои мушкилгузари он барои вокуниши саривақтӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мушкилоти муайян ба бор меоранд» [95, с. 4].

Тибқи маълумоти расмӣ, дар Тоҷикистон «ба ҳисоби миёна дар ду рӯз як офати табиӣ ба вуқуъ мепайвандад» [25]. Бинобар «дар масири хатҳои шикастаи сейсмикӣ қарор доштани кишвар эҳтимолияти дар ҳудуди 50 % ҷумҳурӣ рух додани заминларзаҳои 9-балла, дар ҳудуди 38% заминларзаҳои то 8-балла ва дар ҳудуди 12 % он заминларзаҳои то 7-балл имконпазир мебошад» [67, с. 8]. Ҳамасола дар манотиқи гуногуни он зуд-зуд «заминларзаи дараҷаҳои гуногун рух дода, боиси ба инфрасохтори иқтисодии мамлакат расонидани хисотори калони моддӣ ва дар баъзан мавридхо талафоти одамон мегардад» [97, с. 5].

Тибқи маълумоти ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО, «заминҷунбӣ аз ҷиҳати хисороти иқтисодӣ ва талафоти ҷонӣ дар ҷаҳон

дар ҷойи аввал истода» [121, с. 379], «сабаби рух додани садамаҳои бузурги техногенӣ мебошанд» [130, с. 71]. «Аз ин лиҳоз, тибқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, иншооти саноатӣ, анборҳои калони нигоҳдории моддаҳои заҳролуди сахттаъсир, воситаҳои тарканда, маводди сӯхт бояд дар минтақаҳои дур аз маҳаллаҳои аҳолинишин ва объектҳои иқтисодӣ ҷойгир карда шаванд» [64, с. 5].

Тибқи иттилооти расмӣ, шумораи умумии корхонаҳое, ки дар истеҳсолоташон моддаҳои сахтаъсири кимиёидор истифода мебаранд, зиёда аз 21 ададро ташкил дода, дар ҷумҳурӣ 10 партовгоҳи калони радиоактивӣ мавҷуд мебошад, ки эҳтимолияти рух додани садама ва хуруҷи радиатсияи баландро собит месозанд. «Аз ҷумла, шумораи умумии хоктудаҳо дар партовгоҳҳои истеҳсоли уран дар кишвар зиёда аз 55 миллион тоннаро ташкил медиҳанд» [7].

Садамаҳои нақлиётӣ дар минтақаҳои кӯҳии душворгузар ва роҳҳои автомобилгарди дохиливу байналмилалии кишвар ба яке мушкилоти доғи рӯз табдил ёфта, «ҳамасола дар ҳудуди ҷумҳурӣ то 2500 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта мешавад, ки талафоти инсонҳо ба шумораи то 400 нафар метасад» [154]. «Риоя нагардидани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ҳангоми сохтмони бинову иншоот ҳамасола боиси сар задани то 1200 ҳолатҳои фавқулода гардида, боиси хисороти калони молӣ ва ҷонии шаҳрвандон гардидааст» [156].

Таҷрибаи идоракунӣ, аз ҷумла, низомҳои куҳнашудаи обёрӣ ва истифодаи бесамари об, оқибатҳои хушксолиро шадидтар мекунанд ва боиси зиёд рух додани офатҳои табиӣ мегарданд. «Зарур аст, ки ба устувории экологии истифодаи захираҳои об, масъулияти иҷтимоӣ, маъмурӣ ва экологии истифодабарандагони об ва мақомоти идоракунӣ диққати махсус дода шавад» [93, с. 3].

«Шароити кӯҳии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо низомҳои мураккаби дарёҳо, онро ба селу обхезиҳои шадид дучор мекунад. Гармшавии иқлим, обшавии пиряххо ва бориши боронҳои зиёд дар фасли баҳору тобистон

метавонад боиси болоравии маҷрои дарёҳо, фаромадани ярч, кандашавии сарбандҳо, осеби ҷиддӣ расонидан ба манзилҳо, иншооти зербиноӣ ва заминҳои кишоварзӣ гардад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола барои ҳифзи муҳити зист ва кам кардани хатарҳои табиӣ маблағи муайянеро ҷудо менамояд. Танҳо дар соли 2025 ин маблағ 1 871 754 ҳазор сомониро ташкил медиҳад» [20].

Бояд иброз дошт, ки «фароҳам овардани шароити арзандаи зисти инсон» аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифта, яке аз рукнҳои давлати иҷтимоӣ мебошад [1, с. 2]. Аммо, ба миён омадани хушксолӣ дастрасии аҳолиро ба об мушкил карда, ба паст гардидани шароити иҷтимоии одамон мусоидат менамояд. Зеро иқлими хушк ва зудтағйирёбанда боиси дар деҳот зарар дидани кишоварзӣ, паст шудани сатҳи рушди иқтисод мегардад.

Бинобар ин, яке аз омилҳои асосии сар задани тармафароӣ ин ҳавои зудтағйирёбандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳолати муносиб барои ба вуҷуд омадани тармаҳо дар нишебиҳои барфдорӣ аз 30° то 40° ба ҳисоб меравад, ки қариб ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ дорои нишебиҳои моил ба ин дараҷаҳо мебошанд. «Шумораи зиёди тармафароӣ дар ҷумҳурӣ ба ВМКБ (86,3%) рост меояд. Ҳамзамон фаромадани тармаҳо дар вилояти Суғд (ноҳияи Айнӣ) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ноҳияҳои Варзоб, Сангвор, Лахш ва Ваҳдат) ҳамасола ба қайд гирифта мешавад» [156].

Бояд қайд намуд, ки аз рӯйи манбаъҳои пайдоиш, ҳолатҳои фавқулода ба намудҳои табиӣ, техногенӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ ҷудо мешаванд. Дар навбати худ, ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, техногенӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ аз рӯйи ҳодисаҳои хатарноки табиат, ҳодисаҳои хатарноки техногенӣ ва зуҳуроти хатарноки биологӣ гурӯҳбандӣ мешаванд. Ин гурӯҳбандӣ бо мақсади муайян кардани мазмуну мундариҷаи умумӣ ва миқёси тадбирҳои муборизаи зидди зуҳурот ва

ҳодисаҳои гуногуни хавфнок, банақшагирии фаъолият дар ин соҳа равона шудааст.

Чи тавре ки қаблан таъкид гардид, Тоҷикистон пайваста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиии пешгӯинашаванда, аз қабили селу тармафарорӣ, заминларзаву ярчфарорӣ, гармову сармои сахт ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт мувоҷеҳ мегардад. Аммо, дар баъзан мавридҳо ҷойгиркунии нодурусти аҳолӣ ва иншооти саноатӣ дар минтақаҳои хавфнок, инчунин, фарсуда шудани иншооти гидротехникӣ ва химиявӣ, набудани монеаҳои муосири зиддиярчӣ ва зиддитармавӣ ва риоя накардани сохтмонҳои ба заминларза тобовар, асосан дар маҳалҳои кухӣ, эҳтимолияти расонидани зарари ҷониву моддӣ ба шаҳрвандонро баланд мегардонад» [153].

Дар солҳои 1997-2022 дар кишвар зиёда аз 3460 ҳолати фавқулодаи табиӣ рух додааст, ки ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуқуъ пайвастааст. Пеш аз ҳама, бинобар кӯҳсор будан 93% табиат боиси осебпазир гардидани минтақаҳои муайян гардидааст. Дар ҳамин давра, зарари умумии офатҳои табиӣ 589 млн доллари ИМА-ро ташкил додааст [ниг.: ҷадвали 2].

**Ҷадвали 2**

**Таҳлили шумораи ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2017-2025**

| № р/т | Сол | Ҳолати фавқулодда (шумора) | Талафот (нафар одам) | Хонаи истиқоматӣ | Дигар объектҳо | Зарари иқтисодӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 2017 | 94 | 31 | 157 | 594 | 30541200 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2. | 2018 | 22 | 12 | 1486 | 1221 | 34240600 |
| 3. | 2019 | 46 | 24 | 136 | 1012 | 31357300 |
| 4. | 2020 | 213 | 8 | 141 | 316 | 58911400 |
| 5. | 2021 | 359 | 42 | 1274 | 6086 | 141984500 |
| 6. | 2022 | 46 | 8 | 572 | 77 | 53261500 |
| 7. | 2023 | 557 | 51 | 640 | 1689 | 76770210 |
| 8. | 2024 | 639 | 17 | 334 | 1915 | 161050100 |
| 9. | 2025 | 287 | 6 | 185 | 1 641 | 20758700 |
| **Ҳамаг** | **9 соли охир** | 2263 | **199** | **4925** | **14551** | **612875510** |

Вобаста ба таснифоти илмии ҳолатҳои фавқулода дар кори олимони соҳавӣ, назарияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Ҳамин тариқ, профессор Микеев А.К. ҳамчун меъёр «намудҳо, шакл ва миқёси паҳншавии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода, сатҳи қувваҳо ва воситаҳоеро, ки барои рафъи онҳо ҷалб шудаанд, пешниҳод менамояд» [53, с. 9].

Дар ин ҷода бояд гуфт, ки мисол, Зайтсев А.П. ҳамаи ҳодисаҳои фавқулодаро аз рӯйи се хусусият ҷудо мекунад: «минтақаи рӯй додани он; тобеияти идоравӣ (дар кадом соҳаи иқтисодиёт ҳолати фавқулода ба амал омадааст); миқёси оқибатҳои эҳтимолӣ» [47, с. 4].

Ба андешаи мо, таснифоти муваффақтарро Кондрашов В.Р. намудааст. Ӯ ҳолатҳои фавқулодаро аз рӯйи ду хусусият ҷудо кардааст: «манбаи пайдоиш ва миқёси минтақаи зарардида. Аз рӯйи хусусияти якум ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, аз рӯйи дуюм бошад, маҳдуд, маҳаллӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ (барои Тоҷикистон) ва фаромарзӣ» [48, с. 248]. Аксари муаллифон бо ин ё он тарзи таснифоти ҳолатҳои фавқулода даст зада, танҳо ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногениро муфассалтар баррасӣ намудаанд.

Аз ин рӯ, МКД дар доираи НЯДПРҲФ, дар амалисозии стратегия ва барномаҳои мақсадноки танзимкунандаи фаъолият дар ин соҳа нақши босазо дорад. Дар ин ҳолат идоракунии МКД ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои болозикр ва иштироки ҷузъу томи он мувофиқи вазифа ва уҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ба ин мақомот вогузор кардааст, ба миён меояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва рафъи хатарҳои табиӣ ва техногенӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт ҳуҷҷатҳои зиёди хусусияти консептуалидошта қабул кардааст. Қабули қонунҳои соҳавӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар ин самт афкори иброзгардидаро тасдиқ менамояд.

Масалан, пас аз хотима ёфтани муҳлати Стратегияи миллӣ оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои 2010-2015, соли 2018 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 қабул гардид. «Бо дарназардошти муносибатҳои нави Барномаи қолабии Сендай» [4], оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028 ва нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 тасдиқ гардидааст. Нақшаи мазкур идоракунии хатарҳо ва амалисозии чорабиниҳоро дар самти ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи ҷумҳурӣ ба танзим даровarда, вазорату идораҳои давлатиро вазифадор менамояд, ки фаъолияти худро дар самти ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода пурсамар иҷро намоянд.

Нақшаи амали Барнома барои давраи солҳои 2023-2025 ва 2026-2028 «ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии тамоми мақомоти давлатӣ оид ба мониторинг, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ва техногенӣ мусоидат менамоянд» [32]. Қайд кардан зарур

аст, ки дар асоси нақшаҳои алоҳидаи фаъолият, мақомоти давлатӣ дар якҷоягӣ мувофиқ ба самти фаъолияти худ дар амалисозии барномаҳои болозикр иштирок менамоянд, ки ин дар навбати худ Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаро инъикос менамояд.

Зикр кардан зарур аст, ки имрӯзҳо ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили низоми идоракунии худ иқдомҳои мушаххасеро роҳандозӣ намуда, «Стратегияиислоҳоти милитсия барои солҳои 2013 – 2020» [33] ва «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014-2020-ро» [34] дар амал татбиқ намуд ва бо мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти кормандони милитсия беш аз 33 қонун, 58 қарору фармоиши Ҳукумати ҷумҳурӣ ва 49 санади меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ қабул карда шуданд. Айни ҳол, ҷиҳати такмили сохтор Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 ва нақша чорабиниҳо дар ин самт мавриди амал қарор гирифта истодааст.

Аммо, вобаста ба такмили фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тадбирҳои мушаххас пешбинӣ нагардиданд. Инчунин, дар стратегия ва барномаҳои рушд масъалаҳои таҷдиди сохтори ташкилию идоракунӣ, такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолият, рушди таъминоти иттилоотӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тадбирҳои мушаххас пешбинӣ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, мушкилии дигаре, ки метавонад барои иҷрои вазифаҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулода монеагӣ эҷод намояд, таъмини нокифояи иттилоот ба сохторҳои зертобеи МКД мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур Нарзуллоев С.А. чунин иброз медорад: «Ҷорӣ намудани низомҳои муосири иттилоотӣ барои таҳлили фаврии маълумот, қабули қарори оперативӣ, банақшагирӣ, мониторинг ва назорати иҷроиши қарорҳои қабулшуда мусоидат менамояд» [119, с. 113].

Ба андешаи мо, имрӯз зарурати таъмини саривақтии маълумоти зарурӣ, ҳифз, коркарди фаврӣ ва интиқоли он ва беҳтар кардани раванди идоракунии роҳбарони ҷузъу томи мақомот ба миён омадааст. Таъминоти техникӣ ва барномавии МКД, таъмини дастрасии кормандони МКД ба манбаъҳои иттилоот, ҳифзи иттилоот аз дастрасии бе иҷозат ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки «технологияҳои иттилоотӣ дорои чунин иқтидорҳое мебошанд, ки метавонанд боиси тағйироти куллӣ дар ҳаёти аъзои ҷомеа, давлат ва сохторҳои таркибии он гарданд» [107, с. 97].

Қайд кардан зарур аст, бо назардошти хавфу хатарҳои муосири ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта бояд ягонагии низоми ВКД дар ҳамбастагии тобеияти уфуқӣ ва амудӣ бо васеъ гардонидани мустақилияти мақомоту воҳидҳои поёнии он, ки ба тақсимоти босамари ҳаҷми функсияҳо, мушаххасгардонии онҳо ва тақсимот байни ҳалқаҳои гуногуни низом, аз ҷумла сохторҳои ноҳиявӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ асос ёфтааст, таъмин карда шаванд. Вазифаи асосие, ки бевосита ба идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулода вобастагӣ дорад, таъсиси ситоди фаврӣ ва низоми мутамаркази вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мебошад, ки дар худ муттаҳид намудани қувваҳо ва воситаҳои дахлдор дар як воҳиди том инъикос менамояд. Дар ин асос қайд кардан зарур аст, ки қисмҳои навбатдори ҷузъу том ҳамчун низоми алоқаи байни сохторҳои ситоди фаврӣ баромад менамоянд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар мавриди самаранокии фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулода муайян намуд, ки новобаста аз қабул ва амалисозии стратегия ва баронмаҳои рушд ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти МКД ва ҷузъу томи он дар ҳолатҳои фавқулода назаррас намебошад. Зеро донишҳои назариявии роҳбарони ҷузъу томи МКД дар соҳаи идоракунӣ дар ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи паст буда, шахсони масъул маҳорату малаки идоракунӣ дар шароити махсусро

надоранд. Ҳамзамон, нақшаҳои мукаммали идоракунии ҷузъу том дар ин шароитҳо вуҷуд надорад. Ба андешаи мо, таҳия ва қабули консепсияи рушди ташкилию сохтории МКД дар асоси заминаи омӯзишҳои илмию методӣ ва арзёбии эҳтимолии ҳолатҳои фавқулода ба мақсад мувофиқ аст.

Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон, «дар масири афзоиш ёфтани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» [65, с. 44], самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ин гуна хатарҳо қаноатмандкунанда нест. Фаъолияти МКД низ дар ин самт ба такмил ниёз дорад.

Бинобар ин, таҳлили амиқи илмии равандҳои мусоидаткунанда ва таҳияи заминаҳои мукаммали идоракунӣ ба миён омадааст. Ворид намудани масъалаҳои вобаста ба рушди МКД ҷиҳати фаъолият дар ҳолатҳои фавқулода ба Барномаиислоҳоти милитсия, ки айни ҳол дар раванди иҷро қарор дорад, барои ҳалли проблемаҳои идоракунии МКД дар шароитҳои махсус мусоидат хоҳад кард.

Бо назардошти афкори иброзгардида, чунин хулоса ва пешниҳодҳоро манфиатпазир мешуморем:

1. Ҳолатҳои фавқулода вазъиятеро фарогир мебошанд, ки бинобар ба вуқуъ пайвастани зуҳуроти хатарноки табиӣ, иҷтимоӣ ва техногенӣ дар минтақаи муайян ба вуҷуд омада, метавонад боиси талафоти инсонҳо, расонидани зарари моддиву ҷисмонӣ ба онҳо ва вайрон шудани шароити муътадили зиндагии одамон гардад. Ҳолати фавқулода танҳо дар шароити муайян ва ҳангоми ба вуҷуд омадани оқибатҳои манфии муайян имконпазир аст, инчунин, дар сурате, ки он аз ҷониби МКД усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тактикӣ ва дигар усулҳои вокунишро талаб кунад.

2. Ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода, низоми идоракунӣ фаъолияти худро дар чунин шакл ташкил ва амалӣ менамояд: роҳандозӣ намудани чораҳои ташкилии оперативӣ барои вокуниш ба

ҳолатҳои фавқулода; идоракунии оперативии ҷузъу том ҳангоми ҳолатҳои фавқулода; рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулода.

3. Барои МКД таснифоти қабулшуда аз рӯйи хусусияти пайдоиш ва минтақаи фарогир ба ҳисоб меравад. Ҳолатҳои фавқулодаро аз рӯйи хусусият ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти иҷтимоӣ, биологӣ, табиӣ ва техногенӣ. Аз рӯйи минтақаи фарогир бошад, ба маҳдуд, маҳаллӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ тасниф карда мешаванд.

4. Оқибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳолатҳои фавқулода метавонанд инҳо бошанд: талафоти ҷонӣ; тағирёбии муҳити зист; оқибатҳои манфии тиббӣ ва равонӣ; бетартибиҳои оммавӣ; афзоиши шумораи зарардидагон; афзоиши шумораи бекорон; муҳоҷирони маҷбурӣ; талафоти иқтисодӣ.

5. Дар сатҳи зарурӣ эмин набудани аҳолӣ аз хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ дар худудҳои истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, иншооти азими гидротехникӣ, партовгоҳҳои калони радиоактивӣ (аз ҷумла, партовгоҳҳои истеҳсоли уран дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зиёда аз 55 миллион тоннаро ташкил медиҳанд), инфрасохтори нақлиётии кишвар (аз ҷумла, роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан), хизматрасонии автомибилӣ дар нуктаҳои сӯзишворӣ ва гази моеъ, сохтмони иншооти баландошёна ва ғ., омӯзишу бозбинӣ, қабули дурнамои сиёстаи давлатӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро оид ба таъмини бехатарии аҳолӣ аз ин таҳдидҳо тақозо менамояд.

6. Бинобар дар минтақаи дорои хавфи калони сейсмологӣ (заминҷунбӣ) ва селхезӣ мавқеъ доштани ҷумҳурӣ, одатан ҳар сол садҳо ҳодисаҳои фавқулодаи ғайричашмдошт ба вуқӯъ пайваста, боиси хисороти калони молӣ ва аз ҳаёт маҳрум гардидани одамон мегардад, ки фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатиро оид ба пешгирӣ ва рафъи чунин ҳодисаҳо дар сатҳи баландтар тақозо менамояд.

7. Ҷиҳати аз байн бурдани таҳдидҳо ва оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода, ки ба муқобили манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷомеа ва давлат равона мебошанд, тадбирҳои фаврии иттилоотӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар чорабиниҳо бо таври фаврӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷорӣ намудани низомҳои махсуси ҳуқуқӣ ба миён меояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро маҳдуд менамояд.

8. Масъалаи пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода на танҳо байниидоравӣ ё байниминтақавӣ, балки хусусияти ҷумҳуриявӣ дорад ва чорабиниҳои дастаҷамъонаро барои ҳалли он дар сатҳи ҷумҳурӣ талаб менамояд. Ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода дар ҳудудҳои паҳновар ва бо хавфнокии баланд ҷалб намудани шумораи зиёди субъектони вокуниши фаврӣ ва ҷалб намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо барои сари вақт амалӣ намудани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода ба миён меояд. Мақомоти давлатие, ки дар ҳудуди онҳо ҳолати фавқулода рух додаст, масъули ташкил ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода мебошанд.

9. Бо мақсади ҳифз намудани аҳолӣ аз ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ қабул намудани ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта, такмил додани қонунгузорӣ, муайян ва мушаххас сохтани вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, ғайримахфигардонии Нақшаи амалӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт ва ҳисоботдиҳанда будани мақомоти ваколатдор дар назди аҳолӣ тақозои замон мебошад.

10. Новобаста ба мавҷудияти Низоми ягонаи давлатӣ бинобар рушд ёфтани хоҷагии халқи кишвар, аз ҷумла, бунёд гардидани корхонаҳои азими саноатӣ, биноҳои муосири баланошёна, нерӯгоҳҳои азими барқӣ-обӣ, шоҳроҳҳои автомобилии байналмилалӣ, тағйирёбии иқлим, эҳтимолияти калони селхезӣ, заминларза, кандашавии обанборҳо, садамаҳо ва ғ. вазифа ва функсияҳои мақомоти ваколатдор ва

серсохторҳои дохилии ин низом, бозбинӣ ва такмилдиҳиро тақозо менамоянд.

# БОБИ 2.
# АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

## 2.1. Танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ

Давлат тибқи меъёрҳои ҳуқуқии худ қоидаҳои умумии ҳатмии рафторро муқаррар карда, вазифа, салоҳият ва шаклу усулҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро ҷиҳати таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян менамояд. Аз ҷумла, «яке аз шаклҳои фаъолияти калидии мақомоти милитсия, татбиқи меъёрҳои қонунгузории фавқулода маҳсуб меёбанд» [51, с. 15].

Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҳамчун асоси ҳуқуқии фаъолияти МКД дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ маҳсуб меёбанд [9].

Чи тавре ки Жаворонкова Н.Г. зикр менамояд: «Вобаста ба хусусияти манбаи пайдоиш, ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ дар натиҷаи фаъолияти антропогении инсон ва ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ новобаста аз иродаи инсон ва дар натиҷаи равандҳои табиӣ ба вуҷуд омада, оқибатҳои онҳо ба муҳити зист таъсиргузор мебошанд» [76, с. 9-10]. Аммо, ҳар ду ҳолат метавонанд барои ҳаёту саломатии инсон ва ҳам барои молу мулки ӯ оқибатҳои ногуворро ба бор оранд. Инчунин, оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ боиси оқибатҳои манфии муҳити зист шуда метавонанд.

Жаворонкова Н.Г. комилан дуруст меафзояд: «Дар вазъияти ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ барои инсон пеш аз ҳама, огоҳонии пешакӣ, ҳар чи зудтар кам кардани оқибатҳои онҳо ва рафъи тағйироти манфии ҳолати муҳити зист мебошад» [76, с. 10].

Аз ин лиҳоз, нақши ҳуқуқ дар таъмини бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода дар он зоҳир мегардад, ки талабот ба ҳуқуқ меафзояд, ҳуқуқ хусусияти догматикӣ, зӯроварӣ ва худкомаӣ пайдо мекунад. Мазмуну раванди татбиқи ҳуқуқ тағйир ёфта, дар шакли речаи фавқулодаи маъмурии вазъияти махсусро касб менамояд, ки хусусияти он дар ҳар як вазъияти мушаххаси ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби роҳбари корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ муайян карда мешавад. Аммо, чунин шакли корбарӣ бояд тағийр дода шуда, ҳуқуқ хусусияти оммавӣ ва ошкоро будани чунин чорабиниҳоро қаблан муайян ва ба танзим дарорад.

Мақомоти корҳои дохилӣ қисми таркибии низоми ҳокимияти иҷроия буда, дар назди мақомоти олии ҳокимияти иҷроия - Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои вазифа ва функсияҳои худ масъул мебошад. Адилов А.Н. комилан дуруст зикр менамоянд, ки «мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун ҷузъи сохтори ҳокимияти иҷроия дар баробари тамоми субъектони ин низом дорои хусусиятҳои ҳокимиятӣ ва мустақилӣ дар иҷрои вазифа ва функсияҳои худ мебошад» [69, с. 277]. Тақрибан ба ҳамин мазмун дар банди 1 Низомномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти милитсия ҳамчун ҷузъи зеррсохтори Ҳукумати Тоҷикистон мустақар гардидааст.

Аз мазмуни моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», ки дар он мафҳуми «милитсия» баён ёфтааст [9], бармеояд, ки таъйиноти милитсия асосан ба фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ нигаронида шуда, «вазифаҳои асосии он таҳқиқу тафтишот, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъияту давлат аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили давлат мебошад» [9].

Зикр кардан зарур аст, ки дар Тоҷикистон, Россия ва Украина асосҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия бо Қонун «Дар бораи милитсия (ё полиция)» танзим мегардад. Аммо номи Қонун аз рӯйи мантиқ доираи фаъолияти мақомоти милитсияро маҳдуд месозад. Зеро мафҳуми «мақомоти корҳои дохилӣ» назар ба мафҳуми «милитсия/политсия» васеътар буда, ба мақомоти милитсия имконият медиҳад, ки вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва зарурати объективии пешгирӣ ва рафъ намудани таҳдиду хатарҳое, ки табиати ҷиноятӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқвайрокуниҳоро надоранд, дар доираи салоҳияти тибқи қонун майяншуда ба танзим дарорад.

«Дар ҳамин масир мавқеи Черняков А.А. вобаста ба он, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолияти политсияро Қонун «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» ба танзим медарорад ва он доираи фарохи фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ ва ғайриҳифзиҳуқуқиро низ ба танзим медарорад, комилан дуруст аст» [23]. «Зеро қабули қонун дар ин шакл як навъ сарфакории меъёрӣ буда, ба манфиатҳои моддию молиявии халқ мусоидат менамояд» [135, с. 104].

Чунин мавқеъгирӣ ба манфиати ҷумҳурии мо низ хоҳад буд. Зеро дар қонунгузории Казоқистон вазифа ва функсияҳои политсия хеле фаррохтар ва мантиқан дурустар таҷассум ёфтаанд.

Ҷумҳурии Қирғизистон низ дар самти фаъолияти милитсия қонуни худро аз 11-уми январи соли 1994, № 1361 – XII «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» номгузорӣ кардааст [24].

Вазифаҳои марбут ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода доираи васеътари уҳдадориҳоеро пешбинӣ менамоянд, ки тибқи дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтӣ ба зиммаи МКД вогузор карда шудаанд.

Ба андешаи олими узбек Ғуломов З.Х., «баъзе аз вазифаҳои милитсия бояд ба дигар мақомоти давлатӣ дода шаванд. Аз ҷумла, бақайдгирӣ ва додани шиноснома, корҳои суроғавӣ-маълумотномадиҳӣ; бақайдгирии шаҳрвандон ва шахсони бешаҳрванд, ки ба ҳудуди ҷумҳурӣ меоянд;

татбиқи қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ; татбиқи низоми иҷозатдиҳӣ (ба истиснои назорати силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва маводди тарканда); ташкили нуқтаҳои қабули ноболиғон; иҷрои як қатор ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд; иҷрои корҳои махсусгардонидашудаи монтажӣ ва истифодабарии таъмини бехатарии ҳаракат аз ҷониби воҳидҳои Бозрасии давлатии автомобилӣ» [74, с. 10-11].

Аммо, ихтисор ва ё ба дигар сохтор таҳмил кардани функсияҳои милитсия бояд хеле дурандешона ва собитқадамона сурат гирад. Масалан, дар Ҷумҳурии Қирғизистон «барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо вобаста ба сафари хориҷӣ ба уҳдаи Вазорати корҳои хориҷӣ; додани гузарномаҳои махсус ба минтақаи сарҳадӣ ба Хадамоти сарҳадӣ вогузор карда шуда, бо сабаби ҳанӯз дар соли 1999 дар Кодекси ҳукуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ намудани ҷавобгарии маъмурии барои майзадагӣ ва талбандагӣ нуқтаҳои тиббию табобатӣ ва таҳвилгоҳҳои муваққатии ноболиғон барҳам дода шудаанд» [36], ки имрӯз ин ба мушкилии иҷтимоӣ табдид ёфтааст. Зеро «майзадагон, оворагардон, шахсоне, ки аз зиндон озод шудаанд, чун қоида, бо мушкилоти худ танҳо мемонанд. Бархе аз ташкилоти ҷамъиятии башардӯстона, иттиҳодияҳои динӣ ва шахсони хайрхоҳи инфиродӣ ба чунин категорияи шахсон дар доираи имконияти худ кумак менамоянду халос» [69, с. 280].

Ба андешаи мо, чунин тарзи канораҷӯӣ аз ҳалли яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоии давлат дар назди шаҳрвандонаш, хилофи арзишҳои ҷомеаи демократӣ ва конститутсияи давлатҳои мустақил мебошад.

Новобаста ба он ки вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия маҳсуб меёбад, дар баробари он, дар сатҳи қонунгузорӣ ба ҳайси яке аз ҷузъҳои калидии ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ эътироф намудани пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тақозои замон мебошад.

Бинобар ин, номгузорӣ шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» доираи ваколатҳои милитсияро мантиқан маҳдуд месозад ва тағйири ном кардани он ба Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» ва минбаъд рушд додани дигар самтҳои фаъолияти он вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ манфиатпазиртар хоҳад буд. Зеро ислоҳоти шитобкорона бе доштани заминаи муқтадири моливу пулӣ ва дигар имкониятҳои моддӣ-техникии муосир аз нуқтаи назари илми идоракунӣ камсамар менамояд. Танҳо дар доираи имкониятҳо ва воҳидҳои мавҷуда низоми МКД вобаста ба таҳдиду хатарҳои муосир ислоҳоти милитсияро гузаронидан мақсаднoктар мебошад.

Дар банди 3 Низомномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари вазифаҳои асосии ҳифзиҳуқуқии милитсия, ба вазифаҳои марбут ба «таъмини амнияти экологӣ, карантинӣ ва бехатарии зиддисӯхторӣ махсус таъкид гардидааст» [35], ки аз доираи функсияҳои ҳифзиҳуқуқии милитсия фарохтаранд.

Аммо, бевосита иҷро намудани корҳои сӯхторхомӯшкунӣ, бартараф намудани оқибатҳои садамавӣ ва наҷотдиҳии шаҳрвандон бо истифода аз теҷҳизоти махсус ба функсяҳои иловагии милитсия марбутанд. Аз ин ҷост, ки тибқи талаботи зербандҳои 14, 15 банди 8 Низомномаи мазкур, милитсия ваколатдор аст, ки дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ иштирок намояд, оид ба пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва бартараф намудани оқибатҳои вазнини он чораҳо андешад ва вазифаҳои махсуси назоратӣ ва иҷозатдиҳиро дар ин самт амалӣ намояд (б. 14). Инчунин, дар таъмини бехатарии зиддисӯхторӣ иштирок намояд, оид ба пешгирии сӯхтору оташгириҳо ва бартараф намудани оқибатҳои вазнини он чорабиниҳои заруриро амалӣ намояд ва вазифаҳои махсуси назоратӣ ва иҷозатдиҳиро дар ин самт амалӣ кунад (б. 15).

Зикр кардан зарур аст, ки тибқи талаботи зербанди 42 банди 8 Низомнома, дар баробари соҳаи муқарраршудаи фаъолияти милитсия

дигар вазифаҳоро, ки тибқи қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошанд, амалӣ карда метавонад. Яъне, муқаррароти ин банд вобаста ба зарурат имкон медиҳад, ки вазифаҳои ёридиҳандаи самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба уҳдаи милитсия вогузор карда шаванд.

Аз мазмуну мухтавои вазифа ва ваколатҳои дар Низомнома пешбинишуда бармеояд, ки милитсия дар баробари вазифаҳои ҳифзиҳукуқии худ бо мақсади таъмини тартиботи ҷамиятӣ ба корҳои аз рӯйи таъйиноти ин мақомот дуюмдараҷа (ёридиҳанда) аз қабили таъмини бехатарӣ аз сӯхтор ва корҳои наҷотдиҳӣ дар ин самт, рафъи оқибатҳои даҳшатбори садамавӣ дар нақлиёт ва пешгирии бемориҳои сироятӣ низ масъул мебошанд.

Тибқи талаботи моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», милитсия барои пешгирӣ ва рафъи чунин корҳо дар ҳолатҳои фавқулода муваззаф мебошад: «дар пешгирӣ ва рафъ намудани оқибати садамаву фалокатҳо, сӯхтору офатҳои табиӣ; наҷот додани одамон ва расонидани ёрӣ фаврии таъҷилӣ ба онҳо; таъмин намудани реҷаи ҳуқуқии вазъияти фавқулода; амалӣ сохтани чорабиниҳои карантинӣ ва эпидемиологӣ ва ғ.» [9].

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2014, таҳти № 833, Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода тасдиқ карда шудааст. Тибқи банди 39 Низомномаи мазкур, «қувва ва воситаҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои рафъи ҳолатҳои фавқулода истифода карда мешаванд» [28].

Бояд зикр кард, ки дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар ду самт зерсохторҳои марбута ташкил карда шудаанд:

1. Зернизоми вазифавии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода «Муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар ҳолатҳои фавқулода»;

2. Зернизоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода «Огоҳкунӣ ва хомӯшкунии сӯхтор».

Тибқи Низоми болозикр, вазифаи асосие, ки дар назди МКД ҶТ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода истодааст, иштирок дар рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мебошад. Дар санади мазкур кайд карда мешавад, ки тадбирҳои рафъи ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ки дар онҳо ҷузъу томи МКД иштирок доранд, аз тарафи комиссияи давлатии ҳолатҳои фавқулодаи маҳаллӣ муайян карда мешавад.

Моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» мақомоти хадамоти давлатии оташнишонӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳоро ҳамчун субъектони асосии низоми таъмини бехатарӣ аз сӯхтор муқаррар кардааст. Инчунин, анҷом додани корҳои аввалияи садамавӣ-наҷотдиҳиро ба салоҳияти мақомоти номбурда марбут донистааст [12].

«СХДО ВКД ҳамчун мақомоти марказии мустақили оперативии бехатарӣ аз сӯхтор ва аз рӯйи мақоми ҳуқуқии худ ҳамоҳангсози фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ дар самти таъмин ва назорати бехатарӣ аз сӯхтор муайян гардидааст (м. 9)» [12].

Тибқи моддаи 10 Қонуни мазкур, СХДО ВКД дар интихоби ҳудуди сохтмони роҳу лоиҳаҳои бинову иншооти саноатӣ дар кори комиссияҳои дахлдор масъул буда,  талаботи бехатарӣ аз сӯхторро назорат менамояд.

Бояд зикр кард, ки тибқи талаботи моддаи мазкур, назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар ҷангалзорҳо ба Хадамоти хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми иҷрои корҳои ба тарконидан алоқаманд ба Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат

ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут дониста шудааст. Аммо функсияи назоратӣ вобаста ба таъмини бехатарӣ аз сӯхтор дар наклиёти ҳавоӣ ва обӣ ба зиммаи СХДО ВКД ҶТ вогузор гардидааст.

Мавқеи Устинов А.А. вобаста ба он ки «айни замон масъалаҳои хусусияти маҳаллидошта вобаста ба ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бинобар надоштани захираҳои зарурии моливу пулӣ, бояд аз салоҳияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бардошта шаванд» [88, с. 8], ҷолиби диққат аст. Андешаи бархе аз муҳаққиқон дар мавриди он, ки «ҳангоми вокуниши фаврӣ вобаста ба наҷот додани одамон ва амволи онҳо, то расида омадани кормандони Хадамоти наҷотдиҳӣ-садамавӣ бояд масъулияти асосӣ ба уҳдаи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ вогузор шавад ва онҳо барои омодабошии қишри бекори аҳолӣ дар ҳалли чунин вазифаҳо корҳои ташкилиро, аз қабили машқҳои ситодӣ ва тактикии наҷотдиҳӣ, пайваста амалӣ созанд» [88, с. 10] сазовори эътироф ва ҷонибдорӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки «тибқи қонунгузории амалкунанда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми корхонаву муассисаҳо ухдадор мебошанд, ки дастаҳои (дастёрони) идоравии оташнишониро дар мувофиқа бо СХДО ВКД ташкил намоянд. Таъмини молиявии чунин дастёрон бояд аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва корхонаю ташкилот ба роҳ монда шавад (м.11)» [12].

Тибқи талаботи қонунгузории фавқулода, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд комиссияҳои соҳавии сӯхтору техникӣ ва дастаҳои (дружинаҳои) идоравии оташнишонӣ ташкил намоянд. Ба андешаи мо, дар ҳайати чунин комиссия ва дастаҳо (дастёрон) бояд кормандони соҳаи пешгирии садамаҳо ва наҷотдиҳӣ низ шомил бошанд.

Ҳамин тариқ, новобаста ба табиати ҳолатҳои фавқулода (сӯхтор, таркиш, заҳролудшавӣ, садама, заминларза, обхезӣ ва ғ. ) дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаю ташкилот ва

муассисаҳо, ташкил кардани зернизомҳои дахлдор, аз ҷумла, гурӯҳҳои муттаҳиткардашудаи функсионалӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ҳамин масир зикр кардан зарур аст, ки новобаста ба он ки тибқи талаботи моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказии идоракунии Низоми таъмини бехаратии аз сӯхтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, тибқи талаботи моддаи 10 ҳамин Қонун, назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар ҷангалзорҳо ба салоҳияти Хадамоти хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми иҷрои корҳои ба тарконидан алоқаманд ба Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст, ки мантиқан дуруст аст.

Аммо, ниҳодҳои мазкур дар доираи қонун бояд ҳамчун ҷузъи Низоми таъмини бехаратии аз сӯхтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шаванд ва дар ҳамин самт ба Хадамоти давлатии оташнишонӣ хусусияти зертобеиятӣ дошта бошанд, зеро дар ҳолати ба амал омадани сӯхторҳои азим ва калонҳаҷм, ин ниҳодҳо бе ёрии амалии хадамоти мазкур қобилияти бартараф кардани оқибатҳои онҳоро дар ҷангалзорҳо ва корхонаҳои азими саноатӣ, аз ҷумла, гидротехникӣ надоранд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи м. 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» дар низоми таъмини бехаратии аз сӯхтор дар мувофиқа бо СХДО ВКД барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатиро таҳия намуда, оид ба омӯзондани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ба таълимгирандагон дар тамоми зинаҳои таҳсилот масъул мебошад.

Дар ҳамин радиф зикр кардан зарур аст, ки тибқи талаботи зербанди 1 б. 2 м. 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода», «вазъияти фавқулода ҳамчун чораи муваққатӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулоди табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоии

хеле хавфнок ва паҳновар дар доираи салоҳияти Президенти кишвар эълон карда мешавад» [5].

Аммо дараҷаи хавфнокии чунин ҳолатҳои табиӣ ва техногенӣ, ки ҷорӣ кардани вазъияти фавқулодаро тақозо менамоянд, дар доираи қонунгузории амалкунанда муайян карда нашудаанд, мутаносибан нақшаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар чунин ҳолатҳо нокомил ва ба талаботи замон ҷавобгӯй нестанд.

Мутобиқи талаботи Қонуни конститутсионии зикршуда, мақомоти милитсия ҳангоми ҷорӣ намудани низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода, дар доираи салоҳияти худ вазифаҳои муайянро вобаста ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд амалӣ месозад. Аз ҷумла, маҳдуд кардани ворид ва хориҷ шудани шаҳрвандон ба маҳалли муайян ва хонаашон, интиқоли маводу масолеҳи таркандаю радиоактивӣ, гузарондани маҷлису гирдиҳамоиҳо ва ғ.

Аммо, вазифаҳои мазкур дар Қонуни конститутсионии зикршуда махсусан ба уҳдаи МКД вогузор нашудааст. Вале санадҳои меъёрии танзимкунандаи самти фаъолияти МКД ин вазифаҳоро ба уҳдаи ВКД вогузор менамояд.

Бо мақсади такмил додани фаъолияти МКД дар ин самт (омодагии ҷузъу томи МКД, қӯшунҳои дохилӣ ва муассисаҳои таълимии ВКД) тибқи талаботи санадҳои меъёрии дохилиидоравии ВКД ҷузъу томи МКД дар бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ иштирок менамоянд [9]. Чунин талабот аз мазмуни моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ бармеояд [6].

Бояд зикр кард, ки дар санадҳои меъёрии дохилиидоравӣ ташкили фаъолияти зернизоми функсионалӣ бояд бо таври пурра муайян карда шавад. Номгӯйи қувваҳо ва воситаҳоеро, ки барои таъмини фаъолияти зернизоми функсионалии ба низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйиншуда пешбинӣ шудаанд, мушаххас карда шавад. Тартиби

фаъолияти ин зернизомҳоро нишон дода, чорабиниҳои молиявӣ ва моддии вазоратро низ муқаррар намудан лозим аст. Зеро тибқи талаботи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри с. 2014, таҳти № 833, ВКД вазифадор аст, ки дар муҳлати муайян сохтор ва тартиби фаъолияти зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии НЯДПРҲФ-ро тасдиқ намуда, ба Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода ҷиҳати вазифаҳо, қувва ва воситаҳо пешниҳодот манзур намоянд. Аммо, дар ВКД чунин санад то ҳол қабул ё тасдиқ нашудааст. Дар санадҳои болозикр ҳисобҳои тахминии эвакуатсияи одамон, ҷалби қувва ва воситаҳои зарурӣ (амалиёти наҷотдиҳӣ, гурӯҳҳои оперативӣ ва ғ.) бо таври комил муқаррар нагардидааст.

Ҳамин тариқ, тамоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ҳамчун ҷузъи зерсохтори НЯДПРҲФ ширкат меварзанд. Аз ин лиҳоз, ҳамчун ҷузъи низоми давлатӣ вобаста ба самти фаъолияташон чунин вазорату идораҳои давлатӣ бояд дорои низоми дохилиидоравии худ бошанд ва намояндаи доимии онҳо ҳамчун ҷузъи васлкунандаи зернизоми дохилиидоравӣ дар назди Низоми ягона масъул бошад.

Тибқи талаботи зербанди 1б. 1 м. 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ», маълумот оид ба ҳолатҳои фавқулода, ки ба амният ва саломатии шаҳрвандон бевосита таҳдид мекунанд, набояд махфӣ гардонида шаванд [16]. Яъне, маълумот оид ба хавфу хатари ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ сирри давлатӣ маҳсуб намеёбанд. Аз ин лиҳоз, нақшаҳои омодасозии аҳолӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бояд ғайримахфӣ гардонида шуда, механизми омодасозии пешакии тамоми қувва ва воситаҳои ташкилоту муассисаи давлатӣ, ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон дар ин самт бо таври комил коркард ва амалӣ сохта шавад.

Ҳамзамон, санадҳои меъёрии зерин ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботи қонунҳои баррасигардида вобаста ба фаъолияти МКД дар ҳолатҳои фавқулода нигаронида шудаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Қоидаҳои ташкил ва истифодабарии манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таснифи ҳолатҳои фавқулода», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Қоидаҳои ташкил ва истифодабарии манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ»; қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи мақомоти эвакуатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур ва дигар фармону дастурамалҳои МКД вобаста ба фаъолияти ҷузъу томи он дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ вобаста ба зарурат дар бандҳои минбаъдаи таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла МКД дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ барои рӯйи кор овардани чунин хулосаву пешниҳодот мусоидат намуданд:

1. Набудани равиши ҳамоҳангшуда ба ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ки принсипҳои асосии барномаҳои стратегиро инъикос мекунанд, боиси бидуни стратегияи амиқ таҳиягардидаи рушди ин соҳа ба амал меояд. Аз ин лиҳоз, дигаргуниҳои институтсионалӣ ба стратегияҳои рушди дарозмуддат ва миёнамуҳлат ва афзалиятҳои дар онҳо муайяншуда пурра мувофиқат намекунанд.

2. Кӯшишҳои ислоҳоти шитобкорона ва ғайринизомии сохторҳои алоҳида ба умеди ба даст овардани самараи хуб аксаран ба интизориҳои сатҳи аввал ҷавоб намедиҳанд. Дар натиҷа, низоми муосири идоракунии давлатиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мукаммал ҳисобидан ҷоиз нест. Мақомоти алоҳидаи давлатӣ бо сабаби манфиатҳои маҳдуди идоравии худ раванди тараққиёти босуръати идоракунии давлатиро дар ин самт суст мекунанд.

3. Бинобар дар замони муосир яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф гардидани пешгирӣ ва рафъ кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва ба ҳайси мақоми роҳбарикунанда ва ҳамоҳангсозанда эътироф гардидани МКД дар самти бехатарӣ аз сухтор, Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ба Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» табдили ном карда шуда, дар ин Қонун яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия эътироф карда шавад ва бо мақсади рушди он ба Стратегияи ислоҳоти милисия барои солҳои 2026-2030 тағйиру иловаҳо ворид карда шавад.

4. Бо мақсади бо таври ҳамагир фаро гирифтани аҳолӣ (ташкилоту муассисаҳо, ҷамъоати шаҳраку деҳот ва ғ.) дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ такмил додани қонунгузорӣ ва ташкил намудани Комиссияҳои муштараки доимоамалкунанда (ситод) дар сатҳи шаҳр, вилоят, ноҳия, мутаносибан гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашуда, тақозои замон аст.

5. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тобеияти воҳидҳои тамоми низоми ВКД дар самти пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода муқаррар карда шавад. Як қисми вазифаҳои идоракунии МКД ва қӯшунҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба воҳидҳои сохтории минтақавӣ вобаста кардан лозим аст. Дар сатҳи ноҳияҳо ва вилоятҳо нақшаҳои доимии фаъолияти ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ таҳия ва амалӣ карда шавад.

## 2.2. Асосҳои ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ

Тибқи банди 3 Низомномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «милитсия сиёсати давлатиро вобаста ба таъйиноти ҳифзиҳуқуқии худ амалӣ сохта, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ин самт коркард ва барои мукаммалгардонӣ ба мақомоти қонунгузор пешниҳод менамояд» [35].

Дар баробари пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноят ҷинояткорӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ МКД дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ нақши муассир дорад. Зеро тибқи талаботи Низомномаи зикршуда, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои сӯхторҳо, заминларза, обхезӣ ва дигар офатҳои табиӣ, инчунин, амалӣ сохтани корҳои наҷотдиҳӣ вобаста ба корҳои садамавӣ низ вазифаҳои асосии он эътироф гардидаанд.

Дар ҳалли вазифаҳои номбурда МКД дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо дорои зернизомҳои нисбатан мустақил ва мукаммал мебошад.

Тибқи банди 5 Низомномаи ВКД, сохтори низоми МКД чунин муайян гардидааст: «Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёстаҳо, раёсатҳо, шуъбаҳои корҳои дохилӣ дар ноҳия, шаҳр, вилоят, инчунин, воҳидҳои дигари милитсия, аз қабили қӯшунҳои дохилӣ, ҳифзи сӯхтор ва дигар воҳидҳои тобеи онҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо» [35].

Бояд гуфт, ки олими варзидаи рус, профессор Громов М.А. ба таҳқиқи заминаҳои бунёдӣ ва илмии ташкили идоракунии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулода диққати махсус матраҳ намуда, чунин таъкид намудааст: «Бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои оперативӣ оид ба муайян, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ вобаста ба хавфнокӣ ва ҳудуди паҳноварии чунин ҳолатҳо ташкил

намудани гурӯҳҳои муштараки муттаҳидкардашудаи ҷузъу томи МКД зарурати объективӣ дорад» [46; 72].

Дар ҳамин масир Черних В.В. чунин таъкид менамояд: «Ташкили фаъолияти қувваҳо ва воситаҳои ба гурӯҳҳо муттаҳидшудаи МКД барои вокуниши саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бояд бо назардошти талаботи зерин роҳандозӣ карда шавад: табиати низоми махсуси давлатии вокунишии фаврӣ, ташаккулёбанда ва инкишофёбанда бошад; мавқеъ ва нақши ҷузъу томи МКД (гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда) дар НЯДПРҲФ бояд бо таври мушаххас муайян карда шаванд; тартиби ташкил ва ҷалби онҳо барои ҳалли вазифаҳо ва иҷрои функсияҳо дар минтақаи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ равшан бошад; муайян намудани иқтидори ҷузъу томи МКД (гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи зерсохторҳои мақомот) ҳангоми иштирок дар бартарафсозии офатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении миқёси калон; баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити махсуси фаъолият; таъминоти ҳуқуқии фаъолияти ҷузъу томи мақомот, ки дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҷалб гардидаанд» [86, с. 17].

Ба андешаи мо, дар ташкил кардани гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи ҷузъу томи МКД бояд талаботи принсипҳои оперативии идоракунӣ, аз қабили устуворӣ, муттасилӣ, ягонагии фармондеҳӣ, самаранокӣ, омодагӣ, мураккабӣ, тамаркузи кӯшишҳои асосӣ дар лаҳзаи ҳалкунанда ба инобат гирифта шаванд.

Мутахассисони соҳа самаранокии идоракунии ҷузъу томи МКД-ро дар ҳолатҳои вокунишии фаврии хусусияти табиӣ ва техногенидошта бо дар сатҳи касбӣ амалӣ сохтани функсияҳои идоракунӣ, аз қабили «пешгӯикунии саривақтии ҳолатҳои фавқулода; банақшагирии ҳамаҷонибаи чорабиниҳои вокунишӣ; созмондиҳии сохтори мукаммали вокунишӣ; бо таври комплексӣ амалӣ сохтани чорабиниҳои дахлдор; назоратбарӣ ва баҳисобгирии дурусти қувва ва воситаҳо; тайёр намудан,

қабул кардан ва саривақт тағйирот даровардан дар қарорҳои идоракунӣ; танзими дурусти низоми назоратбарӣ аз ҷониби сардорони гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалӣ ва Ситоди оперативӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳо, алоқаманд медонанд» [86, с. 19].

Бояд зикр намуд, ки мақсад ва вазифаҳои мушаххаси ҷузъу томи МКД дар ҳолати фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бо назардошти таҳлили воқеии хатарҳои ҳолатҳои фавқулода, миқёс ва намуди офати табиӣ ва техногенӣ муайян карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, сохтори гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои МКД дар чунин шароитҳо аз вазифаҳо ва функсияҳои мушаххаси иҷрошаванда, аз шумораи зернизомҳои гурӯҳбандишуда вобаста мебошад.

Дар ташкил ва идоракунии чунин гурӯҳҳои функсионалии маттаҳидкардашуда «принсипи таъйиноти махсус», ки аз ҷониби профессор Громов М.А. коркард шудааст, дорои аҳаммияти бесобиқаи илмӣ ва амалӣ буда, ба чунин самтҳои фаъолияти милитсия нигаронида шудааст: «Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба таъмини фаъолияти ҷузъу томи МКД (гурӯҳҳо) дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ, баррасӣ намудани сохтори ташкилии гурӯҳбандии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ дар асоси вазифаҳо ва функсияҳои онҳо, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд» [72, с. 63]. Яке аз муҳиммтарин хусусияти ин раванд, қаблан пешбинӣ карда тавонистани вазифаҳои бо таври ғайричашмдошт бавуҷудоянда ва созмон додани гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ бо ҷалби қувва ва воситаҳои МКД барои ҳалли вазифаҳо дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ маҳсуб меёбад.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳолатҳои вокуниши фаврӣ МКД дар баробари вазифаҳои асосӣ барои иҷрои вазифаҳои иловагии ғайричашмдошти берун аз салоҳияташ ҷалб карда мешаванд. Барои равшан сохтани масъалаи мазкур, такя намудани ба афкори кормандони амалӣ манфиапазир мебошад.

Вобаста ба вазифа (функсияҳо)-и МКД дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ба саволи «Ба фикри Шумо, ҷузъу томи мақомоти милитсия дар шароити офатҳои табиӣ ва техногенӣ кадом вазифаҳоро (функсияҳоро) иҷро менамоянд?», 25,5% пурсишшудагон таъкид карданд, ки вазифаҳои (функсияҳои) асосии ҳаррӯзаро, 17% - вазифаҳои (функсияҳои) иловагиро, 19% - вазифаҳои (функсияҳои) ба милитсия хоснабударо. Инчунин, 25% пурсишшудагон зикр карданд, ки кормандони милитсия барои иҷрои вазифаҳои (функсияҳои) ба МКД хоснабуда омода нестанд ва 14% таъкид сохтанд, ки кормандони милитсия вазифаҳои (функсияҳои) иловагиро бо таври дуруст иҷро карда наметавонанд. Чунин натиҷаҳои пурсиш мавқеи моро вобаста ба саволи нуҳуми пурсишнома боз устувортар месозад [ниг.: замимаи № 1].

Вобаста ба саволи ёздаҳуми пурсишнома - «Ба фикри Шумо, ҷузъу томи мақомоти милитсия дар шароити офатҳои табиӣ ва техногенӣ кадом вазифаҳои (функсияҳои) иловагиро иҷро менамоянд?», пурсишшудагон чунин ҷавоб доданд: 28,5% - чораҷӯии таъҷилӣ оид ба наҷот додани одамон ва расондани ёрии аввалин, 24% - ҳифзи молу мулки бе назорат гузошташуда, 22% - ба муқобили ғоратгарон, дигар омилҳои ҷиноятӣ мубориза бурдан, 15% - пешгирии воҳима ва овозаҳои бардуруғ ва 10,5% - иштирок дар фаъолиятҳои эвакуатсионӣ [ниг.: замимаи № 1].

Вобаста ба саволи «Ба фикри Шумо, ҷузъу томи мақомоти милитсия дар шароити офатҳои табиӣ ва техногенӣ кадом вазифаҳои (функсияҳои) асосиро иҷро менамоянд?», пурсишшудагон чунин ҷавоб доданд: 27% - таъмини амнияти шахсӣ, 17% - пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, 19% - ошкор ва кушодани ҷиноятҳо, 23,5% - муҳофизати тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ, 13,5% - ҳифзи моликияти хусусӣ, давлатӣ ва дигар шаклҳои моликият [ниг.: замимаи № 1].

Вобаста ба вазъияти объективӣ ва ғайричашмдошт, ҷузъу томи МКД барои иҷрои вазифаҳои берун аз салоҳияти онҳо низ ҷалб карда

мешаванд. Зеро иҷрои чунин вазифаҳо дар ҳолатҳои фавқулода таъхирнопазирӣ ва мутобиқатсозии оперативиро тақозо менамоянд.

Кормандони милитсия ба саволи: «Ба фикри Шумо, ҷузъу томи мақомоти милитсия дар шароити офатҳои табиӣ ва техногенӣ кадом вазифаҳои (функсияҳои) ғайриоддӣ (ғайритахассусиро) иҷро менамоянд?», чунин ҷавоб доданд: 21,5% - иштирок дар таҳлили зарарҳои расонидашуда, 18% - мустаҳкам намудани сарбандҳо, обанборҳо бо ҳалтаҳои рег, холӣ кардани хок, шағал, 21% - тоза кардани ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин аз лой, шағал ва рег, 16,5% - ба нуқтаҳои аҳолинишини зериобмонда озуқаворӣ расондан, 23% - аз минтақаи офати табиӣ ва ё техногенӣ баровардан (бор кардан, фаровардани) сарватҳои моддию маданӣ [ниг.: замимаи № 1].

Ин вазифаҳоро (функсияҳоро) барои қувва ва воситаҳои дар гурӯҳҳо муттаҳидшудаи МКД роҳбарони корҳои садамавӣ ва барқарорсозии садамавӣ ва ё комиссияҳои фавқулода, ки тамоми корҳои наҷотдиҳӣ, барқароркунӣ ва идоракунии оперативии қувва ва воситаҳои Низоми ягонаи давлатиро дар минтақаи офати табиӣ ва ё техногенӣ ташкил намуда, дигар чорабиниҳое, ки ба рафъи оқибатҳои вазъияти фавқулодаи табиӣ нигаронида шудаанд, муқаррар мекунанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи мақсад аст, ки вазифаҳои (функсияҳои) МКД ва ҷузъу томи онро ба таври зерин гурӯҳбандӣ намоем:

1. Вазифаҳои (функсияҳои) асосии ҳаррӯза (таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, муҳофизати биноҳо ва ғ.).

2. Вазифаҳои (функсияҳои) иловагие, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва низомномаҳо зикр гардида, аз ҷониби МКД ва ҷузъу томи он дар ҳудуди хизматрасонӣ ва дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҳал карда мешаванд.

3. Вазифаҳои (функсияҳои) ғайритахассусӣ, ки дар низомномаҳо пешбинӣ нашуда, аз ҷониби МКД ва ҷузъу томи он дар ҳудуди хизматрасонӣ ва дар минтақаи масъулияти милитсия дар шароити

ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, тибқи қарори комиссияи фавқулода ва роҳбарони корҳои наҷотдиҳӣ ва барқароркунии фавқулодаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шароити ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ зарурати андешидани тадбирҳои иловагии амниятӣ ба миён меояд. Аз ҷумла, пурзӯр намудани назорати ҳудуд ва минтақаи масъулият; ҷалби қувваҳои иловагӣ, ташкил кардани гурӯҳҳои зарурии функсионалӣ ва ғ.

Хавфи воқеии офатҳои калони табиӣ ва ҳодисаҳои техногенӣ бошад, зарурати эвакуатсия кардани аҳолӣ, муваққатан ҷойгир кардани онҳо дар минтақаҳои дигар, эвакуатсия кардани сарватҳои моддӣ ва фарҳангӣ ва дигар тадбирҳои зарурии иловагиро ба бор меорад. Чунин равандҳо, албатта, ташкил кардани гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи зарурии функсионалӣ ва ҳисоб кардани қувва ва воситаҳои зарурӣро тақозо менамоянд.

Бояд таъкид сохт, ки то ба маҳалли офати табиӣ ва ҳодисаи техногенӣ омадани дастаҳои наҷотдиҳии оперативӣ ва бригадаҳои сохтмонӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ аз ҷониби ҷузъу томҳои МКД амри зарурӣ буда, дар кӯтоҳтарин муҳлат ташкил кардани гурӯҳҳои функсионалӣ ва ҷалб намудани кувваю воситаҳои иловагӣ барои наҷоти шаҳрвандон ва амволи онҳо ба вазифаи аввалиндараҷа мубаддал мегардад.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи сарватҳои моддӣ ва объектҳои нигоҳдории онҳо дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ чунин зарурат ба миён меояд:

– сари вақт ба қайд гирифтани ҳамаи объектҳои аз офати табиӣ ва техногенӣ зарардида;
– тафтиши вазъияти нигаҳдории сарватҳои моддию маданӣ;
– дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоби вайрон шудани онҳо;

– пурзӯр намудани чораҳои оперативӣ-тафтишотӣ барои мубориза ба муқобили duздидани сарватҳои моддӣ.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ чунин зарурат ба миён меояд:

– зудтар вокуниш нишон додан ба ҳар як зуҳуроти ҷиноятӣ;

– пурзӯр намудани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои кушодани ҷиноятҳо;

– сари вақт пешгирӣ намудани падидаҳои ҷиноятӣ.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмини реҷаи шиносномавӣ дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ чунин зарурат ба миён меояд:

– фавран ба қайд гирифтани шаҳрвандони фавтида ва зиндамонда;

– гузаргоҳҳои рафтуомади шаҳрвандон;

– корҳои барқарор намудани ҳуҷҷатҳои гумшудаи сокинон.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии ҳаракати роҳ дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бошад, чунин зарурат ба миён меояд: барои барқарор намудани ҳаракати вайроншуда тадбирҳои таъхирнопазир андешида, дар минтақаи офати табиӣ ва техногенӣ хатсайрҳои оқилонаи ҳаракати нақлиёт, таъмини ҳаракати нақлиёти автомобилӣ ба минтақаи харобиовар.

Ҳангоми баррасии вазифаҳое, ки бо функсияҳои МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ алоқаманд мебошанд, пеш аз ҳама, бояд диққати асосӣ ба эҳтимолияти пайдоиши ҳолатҳои фавқулодаи ғайричашмдошт равона гардад. Аз ҷумла, таҳия намудани якчанд нақшаҳои амалиётии эҳтимолӣ; омода ва ҷалб намудани намудани мутахассисони касбӣ ва гурӯҳҳои эҳтиётӣ; таъминоти гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ бо воситаҳои моддӣ-техникӣ ва ба инобат гирифтан захираҳои эҳтиётӣ; гузаронидани чорабиниҳо оид ба

сари вақт огоҳ намудани мақомот вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ҳодисаҳои техногенӣ; таъмини ҳамкории мутақобила барои ҳалли проблемаҳои бамиёномада.

Чи тавре ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад [ниг.: замимаи № 1], дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар аксарияти ҳолатҳо ташкил кардани чунин гурӯҳҳои функсионалӣ тақозои замон аст: «– гурӯҳи фаврии наҷотдиҳиии одамон ва расонидани ёрии таъҷилӣ ба онҳо; – гурӯҳи эвакуатсионӣ; – гурӯҳи нисбатан калонтар вобаста ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ; – гурӯҳҳои муҳосиракунандаи минтақаи офатҳои табиӣ ва ё техногенӣ; – гурӯҳи кашофӣ (разведкавӣ); – гурӯҳҳо барои муҳофизат намудани молу мулки беназоратмондаи шаҳрвандон; – гурӯҳҳои муҳофизатии объектҳои муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ; – гурӯҳҳои зиддиэпидемиологӣ ва байторӣ; – гурӯҳи оперативӣ оид ба ошкор ва пешгирӣ намудани дуздӣ ва ғоратгарӣ; – гурӯҳҳои кофтукови ҷиноятӣ; – гурӯҳҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ; – гурӯҳҳои огоҳикунонии ҷамъиятӣ; – гурӯҳи ҷустуҷӯи шахсоне, ки робитаро бо хешовандонашон гум кардаанд;– гурӯҳҳои робита бо ВАО; – гурӯҳҳои оперативӣ-тафтишотӣ бо шахсоне, ки ба ШВКД бурда мешаванд; – гурӯҳҳои назорат аз болои нигоҳ доштан ва тақсим кардани захираҳои ғизоӣ ва моддӣ».

**Гурӯҳи иҳота (отсепление)** шароити муътадили амалиёти наҷотдиҳиро таъмин намуда, аз вуруди шаҳрвандон ба минтақаҳои хатарнок монеъ мешавад. Ин гурӯҳҳо, чун қоида, сершумортарин ҳастанд, ки чи аз ҳисоби кормандони ҷузъу томи шуъбаҳои гуногуни МКД ва чи аз ҳисоби шахсони ба онҳо ба таври иловагӣ вобасташуда ташкил карда мешаванд.

Вазифаҳои асосии **гурӯҳи таъминкунандаи эвакуатсияи одамон** аз инҳо иборатанд:

– расонидани ёрии таъхирнопазир вобаста ба баровардани одамон ва моликияти онҳо аз минтақаи ҳолатҳои фавқулода ва ҷойгир кардани аҳолӣ дар ҷойҳои бехавф;

– аз минтақаи ҳавфнок баровардани молу мулк, ҳуҷҷатҳо, таҷҳизот, силоҳ, инчунин, дастгиршудагон ва гумонбаршудагон.

**Ба гурӯҳи мададгори амалиёти наҷотдиҳӣ** вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– иштирок дар наҷот додани одамон ва молу мулк;

– расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ба осебдидагон;

– ёрӣ дар кори гурӯҳҳои наҷотдиҳандаи таъҷилӣ, аз ҷумла, ба минтақаи офати табиӣ, техногенӣ ба ҳаракат овардани техникаи вазнин;

– ёрӣ расондан ба кори таъҷилӣ, ҷалб намудани аҳолӣ ва воситаҳои нақлиёт.

**Гурӯҳи муҳофизати молу мулки беназоратмонда** муваззаф карда мешавад, ки сарватҳои моддию маданӣ чи дар минтақаи офати табиӣ ва чи дар ҷойҳое, ки онҳо муваққатан ҷойгир карда шудаанд, аз дуздону ғоратгарон муҳофизат намоянд.

**Гурӯҳҳои ҳифзи иншооти муҳим** – ҳифзи биноҳои маъмурӣ ва дигар иншооти муҳимро аз ҳамлаҳои ҷинояткорӣ амалӣ месозанд.

**Гурӯҳи тафтишотӣ** – шахсонеро, ки барои тафтиш оварда шудаанд, шахсонеро, ки бе ҳуҷҷат, бе ҷойи истиқоматӣ муайян дар минтақаи офати табиӣ ва техногенӣ қарор доранд, тафтиш менамояд.

**Гурӯҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** – барои пешгирӣ ва ифшои вуруд ба минтақаи фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ анҷом медиҳад.

**Гурӯҳи мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ** – ҷиҳати пешгирӣ ва барҳам додани дуздӣ ва дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тадбирҳои оперативӣ меандешад.

**Гурӯҳи нигаҳдории реҷаи шиносномавӣ** – оид ба муайян кардани шахсият, дар куҷо ҷойгир шудани ҷабрдидагон, барқарор намудани тамос бо онҳо (мактуб, телеграмма, зангҳо), инчунин, шахсияти шахсони шубҳанок (ҷинояткорон)-ро тафтиш мекунанд.

Инчунин, дар минтақаи ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ гурӯҳи хизматрасонии низоми иҷозатномадиҳӣ ба шаҳрвандон, гурӯҳи бехатарӣ аз сӯхтор, гурӯҳи мададгор оид ба хадамоти зиддиэпидемиологӣ ва зидди эпизоотия барои шаҳрвандон кумак мерасонад.

Шумора, номгӯйи гурӯҳҳои функсионалии номбурдаи МКД аз хусусият, намуд ва дараҷаву хавфнокии ҳудудҳои оқибатҳои офатҳои табиӣ, техногенӣ вобаста аст.

Дар ШВКД, ки шумораи ками воҳиди корӣ доранд, ҳангоми ҳодисаҳои фавқулодаи табиии миқёси вилоятӣ (шаҳрӣ) **на ҳамаи гурӯҳҳои зикршуда** ташкил карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, функсияҳое, ки кормандон иҷро мекунанд, барои иҷрои вазифаҳои оперативӣ ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулода аз нав тақсим карда мешаванд.

Афкори иброзгардида моро бар он мувоҷҷеҳ месозад, ки ташкил ва фаъол сохтани гурӯҳҳои оперативии функсионалӣ дар ҳайати гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда дар зери чатри як зернизоми нисбатан мустақили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз воситаҳои муассир ва зарурӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бо мақсади тақвият бахшидани раванди таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ дар минтақаи хизматӣ ва ё дар ҳудуди масъулияти МКД барои ҳалли вазифаҳо ва функсияҳои он маҳсуб меёбад. Чунин мавқеъгирии мо комилан ба талаботи принсипи мулоимӣ (гибкость) дар идоракунии низомҳои иҷтимоӣ мувофиқ мебошад.

Ташкили гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи мақсадноки ҷузъу томи МКД пеш аз фаторасии воқеии ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ҳангоми тартиб додани нақшаи оперативӣ оғоз гардида, ҳамоҳангсозии он дар ҷараёни омода намудани ҳайати шахсӣ барои иҷрои вазифаҳои мушаххас дар ҳолатҳои фавқулода ба роҳ монда мешавад.

Фаъолияти воқеии гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи мақсадноки ҷузъу томи МКД аз лаҳзаи гирифтани хабар дар бораи офати табиӣ ва воқеаи техногенӣ оғоз меёбад.

Агар офати табиӣ ва ё ҳодисаи техногенӣ пешгӯишаванда бошад, пас, омодагӣ барои фаъолияти муштарак аз лаҳзаи огоҳӣ оид ба эҳтимоли рух додани ҳолати фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ дар қаламрави хизматрасонӣ амалӣ карда мешавад.

Дар сурати рӯй додани офати ногаҳонии табиӣ ва ё техногенӣ гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи мақсадноки ҷузъу томи МКД ба минтақаи рух додани офати табиӣ ва ё техногенӣ сафарбар карда мешавад. Зеро дар натиҷаи ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ вазъияти оперативӣ дар минтақа бошиддат душвор мегардад. Фаъолияти бе ин ҳам пуршиддати МКД-ро ниҳоят душвор мегардонад ва дар идоракунии ҷузъу томи он душвориҳои иловагӣ ба вуҷуд меоянд. Зуд-зуд тағйир ёфтани раванди воқеаҳо дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ идоракунии дақиқу оперативии ҷузъу томи МКД ва гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои онро дар асоси иттилооти мунтазам навшаванда ва зуд коркардшуда, сари вақт омода ва қабул намудани қарорҳои оперативии дохилиидоравӣ ва дар мавриди зарурӣ байниидоравиро талаб мекунад.

Дар амал татбиқ намудани ин функсияи ситодии зикркарда танҳо дар асоси ба сомон расонидани корҳои ташкилӣ муяссар мегардад, яъне, ташкил намудани ситоди оперативии МКД ҳамчун мақоми идоракунии оперативӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ. Аз рӯйи сохтор чунин ситоди оперативии МКД аз роҳбарияти ситоди оперативӣ – сардор ва муовинони у иборат аст. Ба ғайр аз онҳо, сардорони ҷузъу томи МКД ва қувваҳои ба онҳо таъиншуда ба ҳайати ситоди оперативӣ (минбаъд – СО) дохил мешаванд. Ба ҳайати дастгоҳи кории СО МКД кормандони гурӯҳҳои функсионалӣ - иттилоот, таҳлил ва омодасозии қарорҳо, иртиботот, иктишофӣ, ҳамкорӣ бо ВАО-ро дар бар мегирад.

Хусусиятҳои муҳити кории МКД ба тарҳрезии сохтории СО МКД таъсир мерасонанд. Мумкин аст, ки шумораи муовинон ва аъзоёни СО, инчунин, аъзоёни гурӯҳҳои функсионалии СО зиёд ё кам карда шаванд. Бояд зикр намуд, ки вобаста ба миқёси ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ, шумора ва сатҳи қуввaҳо ва воситаҳои ҷалбшуда, мақомоти идоракунии оперативӣ ба сатҳи идоракунӣ мувофиқ карда мешавад. Яъне, ба ҳайси сардори СО метавонад сардори ШВКД, РВКД, муовини вазир ва ё вазир таъйин карда шавад.

Дар ҳамин масир мавқеи Черних В.В. вобаста ба идоракунии оперативӣ дар ҳолатҳои фавқулода ҷолиби диққат аст, ки мегӯяд: «Идоракунии оперативии қувва ва воситаҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии мақсадноки МКД дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ роҳбарии гурӯҳро дар ҳалли масъалаҳои бамиёномада, ки амалиёти оперативӣ, фаъол ва ҳамоҳангшуда дар ҷой ва вақти мувофиқашуда дар минтақаи офати табиӣ ва ҳодисаи техногенӣ, минтақаи эвакуатсияи аҳолӣ, муваққатан ҷой додани сарватҳои моддию фарҳангии баровардашуда, сафарбар намудани гурӯҳҳои наҷотдиҳандаи таъҷилӣ ва гурӯҳҳои сохтмониро талаб мекунанд, фаҳмида мешавад» [86, с. 79].

Бешак, танҳо дар асоси баҳодиҳии дурусти вазъият ва коркарди лоиҳаи нақшаи комил қарор оид ба истифодаи самараноки қувваю воситаҳо, мутаносибан фармони дахлдор ба тасвиб расонида мешавад.

Мазмуну муҳтавои карори идоракунӣ дар шакли нақша бо қайди тавзеҳот ва ҳисобҳои қувваю воситаҳои гурӯҳ тартиб дода мешавад. Дар лоиҳаи қарор дар бораи истифода бурдани қувваю воситаҳои гурӯҳ ва вазифаҳои мушаххаси онҳо дарҷ карда мешаванд.

Варақаи кории сардори қувваҳо ва воситаҳои воҳидҳои корҳои дохилӣ, ки ба гурӯҳҳо муттаҳид шудаанд, дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ бо нақша, тавзеҳнома ва ҳисобҳо аз

ҷониби сардори қувваҳои дар гурӯҳҳо муттаҳидшуда имзо карда, аз ҷониби сардори Раёсат ва ё ШВКД тасдиқ карда мешавад.

Принсипҳои асосии идоракунии оперативии қувва ва воситаҳои МКД, ки дар гурӯҳҳо муттаҳид шудаанд, дар шароити фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ инҳоянд: устуворӣ, муттасилӣ, оперативӣ, хушоҳангӣ, махфигӣ, ягонагии фармондеҳӣ ва таъйиноти махсус.

Низоми идоракунии оперативии қувваҳо ва воситаҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мақомот, нуқтаҳо ва иншооти идоракуниро дар бар мегирад. Ҳангоми иҷрои вазифаҳо дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, субъектҳо ва мақомоти асосии назорати оперативӣ инҳоянд: сардори СО – сардори ШВКД, ситоди оперативӣ (СО), навбатдории ШВКД, аз ҷумла, сардори гурӯҳи идоракунии оперативии гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии мақсадноки МКД.

Баррасӣ намудани асосҳои ташкилии идоракунии фаъолияти ҷузъу томи муттаҳидкардашудаи МКД дар ҳолатҳои фавкулоддаи табиӣ ва техногенӣ хулоса ва пешниходҳои зеринро ба бор овarданд:

1. Дар шароити ба вуқуъ пайвастани ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ кормандони милитсия вазифа ва функсияҳои асосӣ (ҳаррӯза) иловагӣ ва ғайриоддӣ (ғайритахассусӣ)-ро иҷро мекунанд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравии МКД вазифаҳо (функсияҳо) -и иловагии ҷузъу томи он дар ҳолатҳои фавқулода мушаххасан дарҷ нагардидаанд, зеро онҳо моҳиятан дар асоси қарорҳои таъхирнопазири комиссияҳои ҳолатҳои фавқулода муқаррар карда мешаванд. Чунки чунин вазифаҳои ғайриоддӣ ногаҳон ба вуҷуд меоянд ва нисбат ба иҷрои вазифаҳои (функсияҳои) муқаррарӣ (ҳаррӯза) ва иловагӣ афзалият пайдо менамоянд.

2. Шумора ва номгӯйи гурӯҳҳои функсионалии мақсадноки гурӯҳбандишудаи қувва ва воситаҳои МКД, шумораи ҳайати шахсии онҳо аз миқёс, хусусият, намудҳо, вазнинии оқибатҳои офатҳои табиӣ ва

техногенӣ, инчунин, аз шумораи қувваю воситаҳои МКД вобаста аст. Дар ШВКД, ки шумораи кормандонашон кам мебошад, дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ на ҳама гурӯҳҳои зикршуда ташкил карда мешаванд. Вазифаҳое, ки кормандон дар чунини вазъият иҷро мекунанд, муттаҳид карда мешаванд. Ҳангоми рафъи ҳолати фавқулодаи табиӣ сохтори ШВКД метавонад тағйир наёбад.

3. Низоми идоракунии оперативии қувва ва воситаҳои гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мақомот, нуқтаҳо ва иншооти идоракуниро дар бар мегирад. Ба ҳайси субъектон ва мақомоти асосии идоракунии оперативии МКД инҳо баромад менамоянд: 1) Ситоди оперативии МКД; 2) Сардори ШВКД, ӯ низ сардори ситоди оперативии минтақавӣ; 3) Навбатдории ШВКД – субъекти низоми оперативӣ; 4) Қисми идоракунии ёрирасони оперативӣ бо гурӯҳи идоракунии гурӯҳҳои функсионалии мақсадноки муттаҳидкардашудаи қувва ва воситаҳои МКД – зернизом ва субъектони низоми идоракунии оперативӣ.

## 2.3. Нақши ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофии худ дар минтақае қарор дорад, ки ҳама вақт мавҷудияти дараҷаи баланди хатари рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар назар аст. Аз ин лиҳоз, дар байни шакл ва усулҳои ҳифзи ҷомеа ва давлат аз ҳолатҳои фавқулода, танзими ҳуқуқӣ мавқеи муҳим дорад [78; 89].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҷиҳати пешгӯӣ, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода Низоми ягонаи давлатӣ фаъолият менамояд, аммо «то дараҷаи лозима зерсохторҳои он проблемаҳои вобаста ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода ва таъмини

ҳимояи ҳуқуқии аҳолиии аз ҳолати фавқулода зарардидаро пурра ҳал карда наметавонад» [28].

Таҳдидҳои ҷиддии иқлимӣ, геологӣ ва дигар ҳодисаҳои табиию техногенӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳамешагӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, таҳким бахшидани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ ва ташкилии вокуниши саривақтӣ ва комплексӣ вобаста ба пешгирӣ ва кам намудани оқибати офатҳои табиӣ ва техногенӣ зарур мебошад. Зеро бартарафсозии муваффақонаи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ на танҳо аз таъминоти саривақтии моддӣ-техникӣ, чорабиниҳои мутамаркази ташкилӣ, касбиятнокӣ ва вазъи равонии ҳайати шахсӣ, балки аз идоракунии фаврии қувва ва воситаҳо дар муҳлатҳои хеле кутоҳ вобастагии калон дорад. Архипов Н.И. ва Кулба В.В. «самаранокии раванди идоракунии оперативиро ба қобилияти роҳбарони ҷузъу том рабт медиҳанд» [39, с. 88].

Воқеан, раванди идоракунии оперативии ҷузъу том ба қабули қарорҳои оперативӣ, ки аз ҷониби роҳбарони ҷузъу том амалӣ карда мешаванд, такя мекунад. Ҳангоми таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои оперативӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои иҷрошаванда аҳаммият дорад. Идоракунии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ низ бидуни мақсадҳои гузошташудаи фаврӣ ғайриимкон аст ва танҳо дар сурати муайян кардани мақсад, натиҷаҳои дилхоҳи фаъолият ва роҳҳои ноил шудан ба онҳо воқеӣ мегардад. «Масъалаи гузоштани ҳадаф дар маҷмуъ ва махсусан дар идоракунии ҷузъу том дар ҳолатҳои фавқулода яке аз масъалаҳои муҳимтарини назария ва амалияи идоракунӣ мебошад» [40, с. 111].

Ба ақидаи баъзе муаллифон, «мақсад ғайр аз натиҷаи пешбинишудаи банақшагирифташудаи фаъолияти инсон чизи дигаре нест» [45, с. 61]. Дигарон мақсадро «бо фаъолияти оқилонаи инсон алоқаманд медонанд» [59, с. 52].

Ҳангоми бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода ҳадафи асосӣ ин кам кардани зарар ва талафот ба ҳисоб меравад, ки он тавассути усулҳо ва хусусияти хосси фаъолияти МКД амалӣ гашта, ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудро ба роҳ монда, ҳамчун низоми муттаҳид намудани амалҳои гуногун баромад мекунад.

Дарҷ кардан зарур аст, ки дар ягон ҳолат натиҷаҳои бадастомада пурра ба мақсадҳои гузошташуда мутобиқат намекунанд. Зеро ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода вазъият зудтағйирёбанда ва пешгӯинашаванда буда, оқибатҳои бавуҷудомада бо натиҷаҳои ибтидоии интизоршаванда мувофиқат намекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи нақшаҳои фаъолияти МКД, ки асоси муайянкунандаи ҳадафҳо мебошад, ҳама гуна вазиъиятҳои тағйирёбанда бояд ба инобат гирифта шавад.

Вазъияти баамаломада, ки мақсадҳоро муайян мекунад, вазъияти оперативӣ, ки дар натиҷаи ҳолати фавқулода ба вуҷуд меояд, имкониятҳои иқтисодии мавҷуда ва ғайра субъективӣ будани раванди инкишофи мақсадҳоро исбот менамояд.

Ташаккули «дарахти» мақсадҳо дар илми идоракунӣ ва дар идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулода барои назария ва амалияи он муҳимтарин ҷабҳа мебошад. Аз рӯйи мазмун, сарчашмаи пайдоиш, марҳилаҳои рушди фаъолият, намудҳои асосии мақсадҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим менамоем.

**Мақсадҳои аввалиндараҷа ё стратегӣ**, ки ба фаъолияти муътадил ва устувории шахс, давлат ва ҷомеа вобастагӣ дорад. Галбрейт Д. аз рӯйи табиати худ ин максадҳоро ҳамчун «мақсадҳои муҳофизатӣ ва мусбат арзёбӣ менамояд» [44, с. 47].

Мақсадҳои стратегии МКД дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дарҷ гардида, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои ҷамъияту давлат аз ҷинояту ҷинояткорӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, таъмини бехатарии саломатии аҳолӣ ва таъмини

тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои фавқулода низ ҳадафҳои стратегии МКД маҳсуб меёбанд.

Дар баробари ин, қайд кардан бомаврид аст, ки мақсадҳои стратегии болозикр муайянкунандаи фаъолияти МКД ва ҷузъу томи он ҳангоми бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошанд. Вазифаи асосии МКД ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегии он вобаста ба ҳифзи ҳамаҷонибаи аҳолӣ ва ҳудуд дар ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ мушаххастар гардидаанд.

**Мақсади оперативӣ** аз рӯйи вазъияти оперативии баамаломада ва вижагии хосси ҳолатҳои фавқулода муайян карда мешавад. Қайд кардан бомаврид аст, ки дар сурати ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ, МКД инчунин, оид ба ҳифзи молу мулки аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода зарардида ва беназоратмонда, хомуш кардани сӯхтор, таъмин ва назорати дастрасии аҳолии зарардида ба воситаҳои аввалиндараҷаи ҳаётӣ, ташкили барӯйхатгирии аҳолӣ, гузаронидани корҳои маълумотномавию суроғавӣ, гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва ғайра вазифадор мебошад.

**Мақсади тактикии** МКД «дар нақшаҳои фаъолияти ҷузъу томи МКД дар ҳамаи марҳилаҳои амалиёти онҳо дар ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ инъикос меёбанд» [57, с. 52, 53].

Ҳангоми идоракунии МКД ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, яке аз масъалаҳои асосӣ ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории муассир байни ҷузъу томи МКД ва дигар ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бо такя ба моҳияти илмии истилоҳи ҳамоҳангсозӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки «ҳамоҳангсоз (шахси ҳуқуқӣ) баҳамоварандаи ягон чизе мебошад» [142, с. 259]. «Ҳамоҳангсозӣ ин мувофиқакунонӣ аст» [144, с. 200]. Ба андешаи мо, ҳамоҳангсозӣ ин якҷоясозии фаъолияти мақомоти гуногунӣ давлатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи ягона мебошад. Ҳамоҳангсозӣ яке аз принсипҳои муҳимми идоракунӣ дар ҳолатҳои фавқулода дар баробари дигар принсипҳо қабул гардидааст, ки

он мутамарказонидани қувва ва воситаҳоро инъикос менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки МКД дар фаъолияти худ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, дар ду шакл ба масъалаи ҳамоҳангсозӣ пайвастагӣ дорад:

– ҳамчун ҷузъи фаъолияти низоми ҳамоҳангшуда ё ҳамоҳангсозии беруна.

– ҳамоҳангсози ҷузъу томи зертобеи худ (ҳамоҳангсозии дохилӣ).

Ҳамоҳангсозӣ таъсиси хатҳои возеҳи муошират, таҳкими муносибатҳо ва ҳамоҳангии кӯшишҳо байни мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, хадамоти фавқулода ва созмонҳои хусусиро дар бар мегирад. Ҳамоҳангсозӣ ба табоддули таҷриба ва иттилоот мусоидат намуда, ба вокуниши бештар муттаҳид ва муассир оварда мерасонанд. «Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст» [30].

Аммо, вобаста ба хусусияти ҳолатҳои фавқулода, мақомоти ҳамоҳангсоз метавонад тағйир ёбад, ки ин самаранокии фаъолияти идоракуниро афзоиш медиҳад. Масалан, ҳангоми садамаҳои нақлиётӣ, ки боиси ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ мегардад, мақомоти ҳамоҳангсоз ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад. Зеро «яке аз вазифаҳои асосии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ташкил ва татбиқи самтҳои асосии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ба ҳисоб рафта, оид ба пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва бартараф намудани оқибатҳои вазнини он чорабиниҳоро амалӣ менамояд» [35].

Қонунгузории ҷумҳурӣ СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақомоти марказии мустақили оперативии бехатарӣ аз сӯхтор муқаррар намудааст [12]. Аз ин лиҳоз, ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода табиӣ ва ё техногенӣ, ки бо ба вуҷуд омадани сӯхторҳо алоқаманд мебошанд, ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти давлатӣ ва

ғайридавлаиро оид ба рафъи оқибатҳои онҳо СХДО ВКД ҶТ амалӣ месозад. Мақомоти танзимкунандаи давлатӣ оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар ин соҳа пеш мебарад, фаъолияти дигар мақомоти ваколатдори давлатиро ҳам дар шароити осоишта ва ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода вобаста ба садамаи радиатсионӣ ҳамоҳанг месозад [7]. Мақсади дар назди МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ гузошташуда, вазифаҳои онро дар ин ҳолатҳо муайян мекунад. Вазифаҳои МКД-ро дар ҳолатҳои фавқулода бояд самтҳои асосии фаъолияти он барои ноил шудан ба мақсадҳо, баррасӣ карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки истифодаи ҷузъу томи МКД дар бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода дар шароити кӯҳистон барои баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии онҳо ҷиҳати фаъолият ва иҷрои ваколатҳои худ дар шароити осоишта мусоидат менамояд. Ҳамзамон, боварии мардум ба ҷузъу томи МКД зиёд мегардад.

Ба сифати мисол, таҷрибаи гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳи ҳангоми фаромадани тарма дар шаҳри Хоруғи ВМКБ, ки санаи 20-уми феврали соли 2023 ба вуқуъ пайваста, 19 нафар сокинони навоҳии мухталиф ҷони худро аз даст додаанд. Барои бартарафсозии ин ҳолати фавқулода ҷузъу томи МКД сафарбар гардиданд. Ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ кормандони ҷузъу томи сафарбаргардида аз релефи маҳал, ҳодисаҳои хатарноки минтақа маълумот пайдо намуда, маҳорати гузаронидани чунин корҳоро дар шароити бамиёномада пайдо карданд. Ҳамзамон, тибқи маълумот, баъди он, ки мардуми маҳаллӣ дар бартарафсозии офати табиӣ худро танҳо ҳис накарданд ва аз ёрии кормандони МКД бархӯрдор гардиданд, боварии мардум ба мақомоти мазкур ба таври назаррас боло рафтааст.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаҳои стратегии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 «ин баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба мақомоти милитсия мебошад» [34].

Пешакӣ дар замони осоишта банақшагирии амалиёти МКД ҳангоми ҳолатҳои фавқулода бо дарназардошти хусусиятҳои шароити фаъолият, имконияти пешгӯии ҳодисаҳои аввалиндарача, дуюминдарача ва рушди минбаъдаи вазъият муайян карда мешавад. Ҳангоми банақшагирии чорабиниҳо пешгуӣ, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии вазъияти баамаломада, қабули қарор, таъмини чорабиниҳо ҳангоми фаъолияти ҷузъу том, тайёрӣ ва ташкили чорабиниҳо ҷиҳати таъмини ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода, ташкили корҳои наҷотдиҳӣ ва тайёркунии ҳайати роҳбарикунанда ва идоракунии қувваҳои ҷузъу томро дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки пешгӯйии ҳолатҳои фавқулода вобаста ба хусусияти он амалӣ карда мешавад. Масалан, пешгӯйии ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ бе ниҳоят душвор аст. Пешгӯйии ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ бошад, амалан ғайриимкон аст.

Омӯзиши нақши ҷузъу томи МКД дар Низоми ягона аз баррасии тартиби ҷалби ҳамаи қувва ва воситаҳои марбути Низом бо мақсади муайян сохтани ҷойгоҳи қувва ва воситаҳои дар гурӯҳҳои функсионалӣ муттаҳидкардашудаи МКД оид ба таъмини бехатарии аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Тартиби истифодабарии қувва ва воситаҳои Низоми ягона дар қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ муайян карда шудаанд [6].

Масалан, тибқи моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Низоми ягона ҳамчун сохтори муттаҳидсозандаи мақоми идоракунии қувваю воситаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки ҳалли масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ ба салоҳияти онҳо марбутанд, муқаррар гардидааст» [10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2014 фаъолияти ин низом танҳо дар доираи моддаи 6 Қонуни зикркарда ва фаъолияти Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода ҳаллу фасл мегардид. Баъдан, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода» фаъолияти низом ба таври пурра ба танзим даровварда шуда, вазифа ва функсияҳои мақоми ваколатдор ва зернизомҳо муайян карда шуданд. То соли 2014, зерсохторҳои Низом ягона амалан фаъолияти худро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар сатҳи зарурӣ мураттабнашуда ба роҳ мемонданд.

Яке аз сохторҳои калидии Низом - Комиссияи давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи с. 2002, № 323 «Оид ба масъалаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода» аз 3-юми августи с. 2007, № 416, ба ҳайати Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода тағйирот ворид карда шуд.

Зимни қабули қарори нав, вазифаҳои комиссия бо таври назаррас тағйир наёфтанд, ки онҳо фарогири самтҳои зерин мебошанд:

1. **Идоракунӣ:**

– татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– идоркунии мутамаркази фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ки барои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ сафарбар мегарданд;

– ҳамоҳангсозии фаъолияти қувваю воситаҳое, ки дар гузаронидани корҳои садамвию наҷотдиҳӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ширкат меварзанд.

2. **Ҳамкорӣ:**

– ҳамоҳангсозии вазорату идораҳо ҷиҳати таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода;

– татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти баланд бардоштани устувории иншооти иқтисодӣ, ки фаъолияти онҳо дар давраи ҳолатҳои фавқулода бояд қатъ нагардад [26];

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2015, №799, Низомномаи нави Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода тасдиқ шуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи с. 2002, № 323, «Масъалаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода» аз 3-юми августи с. 2007, №416 ба ҳайати Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода дар таҳрири нав ифода карда шудааст, бекор карда шуд.

Дар замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2015, № 799 дар бораи тасдиқи Низомномаи нави Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода, ҳайати Комиссияи мазкур мутобиқи низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуд. Раисии Комиссияро дар сатҳи ҷумҳурӣ Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад. Вазири корҳои дохилиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзо дар ҳайати Комиссия фаъолият менамояд. Дар ҳайти умумии комиссия 40 нафар роҳбарони аввали вазорату идораҳои давлатӣ шомил мебошанд [29], ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. То соли 2014 ҳайати мазкур 44 нафарро ташкил медод. Бо сабабҳои тағйири сохторӣ дар баъзан мақомоти давлатӣ, ҳайати он кам карда шуд. Бо ҳамин тартиб Комиссия дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо таъсис дода шудааст, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода онҳо ба фаъолият шуруъ менамоянд.

Дар Низомнома назорат аз болои истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷети давлатӣ вобаста ба рафъи ҳолатҳои фавқулода ва аъмини ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо ҳангоми ҳалли вазифаҳо дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳамчун вазифаҳои иловагӣ ба Комиссия вогузор гардиданд, ки бевосита ба самаранокии фаъолияти Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода таъсиргузор мебошанд.

Бо мақсади пайвастсозии унсурҳои алоҳидаи Низоми ягонаи вокунишӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулода қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода» аз 31-уми декабри с. 2014, № 833 ба тасвиб расид [ниг.: расми 1].

Расми 1.

**Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода**






Дар доираи Қарори мазкур сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягона бо таври мушаххас муайян ва тасдиқ карда шуда, зернизомҳои ҳудудии он дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, маҳаллӣ ва иншоотӣ муқаррар шуданд. Вобаста аз вазъият Низом дар се реҷа фаъолияти пурсамари худро ба роҳ мемонад: фаъолияти ҳаррӯза, реҷаи омодагии баланд, реҷаи ҳолатҳои фавқулода.

Дар сохтор ва тартиби фаъолияти Низом, вобаста ба истифодабарии қувва ва воситаҳо ҷиҳати рафъ, ҳолатҳои фавқулода ба маҳдуд (қувва ва воситаҳои ташкилотҳо), маҳаллӣ (қувва ва воситаҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ), ҳудудӣ (қувва ва воситаҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи ҳолатҳои фавқулода ҷойгир шудаанд), минтақавӣ (қувва ва воситаҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи ҳолатҳои фавқулода ҷойгир шудаанд) ва ҷумҳуриявӣ (қувва ва воситаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо,шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар

минтақаи ҳолатҳои фавқулода ҷойгир шудаанд), таснифбандӣ карда шудааст.

Аммо, дар низоми мазкур истифодабарии қувва ва воситаҳо ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодаи байнисарҳадӣ пешбинӣ нагардидааст [27].

Қувва ва воситаҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми рафъи ҳолатҳои фавқулода тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» истифода бурда мешаванд.

Идоракунии Низоми ягона бо истифода аз Низоми умумидавлатии маҷмуавии иттилоотонӣ ва хабардорсозӣ маълумот ва бонгҳои огоҳсозиро барои мақомоти идоракунӣ ва қувваҳои Низоми ягона ва аҳолӣ таъмин менамоянд. Дар шароити муосири рушди технологияҳои алоқа, истифодаи воситаҳо ва техналогияҳои зеҳнии геоиттилоотӣ, воситаҳои интиқоли радиорелегӣ ва моҳворавӣ, воситаҳои автоматикунонидашудаи алоқа бояд истифода бурда шаванд. Барои интиқоли иттилооти махфӣ ва ҳимояи техникии он аз воситаҳои криптографии ҳимояи иттилоот истифода бурдан мумкин аст.

Барои даъвати таъҷилии сохторҳои Низоми ягона дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами кӯтоҳи фаврии 112-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати фаъол қарор дорад [31]. Дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами фаврии 02 ё дар баъзан шабакаҳои мобилӣ 102 барои даъвати таъҷилӣ истифода бурда мешавад. «Ҳамзамон, барои беҳтар намудани шароити дастрасии алоқаи аҳолӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ, «Телефони боварӣ»-и ВКД 221-21-21 ва алоқаи «Мадад-1919» шабонарӯз фаъол мебошад, ки ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода, онҳоро низ метавон истифода бурд» [149].

Ҷамъоварӣ ва мубодилаи маълумот дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби мақомоти милитсия тибқи тартиби муқаррааргардидаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода амалӣ карда мешавад.

Табодули маълумот оид ба ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби Низоми ягона бо давлатҳои хориҷӣ дар доираи талаботи санадҳои меъёрии дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла, дар доираи ҳамкориҳои Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай амалӣ карда мешавад.

Дар доираи Низоми ягона номгӯйи зернизомҳои вазифавии сатҳи ҷумҳуриявӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, ки дар вазорату идораҳо ташкил карда мешаванд, муқаррар кардааст. Дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зернизоми вазифавии «Муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷиноятткорӣ дар ҳолатҳои фавқулода» ва зернизоми «Огоҳкунӣ ва хомӯшкунии сӯхтор» фаъолият менамояд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки дар давраи осоишта низ ҳадафҳои стратегии МКД ин «таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат, мубориза ба ҷинояту ҷиноятткорӣ, рушди ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳким бахшидани ҳамкории байналмилалӣ дар ин самтҳо маҳсуб меёбад» [32].

Барои бо муввафақият иҷро намудани вазифаҳои дар назди МКД дар шароитҳои рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ гузошта шуда, роҳбарияти аввал ва ҷузъу том бояд омодагии ҳамаҷониба дошта бошанд. МКД, ки ҳамчун зернизоми Низоми ягона дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода фаъолият менамояд, дорои ду гурӯҳ вазифаҳо мебошад.

Якум, вазифаҳое, ки пеш аз рух додани ҳолатҳои фавқулода бояд амалӣ карда шаванд, ин коркарди нақшаи намунавии амалиёти ҷузъу томи МКД ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода, омӯзиши ҳайати шахсӣ.

Дуюм, гурӯҳи вазифаҳои зеринанд: ташкил намудани ситоди оперативӣ, таъсис додани гурӯҳи оперативӣ ва вазифагузории ҳайати

шахсӣ, таъмини моддию техникии ҳайати шахсӣ ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ.

Барои бо муваффақият иҷро намудани вазифаҳо чунин чорабиниҳои иловагӣ бояд амалӣ карда шаванд:

– сари вақт хабардор намудани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти болоӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода;

– омода сохтани қувва ва воситаҳои МКД, қувваҳои захиравӣ ва ҳайати гурӯҳи оперативӣ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва наҷоти аҳолӣ;

– муайян намудани ҳайати ситоди оперативӣ ва уҳдадории функсионалии аъзоёни он;

– муайян намудани шумораи гурӯҳҳои оперативӣ ва уҳдадории функсионалии онҳо;

– тартиб додани номгӯй ва амалҳои таъхирнопазир ва пайдарпайи қисмҳои навбатдорӣ;

– ташкили низоми алоқа ва ҳамкории мутақобилаи итилооти ҷуъзу томи МКД;

– ташкили саривақтӣ ва бегазанди табодули иттилоотӣ бо ҷуъзу томи МКД дар ҳудуди ҳолати фавқулода, аз ҷумла, бо қӯшунҳои дохилӣ, қисмҳои ҳарбии қувваҳои мусаллаҳ ва бо дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ;

– ба роҳ мондани таъминоти моддӣ-техникӣ ва тиббии ҳайати шахсӣ;

– ташкили корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ бо ҳайати шахсӣ ва таъмини қонуният дар фаъолияти онҳо ҳангоми ҳолатҳои фавқулода.

Ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, тибқи нақшаҳои пешакӣ тарҳрезишуда, МКД ҳамчун зернизоми Низоми ягона бояд ба фаъолияти пурзур шуруъ намояд. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамчун қоида, дастгоҳи бевоситаи идоракунии қувва ва воситаҳо таъсис дода

мешавад. Бояд қайд намуд, ки ташкили низоми алоқа яке аз вазифаҳои аввалияи муҳим дар ҳолати фавқулода буда, огоҳонидан, ташкил ва тарзи истифодаи дурусти он барои пешгирӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода мусоидат мекунад.

Ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода, дар МКД гурӯҳҳои иктишофӣ, таҳлилӣ-иттилоотӣ ва алоқа дар ситоди оперативӣ таъсис дода мешаванд, ки ҳар яки онҳо дорои вазифаҳои мушахас мебошанд, аз ҷумла:

– **гурӯҳи иктишофӣ:** оид ба ҳудуд ва хусусияти ҳолатҳои фавқулода маълумот ҷамъоварӣ намуда, миқёси зарардида ва ҳолатҳои тартиботи ҷамъиятӣ дар маҳалли офатзадаро муайян менамояд;

– **гурӯҳи таҳлил ва итилоотӣ**: ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти воридшудаи оперативӣ; баҳодиҳии вазъият ва тайёр намудани қарорҳои идоракуни оперативӣ вобаста ба ҷалби ҷузъу том; ба ҳисобгирӣ ва назорати иҷроиши чорабиниҳо;

– **гурӯҳи алоқа:** таъмин намудани алоқаи байниҳамдигарии роҳбарият ва ҷузъу томи МКД ҷиҳати идоракунии оперативии ҳолатҳои фавқулода; ташкил ва назорат аз болои таъминоти истифодабарии воситаҳои техникии алоқа дар ҷузъу томи МКД дар давраи рух додани ҳолатҳои фавқулода, инчунин, дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ доштани онҳо; ташкили таъмини техникӣ, фиристодан ва қабули бонгҳои огоҳкунӣ аз рӯйи супориши ситодҳои ҳолати фавқулодаи дахлдор.

Шумораи гурӯҳи оперативӣ ва ҳайати ҳар як кадоми он, аз вазъияти баамаломада, ҳудуд ва хусусияти ҳолатҳои фавқулода, ба ғайр аз ин, аз имкониятҳои МКД ва миқдори қувваҳаю воситаҳо вобастагӣ дорад. Дар ҳолати нокифоя будани қувва ва воситаҳо МКД, як гурӯҳ метавонад якчанд вазифаро иҷро намояд.

Лекин дар кадом ҳолате ки набошад, бояд принсипи «**таъсис додани гурӯҳи оперативӣ**» нигоҳ дошта шаванд. Дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ роҳбарони ҷузъу том аз рӯйи имкониятҳои мавҷуда бояд кӯшиш намоянд, ки функсияҳои самти

фаъолияти ҷузъу том ва уҳдадориҳои бевоситаи кормандонро, ки дар шароитҳои оддӣ иҷро менамоянд, ба инобат гиранд.

Масалан, кормандони Бозрасии давлатии автомобилиро (минбаъд – БДА) дохил намудан ба гурӯҳи садамавию наҷотдиҳӣ ва ё кормандони гурӯҳи таҳлилиро ба гурӯҳи эвакуатсионӣ мақсаднок нест. Лекин дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани вазифаҳои нав вобаста ба мураккаб гардидани вазъият, метавонад табиатан вазифаҳо ба уҳдаи кормандони ғайрикасбӣ вогузор карда шаванд. Муҳиммияти кор дар он аст, ки кормандоне, ки дорои маҳорату малакаи касбии фаъолият намудан дар ҳолатҳои фавқулодаро доро мебошанд, бояд дар корҳои авалиндараҷа ва муҳим истифода бурда шаванд.

Ҳамкории милитсия бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар чунин шакл ба роҳ монда мешавад:

– назорат кардани иҷрои қонунҳо вобаста ба ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар ҳамин самт;

– ташкил ва расонидани ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, назорат кардани расонидани доруворӣ ва дигар кумакҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон дар ҳудуди ҳолатҳои фавқулода;

– таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми амалӣ гардонидани назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда;

– ҳифзи муҳити атроф ва таъмини бехатарии экологӣ ва ғ.

Вазифаи дигаре, ки ба уҳдаи МКД дар Низоми ягона вогузор гардидааст, ин огоҳкунӣ ва хомӯш намудани сӯхтор мебошад. Ин вазифаро МКД тавассути СХДО ВКД ва ҷузъу томи он амалӣ менамояд. Сарраёсати мазкур барои аз сӯхтор муҳофизат намудани ҳаёт ва саломатии одамон, арзишҳои моддӣ, ташкил ва амалӣ сохтани назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар маҳаллаҳои аҳолинишин, корхона,

муассиса, ташкилот сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, таъсис дода шудааст.

Ба сохтори мақомоти СХДО ВКД дохил мешаванд:

– раёсатҳо ва шуъбаҳои Хадамоти давлатии оташнишонии ҳокимияти иҷроияи маҳалии вилоятҳо ва шаҳрҳу ноҳияҳо;

– қисмҳои мустақил, дидбонгоҳҳои алоҳидаи ҳарбикунонидашудаи Хадамоти давлатии оташнишонӣ, нозироти назорати хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати шаҳрҳо, маркази ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмҳои ҳарбикунонидашудаи хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати иншоотҳои хоҷагии халқ;

– ҷузъу том ва дигар мақомоти СХДО ВКД, аз ҷумла, муассисаҳои махсуси таълимии касби оташнишонӣ-техникӣ, инчунин корхонаву муссисаҳои махсус дар соҳаи оташнишонӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи огоҳонӣ ва хомуш намудани сӯхтор дар доираи Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ба танзим даровarда мешавад. Қонуни мазкур «асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро вобаста ба таъмини бехатарӣ аз сӯхтор дар қаламрави ҷумҳурӣ муайян намуда, механизми ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилоту муассисаҳоро дар ин соҳа танзим менамояд» [12].

Дар Қонуни зикршуда СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказии мустақили оперативии бехатарӣ аз сӯхтор муаррифӣ гардида, фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор ҳамоҳанг месозад. Аз ҷумла, иҷрои барномаи давлатии соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор ва назорати давлатиро дар ин самт таъмин менамояд. Инчунин, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва сертификатониро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор амалӣ намуда, ба вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор амрнома ва дигар санадҳои меъёрии иҷрояшон ҳатмӣ медиҳад ва

фаъолияти хадамоти оташнишониро ташкил, идора ва ҳамоҳанг месозад [12].

Тоҷикистон то давраи соҳибистиқлолӣ таърихи тӯлонии ташкил ва татбиқи низоми махсус оид ба омодагӣ ва вокуниш ба офатҳои табииро доро буд, ки дар давраи истиқлолият ин вазифаро Низоми ягонаи давлатӣ иҷро менамояд. Тағйироти сиёсию иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ ба вуқӯъ пайваст, фароҳам овардани шароити навро барои омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва банақшагирӣ тақозо мекунад. Аз ин рӯ, омодагӣ ва банақшагирии офатҳои табиӣ бояд:

– бештар ғайримарказӣ буда, ба тақсими дақиқи фаъолият барои омодагӣ ва вокуниши тамоми табақаҳои ҷамъият асос ёфта бошанд;

– тарзҳои самаранок ва таъсирбахшро барои расидан ба ҳадафҳо ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш муайян намоянд.

Баррасии масоили матраҳшуда моро ба чунин хулосабарорӣ мувоҷҷеҳ месозад:

1. Мазмуни вазифаҳои МКД дар ҳолатҳои фавқулода маҷмуи таъсири мутақобилаи фаъолияти ташкилию ҳуқуқии МКД мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои дар пеш гузошташуда ва ноил шудан ба мақсадҳо нигаронида шудаанд. Аммо, пеш аз рух додани садамаҳои техногенӣ ва офатҳои табиӣ, вазифа ва ӯҳдадориҳои мақомоти давлатӣ бояд муайян ва вобаста ба таъйиноти мақомот бо таври мушаххас аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд. Махсусан вазифаҳои МКД, зеро ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода вазъияти пешгӯинашаванда ба миён меояд ва гузаронидани чорабиниҳои таъхйирнопазирро талаб менамояд. Истифодаи самараноки вақт ҷиҳати иҷрои вазифаҳо ва мақсадҳои гузошташуда мусоидат менамояд.

2. Номуайянӣ дар мақсадҳо ва вазифаҳои дар пеш гузоштшудаи МКД ба он оварда мерасонад, ки мақомоти мазкур фаъолияти худро дар ҳолатҳои фавқулода ғайриқаноатбахш иҷро намояд, ки дар натиҷа зарар ва талафот дучанд гардида, таҳдид ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ меафзояд.

3. Функсияи идоракунии давлат дар ҳолатҳои фавқулода натанҳо МКД-ро дар бар мегирад, балки тамоми мақомоти давлатӣ, қувваҳои мусаллаҳ ва ташкилотҳоро инъикос менамояд.

4. Махсусиятнокии идоракунии МКД дар ҳолатҳои фавқулода дар он аст, ки он ҳамчун субъекти алоҳида вазифаҳояш нисбат ба дигар мақомти давлатӣ мушаххасан ҷудо карда шуда, мақсадҳо ва вазифаҳои он дар чорабиниҳои пешакӣ дар замони осоишта банақшагирифташуда муайян гардидааст. Ҳангоми таъсиси сохторҳои ташкилӣ (ситоди оперативӣ, гурӯҳҳои оперативӣ-ташкилӣ ва ғ.) зарурати аз нав муайян кардани вазифаҳо ва уҳдадориҳои ҷузъу том ба миён намеояд. Танҳо баъзе аз чорабиниҳои амалишаванда вобаста ба вазъияти баамаломадаи ҳолатҳои фавқулода метавонад тағйир ёбад.

5. Дар раванди омӯзонидани кормандони МКД ҷиҳати иштирок дар амалиёти бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бояд ташаккули малака ва тактикаи амалии кор дар шароити релефҳои гуногунро дар бар гирад; роҳбарият ва ҳайати шахсии ҷузъу том ба тамоми хатарҳои аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа ҳангоми ҳолатҳои фавқулода бояд омода бошанд; ҳангоми гузаронидани амлиётҳои наҷотдиҳӣ вақтро самаранок истифода баранд; аз вазъияти баамаломада пурра маълумот дошта бошанд; масъулиятшинос бошанд ва тамоми вазифаҳои дар назди онҳо гузошташударо бечуну чаро ва софдилона иҷро намоянд; таъминоти моддию техникии корҳо бояд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад; аз ҷиҳати психологӣ ва ахлоқӣ кормандоне, ки дар бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода иштирок менамоянд, устувор бошанд.

6. Бо мақсади фаъолияти пурсамар ва мақсаднок, нақшаҳои амалиёти МКД дар ҳолатҳои фавқулода бо дигар мақомоти идоравии ҳудудӣ мувофиқа карда шуда, пешакӣ таклифҳоро оид ба ҳама гуна таъминот ҳангоми амалиёти қувваю воситаҳо, таҷҳизот ва техника,

гирифтани иҷозатномаҳо барои истифодаи биноҳо дар ҳолати эвакуатсия ба минтақаи беруназшаҳрӣ тарҳрезӣ менамояд.

# БОБИ 3.
# МУКАММАЛСОЗИИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ВА ДИГАР МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА РАФЪИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

## 3.1. Мукаммалсозии асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субектони Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ

Яке аз масъалаҳои мубрам вобаста ба таъмини бехатарӣ аз сӯхторҳои калонҳаҷм дар ҷангалзорҳо, корхонаҳои саноатӣ ва биноҳои баландошёна, тайёрии касбӣ ва таъминоти моддию техникии на танҳо кормандони Хадамоти давлатии оташнишонӣ, балки омодагии сохторҳои давлатӣ дар доираи Низоми ягонаи давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи холатҳои фавқулода низ мебошад, ки бозбинии асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро дар ин самт тақозо менамояд. Вобаста ба ислоҳоти ҳамин самти фаъолияти мақомоти давлатӣ, муҳаққиқ Чагалидзе Д.Н. чунин мефармояд: «Ба самъи субъектони дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода иштироккунанда, расонидани талаботи санадҳои меъёрии батанзимдарорандаи ин самт, коркард намудан ва мукаммалгардонидании барномаҳо вобаста ба омодагии касбии кормандон ва такмили ихтисоси кормандони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, мақомоти назорат ва ҳифзи меҳнат ва амнияти техникӣ, Агентии хоҷагии ҷангал, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ амри зарурист» [85, с. 9-10], хеле иқдоми муҳим арзёбӣ мегардад.

Олими мазкур ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолият дар ин самт чунин зикр менамояд: «Роҳбарони мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки ба ҳайати Ситоди оперативӣ вобаста ба бартараф намудани оқибатҳои

сӯхторҳо шомил мегарданд, бояд ҳатман омӯзонда шуда, аз такмили ихтисос гузаронида шаванд. Ӯ омӯзиши чунин кормандонро дар заминаи мактабҳои олии назди Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Федератсияи Россия ҷонибдорӣ менамояд» [85, с. 10]. Дар ҳамин масир Чагалидзе Д.Н. чунин иқдоми саривақтиро пешниҳод менамояд: «Қабул намудани Қарори Ҳукумати Федератсияи Россия вобаста ба танзим намудани фаъолияти муштараки сохторҳои гуногун дар доираи Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода вобаста ба хомуш намудани сӯхторҳои ҷангалзорҳо амри зарурӣ мебошад» [85, с. 10].

Инчунин, барои бо таври муташаккилона ва бонизом ба роҳ мондани корҳои марбут ба ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, андешаи зерини Удалсова Н.В. ҷолиби диққат аст: «Қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби ҳамкории сохторҳои мухталифро дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода танзим менамояд (аз ҷумла, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати ҳолатҳои фавқулода) самаранокии ҳамкории мақомоти салоҳиятдори далатиро дар ин самт афзун месозад» [87, с. 8]. Зеро чунин раванд барои бо таври мушаххас муайян намудани вазифаҳои асосӣ ва иловагии ҳар як мақомоти давлатӣ ва истифодаи оқилонаи таҷрибаи муштарак ва захираҳои моддии онҳо барои бартараф намудани оқибатҳои ҳодиса мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки тибқи б. 1 м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Низоми ягонаи давлатӣ тамоми қувваю воситаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотро дар самти пешгирӣ ва ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода муттаҳид месозад» [10].

Моддаи 9 Қонуни мазкур бошад, «роҳбарии бевосита ва назорати умумии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба уҳдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор менамояд» [10]. (б. 7, 8).

Тибқи талаботи б. 1 м. 11 Қонуни мазкур бошад, «ташкили идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро дар ин самт Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ба уҳда дорад» [10] вогузор менамояд.

Моддаи 12 ҳамин Қонун тамоми вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳоро мувазаф месозад, ки оид ба таҳкими бехатарии радиатсионӣ, кимиёвӣ, тиббию биологӣ, таркишӣ, сӯхторӣ, экологӣ масъул бошанд.

Яъне, тибқи қонунгузории амалкунанда, ҳар як субъекти Низоми ягонаи давлатӣ масъул мебошад, ки дар доираи салоҳиятҳои худ чорабиниҳои ташкилӣ-идоракунӣ ва фаврӣ-тактикиро дар ин самт роҳандозӣ намояд.

Моддаи 14-16 Қонуни дар боло зикршуда иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, Қувваҳои мусаллаҳ, МКД ва дигар сохторҳои низомиро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ба танзим медарорад.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ва тибқи банди 39 Низоми ягонаи давлатӣ дар ин самт, қувва ва воситаҳои мақомоти милитсия низ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ истифода бурда мешаванд. Яъне, МКД дар баробари дигар мақомоти давлатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи Низоми ягонаи давлатӣ ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода мебошад.

Тибқи Низомномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, иштирок дар рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ яке аз вазифаҳои асосии милитсия маҳсуб меёбад. Дар санади мазкур кайд карда мешавад, ки тадбирҳои рафъи ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ки дар онҳо ҷузъу томи МКД иштирок доранд, аз тарафи Комиссияи давлатии ҳолатҳои фавқулодаи маҳаллӣ муайян карда мешавад.

Яъне, волоияти ҳамоҳангсозии фаъолият ба Комиссияи давлатии ҳолатҳои фавқулодаи маҳаллӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ба ин Комиссия вогузор гардидааст.

«Бо мақсади такмил додани омодагии қувва ва воситаҳои МКД, қӯшунҳои дохилӣ» [6][1] муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати омода сохтани мутахассисони касбӣ ва ҷузъу томи МКД барои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода масъул мебошанд.

Тибқи талаботи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода» аз 31-уми декабри соли 2014, № 833, ВКД вазифадор аст, ки дар муҳлати муайян сохтор ва тартиби фаъолияти зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии худро барои истифодабарӣ дар зери чатри Низоми ягона тасдиқ намуда, ба Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода ҷиҳати вазифаҳо, қувва ва воситаҳо пешниҳодот манзур намояд.

Нақши асосӣ ва идоракунии умумии Низоми ягонаро КҲФ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад [6]. Аз ин лиҳоз, тамоми вазорату идораҳои давлатии марбути ин Низом ҳангоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар назди Кумита масъул мебошанд.

Аммо, тибқи талаботи м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз 28-уми феврали соли 2004, № 14, «ошкор кардан, ҳифз намудан ва пешгирӣ кардани садамаю ҳодисаҳои нохуш дар объекти истеҳсолии моддаҳои хатарнок ба зиммаи мақомоти махсус ваколатдори давлатӣ вогузор гардидаанд» [8].

Аз мазмуни Қонуни мазкур бармеояд, ки агар ҳодисаҳои фавқулодаи техногенӣ дар объекти истеҳсолии моддаҳои хатарнок ба вуқуъ

[1] Яке аз вазифаҳои Қӯшунҳои дохилӣ ин иштирок дар бартараф намудани оқибатҳои ҳодисаҳои стихиявӣ, офатҳои калон ва дигар ҳолатҳои фавқулода мебошад.

пайванданд, пас, мақоми ҳамоҳангсозӣ ва волояти роҳбариву идоракунии умумӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии саноат вогузор карда шавад.

Инчунин, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ», «масъалаи таъмини ҳифзи ҷисмонии дастгоҳҳои ядроӣ, манбаъҳои радиатсия, маҳалҳои нигоҳдории маводи ядроӣ ва моддаҳои радиоактивӣ дар ҳама давраҳои истеҳсолот ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба истифодаи энергияи атомӣ вогузор гардидааст» [19]. Аммо ваколатҳои ВКД дар мавриди таъмини бехатарии ҳамлу нақли ин гуна моддаҳо дар Қонуни мазкур мушаххасан дарҷ нагардидааст, ки ин аз нокомилии санади меъёрии ҳуқуқии болозикр шаҳодат медиҳад.

Тибқи м. 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» бошад, «мақомоти назорати давлатии бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ масъулияти идоракунӣ ва назоратро дар самти таъмини бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ дорад» [13].

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», раванди таъмини бехатарии экологӣ дар иншооти таъиноти истеҳсолию иқтисодӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба роҳ монда шуда, вобаста ба риоя намудани стандартҳо ва қоидаҳои муқарраргӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ экспертизаи экологӣ гузаронида мешавад» [15].

«Ҳангоми зарурат, экспертизаи иншоотҳои саноатии истеҳсолии хатарнок ва равандҳое, ки манбаи ҳолатҳои фавқулода мебошанд ё то андозае ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода таъсир мерасонанд ва таҳдид ба ҳаёт ва саломатии аҳолиро ба вуҷуд меоранд, метавонанд аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коршиносони мустақил, инчунин, тибқи эъломияи СММ оид ба «Ҳифзи муҳити зист» аз «ҷониби мутахассисони ташкилотҳои экспертии байналмилалӣ гузаронида шаванд» [3].

Талаботи м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» бошад, тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва ташкилоту муассисаҳоро мувazzаф месозад, ки «зери чатри СХДО ВКД дар таъмини бехатарӣ аз сӯхтор иштирок намоянд» [12]. «Аз ҷумла, дар хомӯш намудани сӯхторҳо ва анҷом додани корҳои аввалияи садамавӣ-наҷотдиҳӣ» [12].

Тибқи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», «СХДО ВКД ҳамчун мақомоти марказии мустақили оперативии бехатарӣ аз сӯхтор, назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхторро амалӣ сохта, фаъолияти вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳоро дар соҳаи бехатарӣ аз сӯхтор ҳамоҳанг месозад» [12].

Чи тавре ки қаблан зикр гардида буд, новобаста ба он ки тибқи талаботи м. 9 Қонуни мазкур, СХДО ВКД ҳамчун мақомоти марказии идоракунии Низоми таъмини бехаратии аз сӯхтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, тибқи талаботи м. 10 ҳамин Қонун, назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхтор дар ҷангалзорҳо ба уҳдаи мақомоти Хадамоти хоҷагии ҷангал ва ҳангоми иҷрои корҳои ба тарконидан алоқаманд ба Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат вогузор гардидааст.

Аммо, ниҳодҳои мазкур дар доираи қонун бояд ҳамчун ҷузъи Низоми таъмини бехаратии аз сӯхтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани сухтор эътироф карда шаванд ва дар ҳамин самт ба Хадамоти давлатии оташнишонӣ хусусияти зертобеиятӣ дошта бошанд, зеро дар ҳолати ба амал омадани сӯхторҳои азим ва калонҳаҷм ин ниҳодҳо бе ёрии амалии хадамоти мазкур қобилияти бартараф кардани оқибатҳои онҳоро дар ҷангалзорҳо ва корхонаҳои азими саноатӣ, аз ҷумла гидротехникӣ надоранд.

Дар м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» омадааст, ки «ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти

садамавию начотдиҳӣ ва сохторҳои садамавию начотдиҳии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ, ки ваколатдори соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода мебошанд, анҷом дода мешавад» [11].

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», ба ҳайси мақомоти ҳамоҳангсози давлатӣ дар ин самт КҲФ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқаррароти дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» собит месозанд, ки вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ бо таври мушаххас ва бо назардошти талаботи асосҳои назариявии ташкили идоракунӣ, мутаносибат низоми ягонаи идоракунӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мураттаб нагардидаанд.

Аз ҷумла, тазодҳо ва такроршавии функсияҳо вобаста ба нақши мақомоти ҳамоҳангсози давлатӣ дар самти пешгирӣ ва тафъи ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти техногенидошта бараъло намоён аст. Мисол, бо мақсади аз байн бардоштани чунин мухолифатҳо, Ҷумҳурии Қазоқистон бо якҷоясозии се қонуни соҳаи ҳолатҳои фавқулода, қонуни нав «Дар бораи мудофиаи гражданӣ»-ро қабул намуд [23].

Вобаста ба мушкилоти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар ин самт Дагиров Ш.Ш. бист сол муқаддам чунин зикр карда буд: «Асоси такмили қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини бехатарӣ аз ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи маҳаллӣ бояд принсипи якпорчагӣ ва ягонагии низоми давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода бошад» [75, с. 6]. «Ба ҳайси чорабиниҳои асосии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар ҳолатҳои

фавқулода олими номбурда ташкили мақомоти ҳамоҳангсоз ва доимоамалкунандаи идоракуниро ҷонибдорӣ менамояд» [75, с. 34].

Дар ҳамин масир, бояд зикр кард, ки яке аз вазифаҳои муҳимми бо сифати баланд пешгӯӣ ва пешгирӣ кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, наҷот додани шаҳрвандон дар чунин ҳолатҳо ин омода намудани кадрҳои касбӣ мебошад. Зеро яке аз хусусиятҳои муҳимми фаъолияти касбии кормандоне, ки барои бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода ҷалб карда мешаванд, ин пеш аз ҳама, ба вуҷуд омадани хатар ба ҳаёт ва саломатии худи онҳо мебошад. Инчунин, кабул кардани қарорҳои дурусти идоравӣ зери таъсири психологӣ ва масъулият барои иҷрои вазифаи ба миён гузошташуда, дучанд мегардад. «Аз ин рӯ, дар сохтори сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми онҳо - омодагӣ ба фаъолияти касбӣ дар шароити махсус ва шадид ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад» [70, с. 8].

Дар баробари омода сохтани мутахассисони касбӣ барои амалисозии корҳои наҷотдиҳӣ-садамавӣ, арзёбии хатарҳо дар асоси тартиби муайяни ҳатмӣ барои ҳама намудҳои фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғ. дар қаламрави ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, «маълумоте, ки ҳангоми таҳлил ва арзёбии хатарҳо ба даст омадааст, бояд ҳангоми банақшагирӣ ва қабули қарорҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода дар доираи ваколатҳои мукаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда ба назар гирифта шаванд» [71, с. 18].

Ба андешаи мо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» хусусияти умумиҳуқуқӣ дошта, дар онҳо бо таври дақиқ вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ ва мақомоти сохтори ҳамоҳангсози давлатӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои

фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян ва мустақар нашудаанд. Аз ин лиҳоз, дар доираи як қонун муттаҳид сохтани онҳо ва мукаммал сохтани асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт айни муддаост. Зеро сарфакории меъёрии ҳуқуқӣ ва истифодаи ибораву ҷумлаҳо ва истилоҳоти ҳуқуқии равону саҳеҳ, яке аз талаботи асосии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки дар моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муфассалтар дарҷ ёфтаанд. Аз ҷумла, дар б. 4 м. 51 Қонуни мазкур омадааст, ки «дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи калимаву ибораҳои норавшан, мулоҳизот, хитобу даъватҳои умумӣ норавост» [17].

Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории фавқулода барои рӯйи кор овардани чунин хулосаву пешниҳодот мусоидат намуданд:

1. Набудани равиши ҳамоҳангшуда дар ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ки принсипҳои асосии барномаҳои стратегиро инъикос мекунанд, боиси бидуни стратегияи амиқи таҳиягардидаи рушди ин соҳа ба амал меояд. Аз ин лиҳоз, дигаргуниҳои институтсионалӣ ба стратегияҳои рушди дарозмуддат ва миёнамуҳлат ва афзалиятҳои дар онҳо муайяншуда пурра мувофиқат намекунанд.

2. Дар марҳалаи ҳозираи рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф ёфтани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, бунёд ёфтани корхонаҳои азими саноатӣ, иншооти хизматрасонии нақлиётӣ, гидроэнергетикӣ, азхудкунии маъданҳои зеризаминӣ, мавҷудияти шумораи калони партовҳои радиоактивӣ ва ғ. мукаммалсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимсозандаи ин самтро тақозо менамоянд. Зеро талаботи қонунгузории амалкунанда дар ин самт дорои мухолифатҳои муайян вобаста ба мушаххас намудани асосҳои ташкилӣ-ҳукуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи мебошанд.

3. Дар Низоми ягонаи давлатӣ субъектони сершумор (мақомоти

давлатӣ) ширкат менамоянд, ки фаъолияти онҳо асосан дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва дохилиидоравӣ ба танзим даровarda мешавад. Аммо, талаботи меъёрҳои дахлдори онҳо бо ҳамдигар дар рақобат ва зиддият карор доранд, ки манфиапазирии фаъолияти мақомоти давлатиро дар ин самт коҳиш медиҳанд. Масалан, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба бехатарии сейсмикӣ корҳоро оид ба паст кардани хавфи сейсмикӣ ва омода намудани аҳолӣ ба заминҷунбии шадид дар ҳудуди дахлдор, ташкил менамояд. Чунин талабот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» пешбинӣ гардидааст.

4. Барои ҳал намудани масъалаи мазкур, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, дар доираи як қонун муттаҳид сохтани қонунҳои болозикршуда манфиатпазир хоҳад буд. Чунин мавқеъгирӣ барои рушд додани консепсияи муосир вобаста ба кодификатсия кардани ин самти фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат хоҳад кард.

5. Низоми огоҳкунии пешакӣ оид ба заминҷунбӣ, пешгирӣ ва рафъ намудани дигар оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ айни замон дар доираи нақшаҳои махфӣ ташкил ва амалӣ мегардад, ки мухолифи қонунгузории амалкунанда мебошад. Зеро тибқи талаботи зербанди 1 б. 1 м. 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ», «маълумот оид ба ҳолатҳои фавқулода ва фалокатҳо, ки ба амният ва саломатии шаҳрвандон таҳдид мекунанд ва оқибатҳои онҳо, инчунин, оид ба офатҳои табиӣ, пешгӯии расмӣ ва оқибатҳои онҳо махфӣ гардонида намешавад».

6. Бо назардошти талаботи қонунгузории амалкунанда дар самти

пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои дихилиидоравии ВКД ва КҲФ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин хеле равшан эҳсос карда мешавад. Аз ҷумла, тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда КҲФ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсозандаи тамоми вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроя дар ин самт аз рӯйи таъйиноти худ комилан дуруст ваколатдор карда шудааст ва сиёсати ягонаи давлатиро дар ин самт бояд амалӣ созад. ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҳамчун ҷузъи ёрирасони Кумитаи мазкур баромад менамояд. Яъне, аз рӯйи таъйиноти худ пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ барои КҲФ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун функсияи асосӣ [10] ва барои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳамчун функсияи иловагӣ [28] баромад менамояд.

Аммо, тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда вобаста ба бехатарӣ аз сӯхтор [12], СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказии мустақили оперативии бехатарӣ аз сӯхтор назорати давлатии бехатарӣ аз сӯхторро таъмин намуда, фаъолияти вазорату идораҳо, корхонаю ташкилот ва муассисаҳоро дар ин самт ҳамоҳанг месозад. Яъне, дар сатҳи қонунгузорӣ мухолифат вобаста ба вазифа ва функсияҳои ин ду ниҳоди давлатӣ мавҷуд аст, ки такроршавии функсияҳои онҳоро собит месозад. Агар аз як тараф, КҲМ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатиро дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба роҳ мемонад, аммо аз тарафи дигар, агар сухан дар бораи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ (сӯхторхомӯшкунӣ) бошад, функсияи асосии Кумитаи мазкурро ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

7. Дар ҳамин меҳвар бояд зикр кард, ки дар ҳақиқат, айни замон

ВКД бо воситаи СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар сатҳи ноҳия, шаҳр ва вилоятҳои ҷумҳурӣ аз иҷрои ин вазифа (новобаста ба он, ки аз рӯйи таъйиноти фаъолияти милитсия дуюмдараҷа мебошад), бинобар доштани базаи мукаммалӣ моддӣ-техникӣ, малакаи хуби касбии кормандон, таҷҳизот, қувва ва воситаҳои зарурӣ, аз ҷумла, коллеҷи оташнишонӣ, заминаи илмӣ-таълимии мусоид ва ғ., хеле ҳадафмандона баромада истодааст. Аммо, сухан дар бораи таъйиноти мақомоти махсусваколткардашудаи давлатӣ вобаста ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ дар доираи як низоми томи давлатӣ меравад.

8. Надоштани чунин базаи моддӣ-техникӣ ва илмӣ-таълимӣ барои ғасб намудани функсияи асосии ин ниҳоди давлатӣ, ки таъйиноти асосиаш ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мебошад, асос шуда наметавонад. Баръакс, барои рушд ёфтани ин самти сиёсати давлатӣ монеа эҷод менамояд, зеро роҳбарияти КҲФ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самти фаъолияти давлатиро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон муаррифӣ менамояд. Аммо, бе базаи мукаммали илмӣ-таълимӣ ин ниҳоди калидии давлат рушду такоммул карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, раванди ҳар чи зудтар таҳвил додани функсияи сӯхторхомӯшкунӣ ба КҲФ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаносибан ба он марбут донистани сохтори бевосита иҷрокунандаи ин функсияҳо роҳро барои рушд ёфтани Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мекушояд.

9. Тибқи талаботи банди 1 Низомномаи КҲФ аз 29-уми ноябри с. 2017, № 547, Кумитаи мазкур ҳамчун «мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тамоми чорабиниҳои умумидавлатиро вобаста ба ҳифзи аҳолӣ аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ва ҳангоми вазъияти ҷангӣ ҳамоҳанг месозад». Инчунин, тибқи талаботи зербандҳои 4 ва 5 Низомномаи мазкур, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии

фаъолияти тамоми вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо ва мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи Низоми ягонаи давлатӣ ба уҳдаи ин ниҳоди давлатӣ вогузор гардидааст. Талаботи мазкур низ собит месозад, ки Кумитаи мазкур дар доираи ваколатҳои худ идоракунӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти дигар мақомоти давлатиро дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба уҳда дорад, ки асоснокии мавқеи моро оид ба такроршавии функсияҳои ин ду ниҳоди давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳодисаҳои фавқулодаи хусусияти техногенидошта бори дигар собит месозад.

Чунин мавқеъгирии мо, баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти МКД ҳамчун мақомоти ҳифзиҳуқуқӣ дар иҷрои функсияҳои асосии он - таъмини тартиботи ҷамъияти, пешгирӣ ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳо дар раванди пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ҳифзи моликияти шаҳрвандон, инчунин дар сатҳи касбӣ-амалӣ сохтани функсияи иловагии он ҷиҳати наҷодиҳии шаҳрвандон аз садамаву сӯхторҳо мебошад.

Бояд зикр намуд, ки мукаммалсозии талаботи қонунгузории баррасишуда барои таъмини омодагии босамари ҷузъу томи МКД ва дигар субъектони Низоми ягона мусоидат хоҳад кард.

## 3.2. Мукаммалсозии фаъолияти ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи васеи нақшаҳои ташкилотҳои соҳавӣ ва мушаххас оид ба вокуниш ба хатарҳо мавҷуд аст. Вале, вуҷуд надоштани барномаи ягонаи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллии омодагии ҳамаҷониба ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо маънои мавҷуд набудани ҳамоҳангии амалиёти байни ин ташкилот ва имкони номувофиқатии нақшаҳои инфиродӣ бо стандартҳои мавҷудаи вокуниши самаранок ва омодагӣ ба офатҳоро дорад.

Раванди такмилёбии банақшагирии чорабиниҳо оид ба эътино ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба кам гардидан оқибатҳои харобиовари ин ҳолатҳо мусоидат менамояд. Омодагӣ ва вокуниши сараивақтӣ ба чунин равандҳои номатлуб омодагии пешакии касбӣ ва банақшагирии якҷояи мақомоти дахлдори давлатиро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода тақозо менамояд.

Иқтидори мушаххаси зернизомҳои Низоми ягона дар ҳамаи сатҳҳо ба такмилдиҳӣ ва бозомӯзӣ ниёз дорад. Зарурат ба миён омадааст, ки асосҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва гурӯҳбандӣ намудани ҳайати шахсии зернизомҳои Низоми ягона бозбинӣ карда шавад. Омодагии қувва ва воситаҳои ҷузъу томи МКД оид ба гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ низ такмил дода шавад. Чорабиниҳои зарурӣ ва воқеӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва расонидани ёрии таъҷилии аввалия бояд барои тамоми сатҳҳои идоракунӣ таҳия карда шаванд.

Зимни гузаронидани таҳқиқот муайян гардид, ки ҳамоҳангсозии ҷузъу томи МКД дар бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аввалан, камтаҷрибагии роҳбарони ҷузъу том дар бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, дар сатҳи комил набудани таҷҳизот ва воситаҳои нақлиётии махсуси наҷотдиҳӣ ҷиҳати амалиёти фаврӣ дар ин ҳолатҳо боиси он мегардад, ки зарар ва талафот ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода ба маротиб зиёд мегардад.

Дигар масъала ин ташкили хабардоркунии саривақтии аҳолӣ ва мақомоти давлатӣ мебошад, ки дар сурати дуруст ва саривақт ба роҳ мондани ин чорабинӣ зарар ва талафот аз ҳолатҳои фавқулода кам мегардад. Дар айни замон барои ҳалли ин масъала тибқи Низоми ягона, дар Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зернизоми вазифавии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода оид ба хабардоркунӣ, алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолият менамояд, ки он дар сатҳи зарурӣ дар ҳама сатҳҳо ба роҳ монда

нашудааст. Дар мамлакат низомҳои алоҳидаи огоҳкунӣ вуҷуд доранд, вале низоми ягонаи огоҳкунӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ки тавонад маълумотро саривақт ба онҳое, ки бо вокуниш ба ин ҳолатҳо вазифадоранд, расонад, вуҷуд надорад. Бояд қайд намуд, ки ба туфайли кӯшишҳо, дар ноҳияҳои алоҳида ҷиҳати таъмини омодагӣ ва вокуниш дар сатҳи ҷомеаҳо, низомҳои маҳаллии огоҳкунӣ тавассути насби таҷҳизотҳои техникии муосир такмил бояд дода шаванд. Зеро дар айни замон таҷҳизоту техникаи ин низомҳои огоҳкунӣ фарсуда шуда, умуман ба талабот ҷавобгӯй нестанд. Дар умум низоми огоҳкунии қаблӣ ё ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода фаъолият наменамояд. Низоми дорои таҷҳизоти муосири огоҳкунӣ ва алоқа дар сатҳи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳо вуҷуд надорад.

Яке аз мушкилоти такмилдиҳии низоми огоҳкунӣ - мавҷуд будани иқтидори техникии маҳдуд мебошад, ки ҳоло зарурати ташкили гурӯҳҳои таҳқиқотии махсус ҷиҳати омӯзиши амиқи ин масоилро ба миён овардааст. Ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ вобаста ба хавфу хатарҳои табиӣ ва техногенӣ, баҳодиҳӣ, пешгуӣ ва банақшагирии пешакӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ низ омили муҳим арзёбӣ мегардад.

Яке аз масъалаҳои ҳалношуда дар самти пешгирӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ин баҳснок будани истифодаи қувваю воситаҳои МКД мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, дар байни сардорони шуъбачаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятии зиёда аз 15 шаҳру ноҳия пурсиши сотсиологӣ гузаронида шуд. Зимни пурсиш дар доираи саволи «Ба фикри Шумо, кадом мақомот бояд фаъолияти вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандонро оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода вобаста ба вуқуъ пайвастани сӯхторҳои калонҳаҷм дар корхонаҳои саноатӣ, манзилҳои истиқоматӣ, бозорҳо ва ҷангалзорҳо ҳамоҳанг созад?» муайян карда шуд, ки ҳамфикрии ягона оид ба нақши мақомоти ҳамоҳангсози

давлатӣ дар ин самт айни замон мавҷуд нест. Зеро 48,5% пурсишшудагон изҳор доштанд, ки фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро дар ин самт бояд СХДО ҳамоҳанг созад, 37,5% - Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданиро масъул донистанд, 9,5% - мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва 4,5% - мақомоти худидоракнуии ҷамоати шаҳрак ва деҳотро [ниг.: Замимаи № 1]. Аз натиҷаҳои мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки мақомоти ҳамоҳангсози ниҳоди давлатӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақшаҳои оперативии байниидоравӣ ва таҷрибаи амалии онҳо вобаста ба сӯхторҳои калон ҳаҷм дар корхонаҳои саноатӣ ва ҷангалзорҳо бо таври комил муайян нашудааст.

Вобаста ба номукаммал будани механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷузъу томи МКД оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, пурсишшудагон дар доираи саволи: «Ба фикри Шумо, бояд кадом сохтор фаъолияти ҷузъу томи МКД-ро оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҳамоҳанг созад?» зикр карданд, ки ҳамфикрии ягона оид ба нақши сохторҳои МКД дар ин самт айни замон мавҷуд нест. Зеро 28,5% пурсишшудагон изҳор доштанд, ки фаъолияти ҷузъу томи МКД-ро дар ин самт бояд СХДО ҳамоҳанг созад, 22,5% - Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро масъул донистанд, 10,5% - Раёсати нозиротӣ-ташкилӣ, 15% - Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ ва 23,5% - Ситоди байниидоравиро.

Аз натиҷаҳои мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки бештари пуридашудагон ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсози сохтори МКД вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷузъу томи МКД СХДО (28,5%), Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (22,5%) ва Ситоди байниидоравиро (23,5%) арзёбӣ намуданд [ниг.: Замимаи № 1]. Аз рӯйи фиссад, қариб якрангии чунин зерсохторҳои МКД вобаста ба мақомоти ҳамоҳангсозиашон ба он хотир рӯйи кор омадааст, ки пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении калонҳаҷм дар ҳақиқат, ҷалби се зерсохтори номбурдаро тақозо менамояд, аммо барои манфиатпазир

гардидани фаъолияти муштараки онҳо ташкил кардани Ситоди оперативӣ ва гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи тамоми ҷузъу томи МКД-ро талаб менамояд. Зеро дар ҳолати рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении калонҳаҷм на танҳо кормандони зерсохторҳои номбурда, балки воҳидҳои оперативӣ, таҳқиқгарон, муфаттишон, духтурон, қӯшунҳои дохилӣ ва ғ. низ ҷалб карда мешаванд. Яъне, дар чунин ҳолатҳо нақши Ситоди оперативӣ ва гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашудаи тамоми ҷузъу томи МКД хеле муҳим буда, заминаҳои асосии ташкили идоракунии ҷузъу томи МКД дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении калонҳаҷм эътироф карда мешаванд.

Вобаста ба ҳамкории берунии МКД бо дигар субъектони Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бошад, ташкил намудани Ситоди байнидоравӣ ва омодагии доимии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашуда дар тамоми сохторҳои қудратӣ ва махсус ваколатдоркардашуда, тақозои замон мебошад.

Ҳамзамон, мо бар он ақида мебошем, ки истифодаи ҳама гуна қувва ва воситаҳои МКД барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, махсусан, ҷузъу томи Қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст, аммо ин масъала бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ бояд ба танзим дароварда шавад.

Манфиати сафарбарсозии ҷузъу томи СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ дар ваколатҳои ба ин мақомот вогузоршуда, дар сатҳи қонунгузорӣ қисман аллакай ба танзим дароварда шудааст. «Масалан, м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» пешбинӣ намудааст, ки мақомоти асосии низоми таъмини бехатарӣ аз сӯхтор ин мақомоти хадамоти давлатии оташнишонӣ мебошад. Яке аз вазифаҳои

асосии низоми таъмини бехатарӣ аз сӯхтор ин хомӯш намудани сӯхтор ва зимни он анҷом додани корҳои аввалияи садамавӣ-наҷотдиҳӣ аз фалокатҳо мебошад» [12].

Тибқи Низомномаи СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, хомӯш намудани сӯхторҳо ва вобаста ба он анҷом додани корҳои аввалиндараҷаи садамавию наҷотдиҳӣ ба уҳдадориҳои асосии он дохил мегардад.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки иқтидори кадрии СХДО ВКД аз ҳисоби факултети № 5-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Мутахассисоне, ки факултети мазкурро ҳамасола бо ихтисоси «Бехатарӣ аз сӯхтор» хатм мекунанд, бо омӯзиши фанҳои тахассусӣ дорои маҳорату малакаи баланди касбии гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва истифодабарии таҷҳизот ва мошинаҳои махсуси наҷотдиҳиро доро мебошанд. Тибқи маълумоти дастрасшуда, дар ҳар як шаҳру ноҳия, кормандони мақомоти ҳолатҳои фавқулода 1-то 2 нафарро ташкил дода, таҷҳизот ва мошинаҳои махсуси наҷотдиҳӣ надоранд ва ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода ин шумораи ками коргарон имконияти гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳиро надоранд. Аммо, хотиррасон бояд кард, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳо кормандони ҷузъу томи СХДО ВКД зиёда аз 50 нафарро ташкил медиҳанд ва тамоми таҷҳизот ва мошинаҳои махсуси наҷотдиҳиро доро мебошанд.

Ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, то омадани қувва ва воситаҳои КҲФ ба минтақаи ҳолатҳои фавқулода ҷузъу томи СХДО ҳудудӣ метавонанд амалиёти наҷотдиҳии саривақтиро гузаронад. Танҳо дар сатҳи қонунгузорӣ барои СХДО ВКД ваколати пурраи гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ дода шавад. Бо ин мақсад якҷоясозии мақомоти ҳолатҳои фавқулода бо СХДО ва дар якҷоягӣ бо зертобеи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон будан, ба манфиати кор буда, ҷиҳати саривақт бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва

техногенӣ ва ҳамчунин, кам кардани зарар ва талафот мусоидати комил менамояд.

Ба андешаи мо, асоси сохтори ташкилии МКД-ро бо назардошти сохтори давлатӣ ва маъмурӣ-ҳудудӣ, ба зинаҳои зерин тақсим кардан хубтар мебошад:

1) дар сатҳи ҷумҳуриявӣ - ВКД Чумхурии Точикистон;

2) сатҳи вилоятӣ - РВКД Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, РВКД вилоятҳои Суғду Хатлон, РВКД шаҳри Душанбе (аз ҷумла, панҷ ШВКД ноҳияҳои шаҳр): Исмоили Сомонӣ, Шоҳмансур - 1, Шоҳмансур - 2, Фирдавсӣ, Сино-1, Сино-2).

3) сатҳи маҳаллӣ (ҳудудӣ) ШВКД-ҳои ноҳиявӣ, аз ҷумла, ШВКД шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ғайра.

Раёсат ва шуъбаҳои ВКД дар маҳалҳо тартиботи ҷамъиятиро таъмин намуда, ба муқобили ҷинояткорӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин мубориза мебаранд ва вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ чораандешӣ менамоянд. Принсипҳои ташкил, вазифаҳо, самтҳо ва намудҳои фаъолияти хизматии МКД низом ва сохтори мақомот ва ҷузъу томи онро муайян мекунанд. Танҳо дар сурати мавҷуд будани низоми мутаносиб ва воҳидҳои алоҳидаи сохторӣ МКД иҷрои вазифаю функсияҳои ба зиммаашон гузошташударо таъмин карда метавонанд.

Бояд гуфт, низоми МКД бояд ба сатҳ тақсимбандӣ карда шаванд ва тобеияти воҳидҳои дахлдор вобаста ба рафъи ҳолатҳои фавқулода муайян карда шавад. Зеро, дар айни замон МКД вобаста ҳалли вазифаҳои марбут ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ теъдоди зиёди раёсатҳо ва шуъбаҳои худро вобаста ба пешгирӣ ва рафъи хавфу хатарҳо ва паҳншавии офатҳои табиӣ ва техногенӣ ҷалб менамояд.

Ҳангоми муқоисаи рӯйхати ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва нақшаҳои тақсимот ва тобеияти мақомоти ҳудудие, ки вазифаҳо ва функсияҳои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои табиӣ ва техногениро иҷро менамоянд, маълум мешавад,

ки дар аксарияти ШВКД-ҳои сохторҳои наҷотдиҳии садамавӣ, инчунин наҷотдиҳӣ дар ҳолатҳои обхезӣ ва заминҷунбӣ, ба истисноии сӯхторхомӯшкунӣ, мавҷуд нестанд. Чунин раванд аз вайрон шудани унсурҳои низоми идоракунӣ дар дохили низоми МКД шаҳодат медиҳад.

Агар вобаста ба ҷойҳои нигоҳдории нарядҳои сухторхомӯшкунӣ вобаста ба минтақаҳои хизматрасонӣ бо сохторҳои болозикри ШВКД дар шаҳру ноҳияҳо тафовутҳои ҷиддӣ мавҷуд нест, аммо вобаста ба таъсис ва фаъолкунонии ҷузъу томи МКД марбут ба корҳои наҷотдиҳии садамавӣ, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар меъёрҳои доихилиидоравии амалкунанда, талаботи ҷиддӣ мавҷуд нест. Мутаносибан, вазифа ва функсяҳои ҷузъу томи МКД вобаста ба таъйиноти онҳо дар пешгирӣ ва рафъи чунин ҳолатҳо норавшан аст.

Вобаста ба номукаммал будани механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, натиҷаи пурсиши саволи панҷум - «Ба фикри Шумо, кадом мақомот бояд фаъолияти вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандонро оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода вобаста ба вуқуъ пайвастани сухторҳои калонҳаҷм дар корхонаҳои саноатӣ, манзилҳои истиқоматӣ, бозорҳо ва ҷангалзорҳо ҳамоҳанг созад?» собит сохт, ки ҳамфикрии ягона оид ба нақши мақомоти ҳамоҳангсози давлатӣ дар ин самт низ айни замон мавҷуд нест. Зеро 48,5% пурсишшудагон изҳор доштанд, ки фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро дар ин самт бояд СХДО ҳамоҳанг созад, 37,5% - Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждаииро масъул донистанд, 9,5% - мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва 4,5% - мақомоти худидоракнуии ҷамоати шаҳрак ва деҳотро. Аз натиҷаҳои мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки мақоми ҳамоҳангсози ниҳоди давлатӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақшаҳои оперативии байниидоравӣ ва таҷрибаи амалии онҳо вобаста ба сухторҳои калонҳаҷм

дар корхонаҳои саноатӣ ва ҷангалзорҳо бо таври комил муайян нашудааст.

Дар маҷмуъ, пурсиши гузаронидашуда моро ба хулосабароии зерин мувоҷеҳ месозад:

1. Функсияи сӯхторхомӯшкунӣ аз рӯйи таъйиноти ҳифзиҳуқуқии МКД ҳамчун функсияи иловагӣ маҳсуб ёфта, бояд танҳо барои рафъи фаврии оқибатҳои садама, таркиш дар меҳвари мубориза ба ҷинояту ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи истифодабарии нақлиёти автомобилгард, роҳи оҳан ва ҳавоӣ аз ҷониби МКД амалӣ карда шавад. Новобаста ба он ки функсияи мазкур дар сатҳи қонунгузории амалкунада ба ваколати МКД марбут дониста шудааст, дарояндаи дуру наздик дар доираи ислоҳоти милитсия функсияи мазкур ба КҲФ таҳмил дода шавад.

2. Вазифаи сӯхторхомӯшкунӣ ва наҷоти шаҳрвандон бинобар ҳолатҳои садамавӣ ва дар радифи мубориза бо ҷинояткорӣ ҳамчун функсияи иловагии милитсия бояд дар меҳвари ҳолатҳои фавқулода мушаххас ва мукаммал карда шуда, аз доираи манфиатҳои дохилиидоравӣ берун кашида шавад. Дар мадди аввал манфиатҳои умумидавлатӣ вобаста ба таъйиноти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пеш гузошта шуда, таҳқиқоти илмӣ низ бояд холис аз манфиатҳои дохилиидоравӣ ба роҳ монда шаванд.

Ба андешаи олимони варзидаи соҳа, ба самтҳои асосии таъмини омодагии қувва ва воситаҳои МКД ва дигар субъектони Низоми ягона коркарди нақшаҳои комплексӣ вобаста ба вокуниши фаврӣ, тайёрии касбӣ ва омодагии ҷисмониву руҳии ҷузъу том, ташкили гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашуда, таъминоти муосири иттилоотӣ ва таҷҳизоти техникии гурӯҳҳо ва ташкил намудани ситоди идоракунии гурӯҳҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ марбут мебошанд.

Вобаста ба ҳамин масъала Громов М.А. чунин мефармояд: «Омодагӣ ин ҳолати ташкилӣ, захиравӣ ва функсионалии гурӯҳи муттаҳидкардашудаи қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ барои амал кардан дар шароити ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ мебошад, ки ҳама чиз барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар вақти муайян омода шудааст» [46, с. 14].

Яъне, аз ҷиҳати корҳои ташкилӣ омодагии МКД ва қувваю воситаҳои дар гурӯҳҳо муттаҳидшудаи он барои амал кардан дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошад. Аз ҷумла, мутобиқ намудани кувваю воситаҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ пеш аз иҷрои вазифаҳо дар минтақаи офати табиӣ ва ё ҳодисаи техногенӣ.

Ба андешаи Громов М.А., чунин самтҳои ташкили идоракунии гурӯҳҳо муттаҳидшудаи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ хеле муҳим мебошанд: «- омодагии пешакии қувва ва воситаҳои чунин гурӯҳҳо; - бо таври дуруст ҷобаҷогузории онҳо дар минтақаи ҳолатҳои фавқулода; - қабул кардани қарорҳои комил ва саривақтии идоракунӣ; -ташкили кори гурӯҳи назоратӣ; - мураттаб кардани ҳисоби қувва ва воситаҳо барои вазифаҳо; баҳисобгирии шумора, таркиб ва ҷобаҷо гузоштани захираҳо ва ғ.» [46, с. 14].

Бояд зикр кард, ки дар раванди тайёрии бевоситаи қувваҳо ва воситаҳои МКД барои фаъолият дар холатҳои фавқулодаи табии гурӯҳҳои функсионалии муттаҳид ташкил карда шуда, разведкаи минтақаи офати табиӣ ва ё техногенӣ ва маҳалҳои эвакуатсия гузаронда мешавад. Инчунин, нуқтаҳои ёрирасон ва ҳайати гурӯҳи идоракунӣ ташкил карда шуда, ба кормандони гурӯҳ ҷиҳати иҷрои вазифа ва функсияҳои онҳо дастурҳои мушаххас дода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки асоси ташкилии идоракунии қувва ва воситаҳои дар гурӯҳҳои функсионалӣ муттаҳидкардашудаи МКД дар ҳолатҳои фавқулода нақшаи оперативӣ мебошад.

Нақшаи оперативӣ раванди идоракунии ҷузъу томи МКД, аз ҷумла, гурӯҳҳои таъсисдодаи қувваю воситаҳоро дар шароити ҳолатҳои фавқулода ба танзим дароварда, барои ба таври оперативӣ ва самаранок ба роҳ мондани фаъолият, мусоидат менамояд. Ҳамчун барномаи мушаххаси амалиёт нақшаи оперативӣ амали возеҳи кормандони милитсия ва қувваю воситаҳои дар гурӯҳҳо муттаҳидшудаи онро дар минтақаи ҳолати фавқулода таъмин менамояд.

Яке аз камбудиҳои ҷиддии нақшаҳои оперативӣ ин набудани тафриқакунонии амалиёти қувваю воситаҳои МКД аз рӯйи марҳилаҳои ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ барои гурӯҳҳои функсионалии муттаҳишуда мебошад.

Аз дараҷаи таҳия ва объективияти нақшаи оперативӣ фаъолияти пурсамари гурӯҳҳои функсионалӣ, ситоди оперативӣ, мақомоти идоракунии оперативиро барои сари вақт ва бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳо ва функсияҳои бамиёномада вобаста аст.

Ба андешаи мо, сохтори нақшаи оперативӣ барои гурӯҳҳои функсионалӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, бояд дорои фаслҳои зерин бошанд:

1) Муқаррароти умумӣ.

2) Мақсад ва вазифаҳои гурӯҳҳои муттаҳидшудаи функсионалӣ ва дигар қувва ва воситаҳои МКД.

3) Ҳайати мақомоти оперативии идоракунӣ, нуқтаҳо ва воситаҳои идоракунӣ.

4) Тартиб ва уҳдадорихои фаъолияти роҳбари гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда.

5) Таркиби гурӯҳҳои функсионалӣ.

6) Ба дараҷаи тайёрӣ рақами 2 ва 1 расондани қувваю воситаҳои гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда.

7) Баҳисобгирии қувваҳо ва воситаҳо чунин гурӯҳҳо барои интиқол ба минтақаи ҳолатҳои фавқулода.

8) Баҳисобгирии тақсими қувваҳо ва воситаҳои МКД барои фаъолияти чунин гурӯҳҳо.

9) Баҳисобгирии захираҳои эҳтиётӣ.

10) Баланд бардории ҳолати руҳӣ ва маънавии ҳайати шахсӣ.

11) Муайян сохтани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкили ҳамкории оперативӣ.

12) Пешбинӣ намудани чораҳои амниятии ҳайати шахсӣ ва аҳолии минтақаи ҳолатҳои фавқулода.

Омода сохтани замима ба нақшаи намунавии оперативӣ дар самтҳои зерин шарти зарурист:

1) Харитаи кории ситоди оперативӣ.

2) Нақшаи огоҳонкунӣ ва ҷамъкунии кормандони гурӯҳҳои функсионалӣ.

3) Нақшаи алоқа (телефонӣ, ратсияи алоқа, ҷисмонӣ ва ғ.).

4) Нақшаи таъминоти моддӣ ва техникӣ барои гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда.

5) Нақшаи таъминоти иттилоотӣ.

6) Шаклҳои ҳуҷҷатҳои ба расмият даровардашуда.

7) Варақаи баҳисобгирии ислоҳоти нақша.

8) Варақаи махсус вобаста ба бақайдгирии тафтиши нақша.

Аз дуруст тартиб додани нақшаи амалиёти оперативӣ, ки хеле кори заҳматталаб мебошад, самаранокии истифодабарии қувваҳои гурӯҳҳо муттаҳидшудаи функсионалӣ вобаста мебошад. Раванди таҳияи нақшаи амалиёти оперативӣ аз зинаи омодагӣ, таҳияи бевоситаи лоиҳаи нақша, ҳамоҳангсозӣ, мукаммалгардонӣ ва тасдиқ намуданро дар бар мегирад.

Бо назардошти афкори иброзгардида, чунин таклифу пешниҳодҳоро ҷиҳати такмил додани асосҳои ташкилии идоракунии ҷузъу томи МКД оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ манфиатпазир пиндоштан мувофиқи мақсад аст:

1. Мураттаб сохтани Нақшаҳои оперативии пешакӣ бо муайян кардани вазифа ва функсияҳои ҳайати мақомоти идоракунии оперативӣ (Ситоди оперативӣ, гурӯхи оперативии идоракунӣ) ва гурӯҳҳои функсионалии муттаҳидкардашуда ва ҳисоби эҳтимолии қувва ва воситаҳо барои омодагӣ ба вокуниши саривақтӣ дар ҳолатҳои фавқулода.

2. Баланд бардоштани омодагии ҷузъу томи МКД, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои он ва банақшагирии таъминоти моддӣ-техникӣ ва озуқавории онҳо бо мақсади вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар шароитҳои махсус, бо роҳи гузаронидани машқҳои муштараки ситодӣ ва оперативӣ-таткитикӣ дар минтақаҳои осебпазир раванди манфиатпазир маҳсуб меёбад.

3. Коркард намудани механизми муосири огоҳикунӣ ва омодагии ҷузъу томи МКД барои фаъолият дар ҳолатҳои фавқулода, омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади донистани вазифа ва функсияҳо, инчунин, коркарди фаъолияти муштараки дохилии ҷузъу томи МКД ва ҳамкории онҳо бо дигар субъектони Низоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ.

4. Омода сохтани аъзоёни гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда барои амал кардан дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бо роҳи бо таври мунтазам гузаронидани машқҳои тактикӣ ҷиҳати ба даст овардани малака ва маҳорат барои бо камоли кордонӣ иҷро намудани вазифаҳо ва функсияҳои оперативӣ дар ҳолатҳои фавқулода.

5. Омода будани қувва ва воҳидҳои МКД дар гурӯҳҳо барои амал кардан дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва ё техногенӣ дар асоси омодагии мунтазам, баланд бардоштани маҳорат ва ҳамоҳангии амалиёти гурӯҳҳои функсионалӣ ба даст меояд.

6. Машқҳои ситодӣ-фармондеҳӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳамоҳангии фаъолият ва самаранокии кори роҳбарони гурӯҳҳои функсионалӣ, мақомоти идоракунии гурӯҳи қувва ва воситаҳои МКД,

пайдо кардани малакаҳои ташкили ҳамкориҳо ва фаъолияти оперативӣ-хизматӣ ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ амалӣ карда мешавад.

## ХУЛОСА

Омӯзиши амиқи маводди назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба муаллиф имкон дод, ки маҷмуи зерини хулосаҳои илмӣ ва амалиро пешниҳод кунад:

1. Рушди кунунии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, ки манбаъҳои ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ мебошанд, инчунин, ҷойгиршавии ҷумҳурӣ дар минтақаи хатари сейсмикӣ ва осебпазирии релефи он ба обхезӣ ва ярчфаройӣ, муайян кардани асосҳои назариявӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақоми мақомоти ҳамоҳангкунандаи фаъолияти муштараки мақомоти давлатӣ, мутаносибии мақсад, вазифаҳо ва функсияҳои онҳо дар пешгирӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаро талаб мекунад [2-М].

2. Таҳлили қонунгузории фавқулода ихтилофҳои функсионалиро байни мақомоти давлатӣ - субъектҳои НЯДПРҲФ ошкор мекунад. Аз ҷумла, тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба бехатарии сейсмикӣ корҳоро оид ба паст кардани хавфи сейсмикӣ ва омода намудани аҳолӣ ба заминҷунбии шадид дар ҳудуди дахлдор ташкил менамояд. Чунин талабот вобаста ба мақсад ва самти фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ дар қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва ғ. пешбинӣ гардидааст. Барои ҳалли ин мушкилот, бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта, муттаҳид кардани қонунҳои дар боло зикршуда дар як қонуни ягона мувофиқ хоҳад буд. Чунин мавқеъ ба ташаккули консепсияи муосири ҳифзи аҳолӣ ва қаламравҳо аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мусоидат хоҳад кард [5-М].

3. Низоми огоҳкунии саривақтӣ оид ба заминларза, пешгирӣ ва рафъи дигар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ айни замон дар доираи нақшаҳои махфӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад, ки хилофи қонунгузории амалкунанда мебошад. Зеро, мувофиқи талаботи зербанди 1-и банди 1-и моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26-уми январи соли 2014, № 1095, маълумоте, ки ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон вобаста ба рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ алоқаманд аст, махфӣ гардонида намешавад [1-М].

4. Бинобар дар сатҳи қонунгузорӣ эътироф кардани МКД ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар соҳаи бехатарии сӯхтор тавсия дода мешавад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ба Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» иваз карда шавад, инчунин, дар доираи ин Қонун бехатарии сӯхтор ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия эътироф карда шавад ва мутаносибан дар Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2025-2030 тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Зеро сарфи назар аз он, ки моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» бехатарии сӯхторро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти милитсия эътироф накардааст, дар зербанди 9-уми банди 3-и Низомномаи ВКД ҶТ таъмини бехатарӣ аз сӯхтор ҳамчун вазифаи асосии милитсия эътироф шудааст. Мувофиқи зербандҳои 14 ва 15-уми банди 8-и ин Низомнома, милитсия амалиёти махсуси наҷотдиҳиро барои пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва бартараф кардани оқибатҳои онҳо, инчунин, таъмини бехатарии сӯхтор анҷом медиҳад [3-М].

5. ВКД ҶТ ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор аст, ки ҳангоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи амволи шаҳрвандонро таъмин намояд. Аммо, дар ҳолатҳои фавқулода, новобаста аз миқёс ва хусусияти онҳо, масъулияти асосии наҷоти одамон ва бартараф кардани оқибатҳои офатҳо ба дӯши воҳидҳои МКД, ки ҳамчун субъекти НЯДПРҲФ баромад мекунанд,

вогузор карда мешавад [4-М].

6. ВКД ҶТ як низоми мураккабест, ки аз воҳидҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ иборат буда, сохтори иерархии худро дорад. Дар ин сатҳ, нақши асосиро ШВКД-ҳои шаҳру ноҳия мебозанд, ки дар доираи фаъолияти худ ба мубориза ба ҷиноятқорӣ, таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ машғул мебошанд. ВКД дар баробари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза ба ҷиноятқорӣ, дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, аз ҷумла, сӯхторхомӯшкунӣ нақши калидӣ мебозад [3-М].

7. Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар ҶТ-ро ҳайат ва сохтори қувваҳои омодагии оперативии ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ вобаста ба вазифаҳое, ки ба онҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ дода шудаанд, ташкил медиҳанд [2-М].

8. Қувваҳои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода вобаста ба омодабошии оперативӣ ба гурӯҳи 1, 2 ва 3 тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи аввал қувваҳои қисмҳои навбатдории вазорату идораҳо, шаҳру ноҳияҳо ва гуруҳҳои махсусгардонидашудаи омодабошии доимии сохторҳои дахлдор дохил мешаванд. Яъне, қувваҳои эвакуатсионии зернизомҳои НЯДПРҲФ дар ҶТ.

Ба гурӯҳи дуюми қувваҳои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода вобаста ба омодабошии оперативӣ сохторҳои ҳудудии садамавӣ-наҷотдиҳӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва қӯшунҳои ҳарбии мудофиаи граждании ва чунин қӯшунҳои Вазорати мудофиаи ҶТ, ки тибки нақшаи хадамоти кофтуковӣ-наҷотдиҳии КҲФ ва МГ ҶТ ҷудо карда шудаанд, инчунин, сохторҳои ғайринизомии мудофиаи гражданӣ. Гурӯҳи дуюм ҳамчун сохтори омодагии баланд эътироф гардида, мӯҳлати омодагии пурраи он то ҷойи ҳодиса 4+6 соатро ташкил медиҳад.

Вобаста ба зарурат, гурӯҳи сеюми қувваҳои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода бо ҷалби васеътари қувва ва воситаҳои дахлдори мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ,

ташкилоту муассисаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар муҳлати 4+24 соат барои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҷалб карда мешаванд [1-М].

9. Асоси қувваҳои рафъи ҳолатҳои фавқулодаро дар ҶТ ҷузъу томи омодабошии вазорату идораҳои зерин ташкил медиҳанд:

– дастаҳои зудамали хушкигардии қисмҳои ҳарбии мудофиаи гражданӣ ва Вазорати мудофиаи ҶТ;

– хадамоти кофтуковӣ-наҷотдиҳии КҲФ ва МГ дар маҳалҳо;

– зерсохторҳои ноҳиявӣ, минтақавӣ, вилоятӣ ва шаҳрии СХДО ВКД ҶТ;

– бригадаҳои комплексии ёрии таъҷилии тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва ғ. [1-М].

10. Истифодаи қувва ва воситаҳои гуногун вобаста ба дараҷаи хавфнокӣ, паҳноварии ҳудуди ҳолатҳои фавқулода амалӣ карда мешавад [9-М].

11. Омодагии субъектҳои НЯДПРҲФ, пеш аз ҳама, бо таҳияи нақшаҳои муосир ва саривақтии оперативӣ ва омодасозии ҳайати шахсӣ барои фаъолият дар ҳайати гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ алоқаманд аст [3-М].

12. Нақшаи оперативӣ ҳамчун асоси ташкилии идоракунии оперативии қувва ва воситаҳои МКД ҳангоми ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ хизмат мекунад, зеро он самтҳои ҳаракати гурӯҳҳои функсионалӣ ва сафарбаркунии қувва ва воситаҳоро дар минтақаҳои душвортарин мушаххас менамояд. Чунин нақшаҳо метавонанд намунавӣ бошанд, барои ҳар як ҳолати фавқулода алоҳида таҳия карда шаванд ё якдафъаина бошанд [1-М].

13. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, зарур аст, ки тактикаи омодасозии аҳолӣ оид ба пешгирӣ ва

рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ғайримахфӣ гардонда шавад. Ин аз он сабаб аст, ки хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ таҳдид мекунанд, сирри давлатӣ нестанд ва талаботи қонунгузории амалкунанда дар ин соҳа монеаҳои сунъиро барои омодасозии аҳолӣ ба чунин ҳолатҳои фавқулода эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, таҳияи нақшаҳои амалиётии алоҳидаи ғайримахфӣ барои омодагии аҳолӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ зарурати таъхирнопазир дорад, ҷумҳурӣ бинобар хусусиятҳои сейсмологӣ ва ҷуғрофии худ дар минтақаи хатари доимӣ ҷойгир аст [5-М].

14. Зарур аст, ки нақшаҳои амалиётии ғайримахфӣ барои вокуниши саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении намудҳои гуногун таҳия карда шаванд ва дар дохили сохторҳои мақомоти дахлдори давлатӣ, ки ба НЯДПРҲФ дохил мешаванд, гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ таъсис дода шаванд. Аз ҷумла, дар КҲФ ва МГ, ВКД ҶТ ва Вазорати мудофиаи ҶТ ташкил кардани чунин сохтор ва таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ дар шакли фармонҳо, дастурҳо ва нақшаҳо зарур аст. Таҳияи чунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ барои ташкили ҳамкорӣ ва идоракунии муштараки гурӯҳҳои функсионалии мутамарказонидашудаи вазорату идораҳои дахлдор низ мусоидат хоҳад кард [4-М].

15. Таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт бо роҳи мунтазам гузаронидани машқҳои фармондеҳӣ-ситодӣ ва тактикӣ-тахассусӣ, ки ба вазъияти воқеӣ наздиканд, дар вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимии онҳо, аз ҷумла, дар ҷойҳое, ки эҳтимолияти рух додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мавҷуд аст, амалӣ сохта мешавад [2-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии фаъолияти МКД ҳангоми ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба мо имкон дод, ки тавсияҳои амалии зеринро таҳия кунем:

1. Тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба бехатарии сейсмикӣ корҳоро оид ба паст кардани хавфи сейсмикӣ ва омода намудани аҳолӣ ба заминҷунбии шадид дар ҳудуди дахлдор ташкил менамояд. Вобаста ба таъйинот ва самти фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ дар қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва ғ. талаботи зарурӣ вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ муқаррар гардидааст, ки аз рӯйи мазмун дар маҷмуъ табиати ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногениро фарогир мебошанд. Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, дар доираи як қонун муттаҳид сохтани қонунҳои номбурда манфиатпазир хоҳад буд, зеро дар қонунгузории амалкунанда ихтилофоти муайян вобаста ба ташкили ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ва такроршавии функсияҳояшон вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мавҷуд аст [5-М].

2. Низоми огоҳкунии пешакӣ аз заминҷунбӣ, обхезӣ, пешгирӣ ва рафъи дигар оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ айни замон дар асоси нақшаҳои оперативии махфӣ амалӣ мегардад, ки мухолифи талаботи зербанди 1 банди 1 моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26-уми июли соли 2014, № 1095 мебошад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниши саривақтӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ коркард ва тасдиқ карда шаванд, аз ҷумла, дар КҲФ ва МГ назди Ҳукумати ҶТ, ВКД ҶТ, Вазорати мудофиаи ҶТ ташкил карда шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ дар шакли фармонҳо,

дастурамалҳо ва нақшаҳо коркард карда шаванд [4-М].

3. Ба функсияҳои асосии идоракунии оперативии гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалии МКД дохил мешаванд: ҷамъоварӣ, таҳлил, тафтиш ва баҳодиҳии маълумоти оперативӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; омодасозӣ ва қабул намудани қарори оперативӣ ҷиҳати истифодабарии гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалии МКД ва ғ. [3-М].

4. Ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении калонҳаҷм зарурати идоракунии берунии ҷузъу томи МКД ба вуҷуд омада, иҷроиши функсияҳои иловагии милитсияро оид ба ҳалли вазифаҳои таъйхирнопазир вобаста ба наҷот додани одамон, кучондани аҳолӣ ба минтақаҳои бехавф ва расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба онҳо тақозо менамояд. Дар баробари вазифаҳои асосӣ ва иловагӣ, ҷузъу томи МКД дар мавриди таъхирнопазир ба иҷрои вазифаҳои берун аз салоҳияти худ аз қабили соҳилмустаҳкамкунӣ, таъминоти хуроквroutӣ, гуронидани фавтидагон, пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ ва ғ. ҷалб карда мешаванд [4-М].

5. Омода сохтани нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниши саривақтӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногении сатҳи гуногун ва ташкил кардани гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалӣ дар вазорату идораҳои салоҳиятдор мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар КҲФ ва МГ, ВКД РТ, Вазорати мудофиаи ҶТ, ки омода сохтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоавиро дар шакли фармонҳо, дастурамалҳо ва нақшаҳо талаб менамояд. Инчунин, омода сохтани чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ ҷиҳати ташкили ҳамкорӣ ва идоракунии муштараки гурӯҳҳои муттамарказонидашудаи функсионалии вазорату идораҳои марбута, мусоидат хоҳад кард [5-М].

6. Кафили баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт, бо таври мунтазм гузаронидани машқҳои ситодӣ-

фармондиҳӣ ва тактикӣ-тахассусӣ дар вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимии онҳо, аз ҷумла, ҷойҳои эҳтимолии ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ маҳсуб меёбад [2-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 06-уми ноябри с. 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-

юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 134 с.

[2]. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10-уми декабри соли 1948: аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардидааст [Матн] // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон мураттибон: А. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. Нашри 2-юм. – Душанбе: Контраст, 2018. – 406 с.

[3]. Эъломияи СММ оид ба мухити зисти инсон, ки дар Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид дар ш. Стокголм 16-уми июни с. 1972 қабул шудааст // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/declarathenv.shtml

[4]. Барномаи СММ оид ба коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.undrr.org/implementing-sendai-framework/what-sendai-framework.

[5]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода» аз 3-юми ноябри с. 1995, № 94 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, № 21, мод. 233; с. 1997, № 23-24, мод. 356; с. 2002, № 4, қ. 1. мод. 254; с. 2005, № 12, мод. 625; с. 2008, № 10, мод. 795 (Қонуни конст. ҶТ аз 10.05.2002, аз 28.12.2005 № 134, аз 6.10.2008 № 416, аз 26.07.2014 № 1085).

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми декабри с. 1993, № 916 [Матн] // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, № 3-4, мод. 62; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 10, мод.127; с. 2000, №11, мод. 535; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 260, мод. 263; с. 2003, № 4, мод. 141; с. 2014, № 11, мод. 658; с. 2015, № 12, қ. 1, мод. 1111); (Қонуни ҶТ аз 22.05.1998 № 630, аз 29.11.2000 № 20, аз 10.05.2002 № 35, №

36, 22.04.2003 № 11, аз 27.11.2014 № 1149, аз 25.12.2015 № 1265, аз 17.05.2018 № 1522, аз 17.12.2020 № 1733).

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» аз 1-уми августи с. 2003, № 42 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, № 8, мод. 465.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз 28-уми феврали с. 2004, № 14 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 2, мод. 46; с. 2005, № 12, мод. 648; с. 2007, № 6, мод. 438; с. 2008, № 6, мод. 456, № 10, мод. 815; с. 2013, № 12, мод. 897) (Қонуни ҶТ аз 28.12.2005 № 135, аз 13.06.2007 № 282, аз 18.06.2008 № 398, аз 6.10.2008 № 434, аз 28.12.2013 № 1053, аз 2.01.2020, № 1682

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи с. 2004, № 41 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, № 5, мод. 352; с. 2006, № 3, мод. 148; с. 2007, № 7, мод. 663; с. 2008, № 6, мод. 450; с. 2009, № 12, мод. 820; с. 2011, № 3, мод. 156; № 6, мод. 438, № 12, мод. 835; с. 2012, № 4, мод. 251; № 7, мод. 692; № 8, мод. 821, № 12, қ. 1, мод. 1023; с. 2013, № 3, мод. 183, мод. 184, № 12, мод. 884, мод. 885; с. 2014, № 11, мод. 649; с. 2017, № 7-9, мод. 569; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., № 1481; аз 20.06.2019 с., № 1614; аз 17.12.2020 с., № 1736.

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15-уми июли с. 2004, № 53 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №7, мод. 460.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» аз 1-уми марти с. 2005, № 83 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, № 3, мод. 122 (Қонунҳои ҶТ аз 5.03.2007 с., № 227; аз 29.12.2010 с., № 645; аз 02.01.2019 с., № 1566).

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» аз 20-уми марти с. 2008, № 363 [Матн] // Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 646; аз 13.11.2023, №1992.

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» аз 29-уми декабри с. 2010, № 666 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 825 (Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., № 1500; аз 17.05.2018 с., № 1534)

[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28-уми июни с. 2011, № 721 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 434; с. 2014, № 11, мод. 646; с. 2016, № 3, мод. 136, с. 2018 № 7-8, мод. 524.

[15]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 16-уми апрели с. 2012, № 818 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 268.

[16]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26-уми июли с. 2014, № 1095 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 392; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1185; аз 02.01.2020 с., № 1664.

[17]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи с. 2017, № 1414 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271 (Қонуни ҶТ аз 19.07.2019, № 1632, аз 23.12.2021, № 1820, аз 03.01.2024, № 2024.

[18]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» аз 30-юми майи с. 2017, № 1416 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 273; ҚҶТ аз 23.12.2021 с., № 1826.

[19]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» аз 23-юми декабри с. 2021, № 1845 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/.

[20]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» аз 4-уми декабри с. 2024, № 1487 // Қонуни ҶТ аз 27.02.2025 №2156, аз 19.03.2025 №2157.

[21]. Федеральный закон РФ «Об использовании атомной энергии» от 21 ноября 1995 г., № 170-ФЗ (с изменениями и дополнениями) // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://base.garant.ru/10105506/

[22]. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» аз 11-уми апрели с. 2014, № 188-V ЗРК // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1400000188

[23]. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» аз 23-юми апрели с. 2014, № 199-V ЗРК // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1400000199

[24]. Конуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ» аз 11-уми январи с. 1994, № 1360-XII (бо тағйиру иловаҳо аз 15-уми феврали с. 2023, № 27) // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://cbd.minjust.gov.kg/686/edition/1272924/ru

[25]. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29-уми декабри с. 2018, № 602 тасдиқ шуд // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.

[26]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» аз 30-юми апрели с. 2002, № 192 [Матн] (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-юми марти с. 2010, № 191)

[27]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таснифи ҳолатҳои фавқулода» аз 1-уми августи с. 2006, № 367 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=7906

[28]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода» аз 31-уми декабри с. 2014, № 833 // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?

[29]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода» [Матн] аз 30-юми декабри с. 2015, №799.

[30]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] аз 29-уми ноябри с. 2017, № 547.

[31]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» [Матн] аз 31-уми майи соли 2018, № 284.

[32]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» [Матн] аз 30-юми июни с. 2021, № 265 (замимаи 1 «Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалӣ намудани Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»).

[33]. Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020 [Матн], ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми марти с. 2013, № 1438 тасдиқ шудааст.

[34]. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [Матн], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми июни с. 2020, №211 қабул шуд.

[35]. Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри с.

2006, № 592 тасдиқ шудааст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.05.2008, № 283, аз 29.04.2009, № 274, аз 30.12.2011, № 673, аз 30.12.2015, № 819).

[36]. Кодекс об административной ответственности Кыргызской Республики от 4 августа 1998, № 115 [Электронный ресурс] (в редакции Закона Кыргызской Республики от 21 августа 2006 г. № 174) (утратил законную силу).

### II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

[37]. Анисимов, В.Л. Участие органов внутренних дел в чрезвычайных ситуациях и обстоятельствах: теоретический и правовой аспекты: монография [Текст] / В.Л. Анисимов. – М.: ВНИИМВД России, 2001. – 93.

[38]. Архипов, Н.И., Кульба, В.В. Управление в чрезвычайных ситуациях [Текст] / Н.И. Архипов, В.В. Кулба. - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Центр Российского государственного гуманитарного университета, 1998. – 315 с.

[39]. Архипов, Н.И., Кульба, В.В. Управление в чрезвычайных ситуациях: учебное пособие. изд. 3, пер. и доп. [Текст] / Н.И. Архипов, В.В. Кульба. – М.: РГГУ, 2008. – 474 с.

[40]. Атаманчук, Г.В. Теория государственного управления: учебник [Текст] / Г.В. Атаманчук. –М.: «Омега-Л», 2011. – 525 с

[41]. Баранников, А.Ф. Теория организации: учебник для вузов [Текст] / А.Ф. Баранников. - М.: ЮНИТИ, 2004. – 700 с.

[42]. Бачило, И.А. Функции управления (правовые проблемы оформления и реализации): монография [Текст] / И.А. Бачило. - М.: Юридическая литература, 1976. – 200 с.

[43]. Власова, О.С. Опасные природные процессы: учебное пособие [Текст] / О.С. Власова. - Волгоград: ВолгГАСУ, 2014. – 91 с.

[44]. Гелбрейт, Дж. К. Экономические теории и цели общества: пер. с англ. [Текст] / Под общ. ред. и с предисл. Н.Н. Иноземцева, А.Г. Милейковского. – М.: Прогресс, 1979. – 406 с.

[45]. Глущенко, Е.В., Захарова, Е.В., Тихонравов, Ю.В. Теория управления: учебный курс [Текст] / Е.В. Глущенко, Е.В. Захарова, Ю.В. Тихонравов. – М.: Вестник, 1997. – 332 с.

[46]. Громов, М.А. Организационные основы управления объединенной группировкой МВД России в условиях чрезвычайных правовых режимов (теоретические и организационно-правовые аспекты): монография [Текст] / М.А. Громов. – М.: Академия управления МВД России, 2007. – 256 с.

[47]. Зайцев, А.П. Чрезвычайные ситуации. Краткая характеристика и классификация: учебное пособие [Текст] / А.П. Зайцев. – М.: Журнал «Военные знания», 1997. – 80 с.

[48]. Кондрашов, Б.П. Общественная безопасность и административно-правовые средства ее обеспечения: учебное пособие [Текст] / Кондрашов Б.П. - М.: Щит-М, 1998. – 296 с.

[49]. Котарбиньский, Т. Трактат о хорошей работе / Т. Котарбиньский. - М.: Экономика, 1975. – 269 с.

[50]. Кузнецов, И.Н. Научные основы государственного управления в СССР [Текст] / И.Н. Кузнецов. – М.: Наука, 1979. – 439 с.

[51]. Лазарев, В.В., Левченко, И.П. Правоприменительная деятельность органов внутренних дел: учебное пособие [Текст] / В.В. Лазарев, И.П. Левченко; - М.: Академия МВД СССР, 1989. – 83 с.

[52]. Мелехин, А.В. Проблемы реализации чрезвычайного законодательства Российской Федерации: монография [Текст] / А.В. Мелехин. – М.: Академия управления МВД России, 2005. – 130 с.

[53]. Микеев, А.К. Управление силами и средствами органов внутренних дел и внутренних войск МВД России при ликвидации последствий крупных производственных, транспортных аварий и

катастроф: лекция [Текст] / Микеев А.К. - М.: Изд-во Акад. МВД России, 1996. – 107 с.

[54]. Микеев, А.К.., Порфирьев, Б.Н. Управление деятельностью органов внутренних дел при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера: учебное пособие [Текст] / А.К. Микеев, Б.Н. Порфирьев. – М.: Академия МВД России, 1995. – 86 с.

[55]. Организация управления органами внутренних дел: учебник [Текст] / [Ф.Ф. Анюров и др.]; под общ. ред. А. М. Кононова, И. Ю. Захватова; - Изд. 2-е, доп. и перераб. – М.: Спутник+, 2016. – 334 с.

[56]. Основы управления в органах внутренних дел: курс лекций [Текст] / Т.М. Занина [и др.]. – Воронеж: Воронежский институт МВД России, 2018. – 202 с.

[57]. Основы управления в органах внутренних дел: учебник [Текст] / Буденко Н. И., Герт Г. П., Коренев А. П. и др.; под ред. А.П. Коренева; - 4. изд., с изм. и доп. – М.: Щит-М, 2001. – 395. с

[58]. Петров, А.С. Что такое организация управления [Текст] / А.С. Петров. - М.: Знание, 1967. – 80 с.

[59]. Рассолов, М.М. Проблемы управления и информации в области права: монография [Текст] / М.М. Рассолов. – М.: Юридическая литература, 1991. – 208 с.

[60]. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 410 с.

[61]. Таҳлилҳои Кумитаи Ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Шарҳи вазъи ҳолатҳои фавқулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 [Матн]. – Душанбе: КҲФ ва МГ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.

[62]. Теория управления в сфере правоохранительной деятельности: учебник [Текст] / В.З. Веселый, Г.М. Воскресенский, В.Е. Караханов, В.Д. Малков, [и др.]; под ред.: Малков В.Д. - М.: Изд-во Акад. МВД СССР, 1990. – 324 с.

[63]. Цвилий-Букланова, А.А. [и др.]. Управление государственными и муниципальными финансами: курс лекций [Текст] / под ред. канд. юрид. наук А. А. Цвилий-Буклановой [и др.]. – М.: Академия управления МВД России, 2021. – 162 с.

[64]. Ҷорабиниҳои муҳандисию техникии мудофиаи граждани̅: тавсияҳо барои муассисаҳои таълими̅ [Матн]. – Душанбе: МҚС Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. – 21 с.

[65]. Юлдошев, Р.Р., Махмадиев, Х.Х., Акбарзода, А.А. Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.): научно-практическое пособие [Текст]. – Душанбе: Издательство «КОНТРАСТ», 2018. – 320 с. С 44.

[66]. Яновский, В.В. Государственное и муниципальное управление [Текст] / В.В. Яновский, С.А. Кирсанов. – М., КноРус, 2013. – 199 с.

[67]. Ясунов, П.А. Основные направления повышения сейсмической безопасности в Таджикистане: аналитический обзор [Текст] / П.А. Ясунов // Заседание Базовой организации государств – участников СНГ по проблемам технического регулирования в строительном комплексе (7-9 июня 2018 г.). – Душанбе: Институт геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии Академии наук Республики Таджикистан. – 48 с.

## III. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо

[68]. Абдурахимова, М.М. Современные геодинамические катастрофы и их социально-экономические последствия на территории Таджикистана (Согдийская область) [Текст]: автореф. дис. …географ. наук: 25.00.24 / Мавзуна Мухсиновна Абдурахимова. – Душанбе, 2019. – 27 с.

[69]. Адилов, А.Н. Теоретические, правовые и организационные основы совершенствования системы охраны общественного порядка в

Кыргызской Республике [Текст]: дис... д-ра юрид. наук: 12.00.11 / Айбек Насырович Адилов. - М. 2010. – 656 с.

[70]. Бондарев, О.М. Подготовка будущих инженеров к профессиональной деятельности в особых и экстремальных условиях: автореф. дис…канд. пед. наук: 13.00.08 / Олег Михайлович Бондарев. – Ставрополь, 2009. – 21 с.

[71]. Борзова, Е.Б. Правовое обеспечение безопасности населения и территории с учетом рисков возникновения чрезвычайных ситуации природного и техногенного характера: автореф. дис... канд. юрид. наук: 05.26.02 / Елена Борисовна Борзова. – СПб., 2008. – 23 с.

[72]. Громов, М.А. Управление объединенной группировкой министерства утренних дел Российской Федерации в условиях чрезвычайных правовых режимов (теоретические, правовые и организационные проблемы) [Текст]: дис... д-ра юрид. наук: 12.00.11 / Михаил Алексеевич Громов. - М.: Академия управления МВД России, 2008. – 495 с.

[73]. Громов, М.А. Управление объединенной группировкой министерства утренних дел Российской Федерации в условиях чрезвычайных правовых режимов (теоретические, правовые и организационные проблемы) [Текст]: автореф. дисс... д-ра юрид. наук: 12.00.11 / Михаил Алексеевич Громов. - М.: Академия управления МВД России, 2008. – 53 с.

[74]. Гулямов, 3.Х. Проблемы совершенствования деятельности милиции в период становления демократического правового государства [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Зафар Хисамович Гулямов. - Ташкент, 1995. – 19 с.

[75]. Дагиров, Ш.Ш. Правовое регулирование деятельности органов местного самоуправления в области защиты населения и территорий от чрезвычайных ситуаций: автореф. дис…канд. юрид. наук: 05.26.02 / Шамсутдин Шарабутдинович Дагиров. – СПб., 2006. – 23 с.

[76]. Жаворонкова, Н.Г. Эколого-правовые проблемы обеспечения безопасности при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера: афтореф. дис... д-ра юрид. наук: 12.00.06 / Наталья Григорьевна Жаворонкова. - М., 2007. – 52 с.

[77]. Можаева, И.П. Криминалистическое учение об организации расследования преступлений [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.12 / Ирина Павловна Можаева. - М., 2014. – 750 с.

[78]. Назаренко, И.А. Организация деятельности органов внутренних дел при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера [Текст]: дис…канд. юрид. наук: 12.00.14 / Игорь Анатольевич Назаренко. - М., 2003. – 226 с.

[79]. Норов, Д.К. Деятельность МВД Республики Таджикистан по обеспечению правового режима чрезвычайного положения: дис ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Джамолиддин Камолович Норов. – М., 2011. – 185 с.

[80]. Попов, С.Е. Оперативное управление органами внутренних дел федерального округа в кризисных ситуациях (теоретические, правовые и организационные основы) [Текст]: дис... д-ра юрид. наук: 12.00.11 / Сергей Егорович Попов. - М., 2006. – 362 с.

[81]. Старостин, С.А. Управление органами внутренних дел при чрезвычайных ситуациях: (правовые и организационные аспекты) [Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.13 / Сергей Алексеевич Старостин. – М.: Академия управления МВД России, 2000. – 32 с.

[82]. Степанов, А.Г. Организационно-правовые основы деятельности учебных заведений органов внутренних дел в чрезвычайных обстоятельствах [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 05.13.10 / А.Г. Степанов. - М., 1994. – 296 с.

[83]. Тоирова, Ш.М. Особенности развития современной таджикской экологической журналистики в свете проблем водных ресурсов, строительства Рогунской ГЭС и чрезвычайных ситуаций

[Текст]: дис. ... канд. наук: 10.01.10 / Шоира Музафаровна Тоирова. – Душанбе, 2015. – 167 с.

[84]. Хантуев, А.А. Принцип единоначалия и его реализация в управлении органами внутренних дел [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Али Абакарович Хантуев. – М., 2003. – 23 с.

[85]. Чагалидзе, Д.Н. Правовые и организационные проблемы взаимодействия органов государственной власти и организаций по предупреждению и тушению лесных пожаров (на примере Ленинградской области) [Текст]: автореф. дис…канд. юрид. наук: 05.26.02 / Даниел Нодариевич Чигалидзе. – СПб., 2009. – 26 с

[86]. Черных, В.В. Организационно-правовые основы деятельности органов внутренних дел в условиях чрезвычайных ситуаций природного характера [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Виталий Викторович Черных. – М.: Академия управления МВД России, 2009. – 233 с.

[87]. Удальцова, Н.В. Правовое регулирование деятельности субъектов правоохранительной системы при чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера [Текст]: автореф. дис…канд. юрид. наук: 05.26.02 / Наталья Вячеславовна Удальцова. – СПб. 2009. – 23 с

